ISSN 2222-9809

# ПАЁМИ
# АКАДЕМИЯИ ТАЊСИЛОТИ
# ТОЉИКИСТОН

# ВЕСТНИК
# АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ
# ТАДЖИКИСТАНА

№ 2 (9) 2012

***Ба ифтихори 10-солагии таъсиси***
***Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

**М У Н Д А Р И Ҷ А**

***МЕРОСИ ПЕДАГОГӢ***


***Жан Жак РУСО***
«Э М И Л ва ё Дар бораи тарбият»………………………………………….... 6-12

***Сафар СУЛАЙМОНӢ***
***Маҳмадулло РАҶАБОВ***
Мактаби асолатгароӣ дар пажӯҳишҳои педагогӣ…………………………..... 13-20

***Алишер АЛИЕВ***
Суннатҳои омӯзиш ва парвариши ниёгон-тоҷикон
дар матни таҳсилоти муосир…………………………………………………. 21-31

***ИБТИКОРОТИ ПЕДАГОГӢ***

***Файзулло ШАРИФЗОДА,***
***Ҷумъа БУЛБУЛОВ***
Равандҳои ибтикоротӣ дар таълим …………………………………………... 32-37

***Муҳаммад Меҳдии МАРДОНШОҲӢ***
***Гавҳар МУХТОРОВА***
Ибтикорот дар фаъолиятҳои соҳибкорӣ………………………………….... 38-42

***Зуҳра КОВА***
Ҷойгоҳи омӯзиши технология дар раванди таълим……………………………. 43-52

***Зуҳра ҲАДОД***
Таъсири телевизион дар омӯзиши саводи расонаӣ……………………………. 53-61

***Алии МАРВӢ***
Раҳёфти навин дар таҳқиқи мушкилоти
сиёсати давлатии Ирон дар ростои омӯзишу парвариш………………………. 62-71

***ПЕДАГОГИКАИ РАВОНШИНОСӢ***

***Бижани ҚУРБОНӢ***
Омилҳои муассир ба моводи мухаддир дар шахс………………………………. 72-77

***Маҷид Маҳмуди МУЗАФФАР***
Китоби Хоҷа Насируддини Тӯсӣ «Ойини донишандӯзӣ»-
сарчашмаи педагогӣ…………………………………………………………... 78-82

***ПЕДАГОГИКАИ ФАРЊАНГШИНОСЇ***

***Баьром ЉАДИДЇ***
***Ботур КАРИМОВ***
Фароѓати кўдакони истисної дар Ирон.............................................. 83-92

***Аьмад Ризо ДОДОР***
Шодкомї дар пешрафти омўзиш: натиљаьои пажўьиш........................... 93-98
***Зуьра Шоьї***
***Баьроми ЉАДИДЇ***
Фароѓати донишомўзон: дидгоььои мухталиф................................ 99-103

***ПЕДАГОГИКАИ ПРИВЕНТИВЇ***

***Садро МИРЗОЉОНЇ***
Рафторьои announcements нописанд дар мактаб..................................................... 104-111

***Фалоьатии БЕЉОРПАС***
***УМУЛБАНИН***
Баррасии мафьуми кўдаки базеькор
дар ьуќуќи Ирон...................................................................... 112-115

***ПЕДАГОГИКАИ БУМЇ***

***Насими ЛУТФЇ***
Вазъият ва мушкилоти мадрасаьои
кўчнишинон дар Ирон............................................................... 116-122

**ДОНИШНОМАИ ПЕДАГОГИКАИ НАВИН**............ ........................... 123-143

**НАВИДЊОИ ИЛМИЮ ФАРЊАНГЇ**................................................ 144-152

**НАЌД ВА БАРРАСИИ КИТОБ**
***Неъмутулло ЊАЛИМОВ***
*Дар маљрои дигари фарьангшиносии навин*........................................................ 153-155

***Ќурбоналї БЎРИЕВ***
***Сайфиддин КАМОЛЗОДА***
*Падидаи тоза дар илми љадид*.............................................................................. 154-155

**НАШРИЯЊОИ ТОЗА**......................................................................................... 156-158

## С О Д Е Р Ж А Н И Е

### *ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ*

***Жан Жак РУССО***
Эмиль, или О воспитании…………………………………………………………….. 6-12

***Сафар СУЛАЙМОНИ***
***Махмадулло РАДЖАБОВ***
Школа идеализма в педагогической науке ……………………………………….. 13-20

***Алишер АЛИЕВ***
Традиции обучения и воспитания предков-таджиков
в контексте современного образования…………………………………………… 21-31

### *ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ИННОВАТИКА*

***Файзулло ШАРИФЗОДА,***
***Джума БУЛБУЛОВ***
Инновационные процессы в воспитании……………………………………….. 32-37

***Мухаммад Мехди МАРДОНШОХИ,***
***Гавхар МУХТОРОВА***
Инновация в предпринимательской деятельности…………………………… 38-42

***Зухра КОВА***
Место технологии образования в процессе
образования……………………………………………………………………………. 43-52

***Зухра ХАДОД***
Роль ТВ в обучении информационной
грамотности……………………………………………………………………….... 53-61

***Али МАРВИ***
Исследование проблемы государственной политики
Ирана в области образования…………………………………………………….. 62-71

### *ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПСИХОЛОГИЯ*

***Бижан КУРБАНИ***
Факторы воздействия наркотических веществ
на личность………………………………………………………………………… 72-77

***Маджид Махмуд МУЗАФФАР***
Книга Ходжа Насираддина Туси («Этика обучения»)
как педагогический источник………………………………………………….. 78-82

***ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРОЛОГИЯ***

***Бахром ДЖАДИДИ***
***Ботур КАРИМОВ***
Досуг детей с ограниченными 83-92
возможностями в Иране……………………………………………………..
***Ахмад Ризо ДОДОР***
Жизнерадостность и в совершенствование 93-98
знаний учащихся ………………………………………………………………....

***Зухра ШАХИ***
***Бахроми ДЖАДИДИ*** 99-103
Досуг школьников: различные взгляды……………………………………...

***ПРЕВЕНТИВНАЯ ПЕДАГОГИКА***

***Фалоњати Бељорпас УМУЛБАНИН***
Исследование понятия девиантные дети в 104-111
законодательстве Ирана……………………………………………………..

***Садро МИРЗОДЖАНИ*** 112-115
Нежелательное поведение детей в школе……………………………………..

***ЭТНОПЕДАГОГИКА***

***Насим ЛУТФИ***
Состояние и проблемы школ для кочевных 116-122
народов в Иране……………………………………………………………………. 
123-143
**НОВЕЙШАЯ ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ЭНЦИКЛОПЕДИЯ**……………………. 
144-152
**НАУЧНЫЕ И КУЛЬТУРНЫЕ ИЗЫСКАНИЯ**……………………………….

**КРИТИКА И БИБЛИОГРАФИЯ**

**Неъмутулло Халимов** 153-155
*В новой странице культурологии*…………………………………………………

***Курбонали БУРИЕВ***
***Сайфиддин КАМОЛЗОДА*** 154-155
*Новая парадигма в современной науке* ...............................................................
156-158

***МЕРОСИ ПЕДАГОГЇ***

***ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ***

***Жан Жак РУСО***



*Китоби машњури яке аз чењрањои шинохтаи педагогикаи башар, маорифпарвари фаронсавї Жан Жак Руссо (1712-1778) "Эмил ва ё Дар борам тарбият» дар радифи дурдонањои маънавию тарбиятї љойгоњ ва манзалати вижаро доро мебошад.*

*Воќеан аќидањои педагогии ин марди бузург чунон таконе ба дунё додааст, ки осори он њанўз боќї аст. Њар рўз дар мактуботи ў матолиби љадиде кашф мешавад, ки пешбинии ўро дар масоили сиёсї, иљтимої ва фарњангї собит мекунад. Шояд рўзе бирасад, ки баъзе аз фарзиянњои вай , ки акнун мубњам ё ѓалат ба назар мерасад, равшан шавад ё таъйид гардад. Метавон гуфт аз тамоми файласуфони ќарни њаждањум Русо ба мо наздиктар аст, яъне афкори ў бештар бо афкори мардуми ќарни бисту якўм њамоњангї дорад.*

*Профессор Сафар Сулаймонї*

## «Э М И Л ВА Ё ДАР БОРАИ ТАРБИЯТ»

### ТАБИАТ ВА ТАРБИЯТ

**Оѓози кўдакї**

*Муроќибатњои мавриди ниёзи навзод*

Њарчї аз дасти холиќи олам берун меояд, аз айбу нуќси мурработї аст, вале ба мањзи ин ки ба дасти авлоди Одам расид, фосид мешавад. Одамизод ќитъаи заминеро маљбур мекунад мањсулеро, ки муносиби замини дигаре аст бидињад ва дарахтеро водор месозад бори дарахти дигареро биёварад. Иќлим, аносир ё фаслњоро бо њам махлут мекунад, саг, асп ё ѓуломи худро ноќисулаъзо мекунад, то ќашангтар ба назар ояд. Њама чизро ба њам мезанад, шакли њама чизро таѓйир медињад. Майл надорад њељ мављуде њамон тавре, ки ба дасти табиат сохта шудааст, боќї бимонад, њатто ин ки он мављуд инсон бошад. Ў лозим медонад бачаи инсонро монанди кураи аспе, ки ба

дарди тохтутоз мехўрад, тарбият кунад, ўро ба њар сурате, ки мехоњад дароварад ва мисли дарахтони боѓи худ њар шаклеро, ки майл дорад ба ў бидињад.

Лекин имрўз бо вазъияти феълї агар одамиён фарзандони худро тарбият накунанд, авзоъ ва ањволи мо бадтар аз инки њаст, хоњад шуд, зеро навъи башар ё бояд тибќи ќонунњои табиат бузург шавад ё мутобиќи ќоидањои љомеањои мутамаддин тарбият ёбад. Фарз мекунем, дар вазъияти кунунї кўдаке аз њангоми таваллуд ба умеди табиат рањо мешуд ва касе аз вай муроќибат намекард. Агар зинда мемонд аз њамаи афрод ноќистару бадбахттар мешуд, зеро аќоиди кўњнапарастон, эњтиёљ, таќлид, нуфузи дигарон ва билохира, тамоми маросиму одоби иљтимої, ки мо дар миёни он ѓарќ шудаем, эњсосоти табии ўро нобуд мекард, ќавоиди табиї ўро зоил мекард ва чизе њам љойгузини он намекард. Ў монанди буттае, ки тасодуфан дар миёни роње рўида бошад, аз њар тараф хам шуда бошад, билохира аз байн меравад.

Эй модари мењрубон ва пешандеш, бо ту сухан мегўям. Бо ту, ки тавонистї аз шореи умум дур шавї ва буттаи нораси инсониро аз тасодуми аќоиди одамиён мањфуз дорї. Ин гиёњи навро пеш аз он ки њалок шавад, эњтиёт кун, обёрї кун, то рўзе меваи он туро лаззат бахшад. Бидунишак њисоре ба даври рўњи фарзандат бикаш. Дигаре мумкин аст онро таъин кунад, вале фаќат ту метавонї девор бино кунї[1].

Гиёњон аз тариќи кишт ва зироаткорї таѓйири сурат (чењра) медињанд ва инсонро ба мадади тарбият. Агар инсон бузургу нерўманд ба дунё омада буд то рўзе, тарзи истифода аз ќаду ќомат ва зўри худро намеомўхт, наметавонист аз он истифода кунад, чї басо ин дуруштии ќомат ва ќуввати бозу ба зарари ў тамом мешуд, чун монеъ мешуд, ки дигарон ба фикр бияфтанд ва ба ў мадад бирасонанд[2] ва чун ўро ба умеди худ рањо мекарданд, ќабл аз ин ки ба эњтиёљоти хеш пай барад, аз ранљу бадбахтї њалок мешуд. Баъзењо аз даврони кўдакї гиламанданд, вале мутаваљењ нестанд, ки агар инсон кўдак ба дунё намеомад, навъи башар ба зудї аз байн мерафт.

Њангоме, ки ба дунё меоем заиф њастем ва ба нерў эњтиёљ дорем, ба кўмаки дигарон мўњтољем, њељ чиз намефањмем ва ба ташхису ќазоват эњтиёљ дорем. Тамоми ончиро, ки њангоми таваллуд надорем, дар бузургї ба он эњтиёљ пайдо хоњем кард, аз тариќи тарбият ба даст меоварем.

Ин тарбиятро метавон ё аз табиат, аз одамиён ё аз ашёъ фаро гирифт. Тавсиаи дохилии узву аъзои бадан парварише аст, ки аз табиат меомўзем, тарбияти одамон ба мо ёд медињад, ки чигуна бояд аз ин тавсиа истифода кард. Ончї аз тариќи озмоиши чизњое, ки моро ињота карда ва бар мо таъсир дорад меомўзем, тарбияте аст, ки падидањои атрофамон ба мо медињад.

Бинобар ин, њар як аз мо аз љониби се устод тарбият мешавад. Шогирде, ки ин се дарс дар вай таъсироти манфї гузорад, хуб тарбият нашудааст ва њаргиз байни рўњияи ў ва рафтораш тавофиќу њамоњангї ба вуљуд намеояд. Фаќат касе, ки ин се ќисми тарбият дар вай ба шакли вoњид муассир афтодааст, ба маќсуд мерасад ва чунончї шояду бояд зиндагї мекунад, яъне фаќат ў хуб тарбият шудааст.

---

[1] Ба ман мегўянд, ки Мисю Форми (M. Formey) тасаввур кардааст дар ин љо ман ба модарам хитоб кардам ва њатто ин тасаввури худро дар як китоб њам зикр кардааст. Касоне, ки инро мегўянд ё маро масхара кардаанд ё Мисю Формиро. Ж.Ж.Р.

Медонам, ки Русо аз тарси додгустарии Фаронса китоби «Эмил»-ро дар кишвари Њоланд ба чоп расонид. Неулм (Neaulme) – ношире, ки ин китобро дар соли 1762 табъ карда буд, мавриди таъќиби давлати Њоланд ќарор гирифт ва барои напардохтани љаримаи њангуфте, ки аз вай талаб мекарданд, аз кашиши протестонї мавсуф ба Форми, ки узви Академияи Берлин буд, дархост кард баъзе ќисматњои «Эмил»-ро аз байн барад ё таѓйир дињад ва муљаддадан ба табъ расонад, то мушкилот бартараф щаванд. Форми, ки пештар рисолае бо унвони «Антиэмил» (Anti-Emile) мунташир сохта буд, пешнињоди Неулмро пазируфта ва китоби «Эмили масењї» (Emile-chretien)-ро барои ў тадвин кард, вале Руссо бархўрди тунде бо Форми кард.

[2] Зеро дар ин сурат аз њайси зоњир мисли одамњои болиѓ буд, вале наметавонист њарф бизанад ва аз мафоњиму матолибе, ки дигарон аз тариќи такаллум ба мо меомўзанд, низ мањрум буд. Бинобар ин, наметавонист эњтиёљеро, ки ба кўмаки эшон дошт нишон дињад ва онњо низ аз зоњири ў ба эњтиёљоташ пай намебурданд. Ж.Ж.Р.

Лекин аз се ќисм парвариши фавќ тарбияте, ки табиат анљом медињад дар ихтиёри мо нест. Тарбияте њам, ки аз падидањои муњити атроф њосил мешавад, фаќат аз баъзе љињат дар ихтиёри мост. Танњо тарбияте, ки аз тарафи одамон анљом мегирад комилан тањти ќудрату нуфузи мост, гарчї мо яќин надорем, ки дар ин ќисмат њам мухтор бошем, зеро кист он ки умедвор бошад, битавонад тамоми рафтору гуфтори онњоеро, ки дар атрофи кўдак ба сар мебаранд, баррасї кунад ва тањти ихтиёри худ ќарор дињад.

Њоло ки маълум шуд, тарбият ба навъе дарвоќеъ њунар аст, бояд гуфт, ки ин кор мањорати зиёде талаб мекунад ва мањол аст, ки ба муваффаќияти комил анљомад. Зеро тамоми омилњое, ки барои тавфиќ лозим аст, дар дасти њељ кас нест, танњо коре, ки метавонем бикунем ин аст, ки бикўшем то њадди мумкин ба маќсуди худ наздик шавем. Дар муваффаќияти комил, албатта бахту иќболи мо њам дахил аст.

Ин маќсадњое, ки ба он ишора кардем кадом аст? Ин њамон м маќсадњое аст, ки табиат дар худ дорад. Њоло ки мусоидати њар се тарбият барои такмили ин се шеваи тарбиятї лозим аст, бояд тарбияти аввал, яъне парвариши табиатро, ки аз ихтиёри мо хориљ аст, асос ќарор дод ва ду навъи дигари тарбиятро ба он муттако сохт. Албатта мумкин аст калимаи табиат мафњуми мубњаме (номафњум) дошта бошад, дар ин љо саъй мекунам маъноии онро равшан созам.

Хелењо мегўянд, ки табиат чизе ѓайр аз одат нест[3], вале мо баъзе одатњоро мешиносем, ки маљбуран падид омадаанд ва њељ ваќт хусусиёти фитрї ва табииро аз байн набурдаанд. Масалан, агар шохаи гиёњеро аз рўидан ба таври амудї монеъ шаванд, ба таври уфуќї рушд мекунад ва агар дубора озод шавад, ин рушди уфуќиро, ки ба ў додаанд њифз хоњад кард. Зеро ба он одат кардааст, зимнан шираи растанї, ки дар рагњои он љорї аст, тадовими худро аз даст надодааст. Агар гиёњ муддате ба рушди худ идома дињад, билохира дунболаи он муљададан имтидод ќоим пайдо хоњад кард. Тамоилоти башарї низ њамин тавр аст; то замоне, ки инсон дар вазъияти муайяне ба сар мебарад, тамоилотеро, ки натиљаи одат аст, гарчанде ѓайритабиї бошад, њифз мекунад, вале ба мањзи ин ки вазъият иваз шавад, одат тарк мешавад ва табиати худро аз сар мегирад. Албатта, тарбият чизе ѓайр аз навъи одат нест. Вале мулоњиза мекунед, ки баъзе ашхос тарбияти худро ёд мебаранд, њоло он ки ашхоси дигаре онро њифз мекунанд. Ин ихтилофот аз куљост? Агар бояд номи табиатро ба одоти мувофиќ бо табиат мунњасир сохт, дигар эњтиёље ба ин ибороти печидаву торик нест.

Мо њассос ба ин дунё меоем ва аз рўзи таваллуд ба тариќи мухталиф тањти таъсири падидањои гуногуне, ки моро ињота кардааст, ќарор мегирем. Ба мањзи ин ки эњсосотеро, ки дар мо падид меояд шинохтем, омода мешавем ба падидањое, ки ин эњсосотро дар мо тавлид мекунанд, наздик шавем ё аз он дурї гузинем. Ин амал дар се марњила анљом мегирад: аввал, бар њасби ин ки падидањо барои мо матбўъ аст ё мунфард. Дуюм, ин ки байни мо ва он падида муносибате ёфт мешавад ё намешавад. Сеюм, бар њасби он ки мафхуми **саодат ва камол**, ки аќл ба мо омўхтааст, дар он мављуд аст ё нест. Ба тадриљ мо бештар њассос мешавем. Ин тамоил ё танафур дар мо мањкамтару шадидтар мешавад. Вале чун тањти фишори одоти мо ќарор мегирад, табъан аќидањои мо кам ё беш таѓйир меёбад; ин тамоилотро пеш аз он ки таѓйир кунад, табиат меномем.

Дар боло гуфтем, ки бояд њама чизро тобеи ин тамоилоти аввалия ќарор дињем. Агар се навъи тарбияти мазкур фаќат бо њам мутафовут буданд, ин кор имконпазир буд, вале мушкил дар ин аст, ки ин се навъ тарбият мутаноќис њастанд.

---

[3] Мисю Форми њам изњор медорад, ки мардум чунин чизеро ба таври сарењ намегўянд, ба назари ман дар ин шеър, ки ќасд доштам ба он посух бидињам, ба таври сарењ ин матолиб гуфта шудааст: *њарфи маро бовар кун, табиат чизе ѓайр аз одат нест.*

Мисю Форми, ки намехоњад њисси ѓурури њамнавъони худро тањрик кунад, бо нињояти шикастанафасї дараљаи фањми башарро дар њудуди маѓзи сабуки худ тасаввур мекунад. Ж.Ж.Р.

Њар вақт ба љои ин ки одамиро барои худаш тарбият кунед, мехоњед ўро барои дигарон парвариш дињед, дар натиља тавофиқи байни се навъи тарбияти фавқ ғайримумкин мешавад, чун маљбурем ё алайњи фитрату табиат ё алайњи одобу русум ва муқаррароти иљтимої мубориза кунем. Бояд байни тарбияти як инсони комилу як шањрванди[4] комил якеро интихоб кунем, зеро наметавон дар они воњид њар ду корро кард.

Њар љомеаи хурд вақте, ки комилан мањдуд ва муттањид бошад, аз љомеаи бузург људо мешавад. Њар одами мењанпараст нисбат ба бегонагон сахтгир аст, зеро дар назари ў хориљињо мављуди зиндае беш нестанд ва њељ арзише надоранд[5]. Ин нуқс иљтинобнопазир аст, вале зиёд муњим нест. Он чї ањамият дорад ин аст, ки инсон нисбат ба касоне, ки бо онњо ба сар мебарад (зиндагї мекунад), хушрафтору мењрубон бошад. Як фарди спартанї нисбат ба хориљињо њарис, бахил ва золим буд, лекин гузашт, адолат ва сулњ дар дохили шањри ў њукмфармої дошт. Ба онњое, ки њамаи оламро ватани худ медонанд ва дар китобњои худ аз хидмат ба мардуми кишварњои дурдаст сўњбат мекунанд, вале нисбат ба атрофиёни хеш њељ гуна мусоидате нишон намедињанд, эътимод надошта бошед. Фалон файласуф миллати турку тоторро дўст медорад, барои ин ки аз дўст доштани наздикони худ маоф бошад.

Инсони вањшї, ки дар табиат ба тавri мунфард (тањо) ба сар мебарад, њарчї њаст барои худаш аст. Ў монанди адади воњиде аст байни ададњои дигар. Ин воњиди мутлақ ғайр аз бо худ ё бо назири худ робитае надорад. Инсони мутамаддин, ки дар љомеа зист мекунад, монанди воњиде аст, ки сурати касриро ташкил медињад. Яъне, ба махраљ вобастагї дорад ва арзиши он вобаста аст ба равобити он бо ададњои сањењи махраља, ки њамон њайъати иљтимоъ аст[6]. Ташкилоти иљтимої воқеи он аст, ки бењтару бештар битавонад фитрату табиати башарро тағйир дода, вуљуди мутлақ ва зиндагии мустақилро аз вай бигирад ва як њаёти муқайиду мањдуд ба ў бахшад ва шахсияти фардии ўро дар воњиди муштарак мустањил созад, ба тарзе, ки њар фарди муайяне худро дигар як воњид фарз накунад, балки љузъе аз воњид бидонад ва вуљуди ў фақат дар кулл, яъне дар миёни љомеа намоён бошад. Фалон фарди румї худро Каюс ё Лусиус[7] намехонад, балки хештанро як фарди румї медонисту бас. Регулус[8], ки асири љангљўёни Картеж (Carthage) шуда буд, худро яке аз мардуми Картеж мушумурд, зеро ғуломи онњо буд. Ба ин љињат вақте розї шуд дар байни аъзои маљлиси Сенати Рум љой бигирад, ки арбобони Картежи вай ба ў амр доданд, њатто мавқее, ки румиён хостанд љони вайро аз марг наљот дињанд, дар хашм шуд. Пас аз он ки ба мадади қуввати рўњи худ бар душман чира гашт, бо зафармандии воқеї ба Картеж баргашт ва дар зери шиканља љон дод. Гумон мекунам мардуме, ки мо имрўз мешиносем, хеле бо ў тафовут доранд.

---

4 Дар дунёи қадим (Юнону Рум) касоне, ки дар шањр (cite) зиндагї мекарданд ва аз њуқуқи маданї бањраманд буданд, шањрванд (citoyens) номида мешуданд. Бинобар ин, бегонагон ё ғуломон шањрванд набуданд. Дар истилоњи Руссо шањрванд касе аст, ки ба иљтимоъ муфид аст ва нисбат ба шањр ё ватани худ вазифањое дорад, ки қисмате аз осоишу озодии худро фидои он мекунад.

5 Ба ин љињат аст, ки љанги байни мамолики Љумњурї шадидтару берањмонатар аз љанги байни кишварњои салтанатї аст, вале агар љанги салтанатњо зиёд сахт нест, сулњи он басе душвор аст, бењтар аст инсон душмани ишон бошад, то њамраъйи онњо. Ж.Ж.Р.

6 Яъне, инсони вањшї комилан озод аст, зеро њељ қабате озодии ўро мањдуд намекунад. Муошираташ њам бо ашхосе хоњад буд, ки монанди худаш њељ гуна алоқањои иљтимої надоранд. Њол он ки инсони мутамаддин дар љомеае зиндагї мекунад, ки русумот, муқаррарот ва қонунњои он вайро ба куллї муқайид сохтааст ва дар њар иқдоме, ки мекунад, ночор аст робитаи худро бо љомеа дар назар бигарад.

7 Lucius, мақсуди Руссо Lucius Caius – шоири њаљвсарои румї аст, ки дар қарни дуюми қабл аз милодї мезист.

8 Regukus – консули Рум, ки дар қарни сеюми қабл аз милодї мезистааст ва дар мењанпарастї маъруф аст. Баъд аз он ки Макрар сипоњиёни Картежро шикаст дод, асири онњо шуд. Картежињо ўро ба њайсе, ки маъмури пешнињоди сулњ ё мубодилаи асирони љангї буд, ба Рум фиристоданд ва аз ў қавл гирифтанд, ки румиёнро водор ба қабули пешнињод кунад ва агар он пешнињод пазируфта нашуд, ба Картеж баргардад. Регулус сенаторњои Румро тањрик кард, ки пешнињодњоро рад кунанд ва бо вуљуди исрори њамватанону дўстон ва хонаводаи худ муљададан ба Картеж баргашт ва дар он љо дар зери шиканља љон дод.

Яке аз аҳолии Ласидимони[9] мавсум ба Педорит[10] барои ширкат дар шӯрои сесаднафарӣ ҳузур ёфт, ӯро напазируфтанд, бо ниҳояти хушрӯйӣ бозгашт ва хушнуд буд, ки дар Спарта сесад нафар беҳтару лоиқтар аз ӯ вуҷуд дорад. Ман гумон мекунам шодии ӯ воқеӣ будааст; шаҳрванди ҳақиқӣ бояд чунин бошад.

Як зани спартанӣ панҷ писар дар артиш дошт ва мунтазир буд хабаре аз майдони ҷанг ба вай бидиҳанд. Як айлот[11] омад, зан бо изтироб натиҷаи размро пурсид. Айлот гуфт: «Панҷ писари шумо кушта шудаанд, вале фатҳ бо мост». Зан гуфт: «Эй ғуломи палид, магар роҷеъ ба писаронам аз ту чизе пурсидам? Спарта пирӯз шудааст, ҳамин ба ман бас аст». Сипас, он зани диловар ба маъбад давид ва худоёнро ба поси зафармандии меҳани худ ташаккур гуфт; *зани шаҳрванд бояд чунин бошад*!.

Касе, ки мехоҳад дар миёни ҷомеа бартарии эҳсososoти табииро маҳфуз дорад, намефаҳмад чӣ мехоҳад, ҳамвора бо хештан дар мухолифату мубориза хоҳад буд ва ҳамвора байни амёл ва вазоифи худ мардуд хоҳад монд; ҳеҷ вақт як инсони ҳақиқӣ ё як шаҳрванди воқеӣ нахоҳад шуд, на барои худаш муфид хоҳад буд ва на барои дигарон, назирашро дар байни мардуми имрӯзӣ мебинем. Масалан, фаронсавӣ ё инглис ё ҳар шахсе ба худии худ инсони воло нахоҳад шуд.

Барои он ки одамӣ ба ҷойе бирасад, барои ин ки ҳамеша якҷур бошад, бояд кирдори ӯ мутобиқи гуфтораш бошад, бояд тасмимоти худро бигирад ва дар он собитқадам бимонад. Дилам мехоҳад ҳамчу нобиғаеро ба ман нишон бидиҳед, то бинам инсоне озоду мустақил аст ё шаҳрванду муқайид ва агар ҳар дуи инҳост, чигуна чунин тавфиқи касб кардааст.

Аз ин мавзӯъҳо ва мавориде, ки таноқизи онҳо ҳатмӣ аст, ду қисм ташкилоти мутазод пайдо мешавад: яке умумию муштарак ва дигаре хусусию хонаводагӣ.

Агар майл доред бар мафҳуми **тарбияти умумӣ** иттилоъ ҳосил кунед «Ҷумҳурӣ»-и Афлотунро мутолиа кунед[12]. Онҳое, ки аз исми ин китоб мундариҷоти онро қазоват мекунанд ва хаёл мекуна нд ин рисола роҷеъ ба сиёсат навишта шудааст, ба хато рафтаанд. Зеро ин асари нафис яке аз беҳтарин таълифоте аст, ки то кунун дар фани тарбият интишор ёфтааст. Ҳар вақт мехоҳед аз як кишвари хаёлӣ сӯҳбат кунед, ба ташкилоти афлотунӣ ишора мекунед. Агар Ликург[13] ташкилоти худро фақат рӯйи коғаз оварда буд (яъне ба мавриди иҷро нагузошта буд) ман он ташкилотро хеле мавҳумитар аз «Ҷумҳурӣ»-и Афлотун медонистам. Афлотун қалби инсонро соф ва рӯҳи ӯро пок намудааст. Дар сурате, ки Ликург қалби ӯро тағйир дода ва фосид кардааст.

Имрӯз ташкилоти умумӣ ва муассисоти парваришӣ ба маънои воқеии он дигар вуҷуд надорад ва наметавонад ҳам вуҷуд дошта бошад, зеро он ҷо, ки ватан нест, шаҳрванд ҳам нест ва вожаи меҳан ва шаҳрвандро бояд аз қомуси забонҳои мо нест кард. Далели ин амрро медонам, вале майл надорам онро иброз кунам, зеро марбут ба мавзӯе аст, ки дар он баҳс мекунам нест.

Албатта, ман бунгоҳи таълимотии мазҳакро, ки коллеҷ[14] меноманд, муассисаи тарбиятӣ намедонам. Тарбиятеро низ, ки имрӯза дар маҳфилҳои аъёну ашроф роиҷ аст, тарбият намешуморам, зеро ин тарбият фақат одамҳои дур ва мунофиқ бор меоварад, ки ба назар меояд ҳама чизро барои дигарон мехоҳанд, дар сурате, ки дар ниҳоят ҳама

---

[9] Lacedemonie – яке аз кишварҳои мустақили Юнони қадим аст, ки пойтахти он Спарта дар таърих маъруф аст.

[10] Pedarete - яке аз мардони Спарта.

[11] Ilote – табақае аз ғуломон дар Спарта.

[12] La Republique de Platon, китоби «Ҷумҳурӣ»-и Афлотун, ки сурати муколамаи ду нафар навишта шудааст, назариёти он файласуфи бузурги юнониро дар бораи беҳтарин тарзи ҳукумат баён мекунад.

[13] Lycurgue – қонунгузори маъруфи Спарта дар қарни даҳуми қабл аз милод.

[14] College – дар баъзе мадорис, махсусан дар Донишгоҳи Париж теъдоде устод вуҷуд дорад, ки мавриди алоқаи ман ҳастанд ва ба онҳо эҳтиром мегузорам ва яқин дорам агар маҷбур набуданд равишҳоеро, ки марсум шудааст, иҷро кунанд, хуб аз ӯҳдаи таълиму тарбияти ҷавонон бармеомаданд. Яке аз онҳо барномаи ислоҳотиро тарҳ кардааст, ки умедворам мунташир созад. Шояд вақте ки диданд ин мариз дармон дорад, дар садади муолиҷаи он бароянд. Ж.Ж.Р.

чизро фақат барои худашон мехоҳанд. Вале чун ин тазоҳурот дар байни тамоми мардум маъмул аст, касе онро намехӯрад ва барои зоҳирсозон натиҷае надорад.

Ин тазодҳо сабаби таноқисе аст, ки ҳамвора дар вуҷуди худ ҳис мекунем. Чун таҳти фишори табиат ва таъсири одамиён дар роҳҳои мухолиф кашида мешавем, маҷбурем фикри худро байни ин кашишҳои мухолиф тақсим кунем ва роҳеро биёбем, ки натиҷаи ҳамон ду роҳ аст, вале моро аз ҳардуи онҳо дур месозад. Ба ин тариқ, дар тамоми давраи зиндагӣ дар тарадуд ҳастем ва бидуни ин ки ҳеҷ вақт байни пиндору кирдори мо тавофиқ ҳосил шавад ва бидуни ин ки барои худамон ё барои дигарон муфид бошем, ба ин ҳаёти ориятӣ хотима медиҳем.

Ҳоло мемонад тарбияти фардӣ ё парвариши табиат. Аммо одаме, ки фақат барои худаш тарбият шудааст, ба дигарон чӣ фоида хоҳад расонд? Шояд агар метавонистем ин ду манзурро як кунем. Мумкин буд таноқизотеро, ки дар инсон ёфт мешавад, аз байн барем ва монеи бузурге аз сари роҳи саодати ӯ бардорем. Барои ин ки бубинем оё ин кор мумкин аст ё на, бояд инсони болиғро дар назар бигирем. Бояд дар тамоилот ва тараққиёти ӯ таамуқ варзем ва рафтору ҳаракоти вайро дунбол ва баррасӣ кунем. Хулосаи калом ин ки бояд инсони табииро комилан бишносем. Гумон мекунам онҳое, ки ин китобро бихонанд дар таҳаққуқи ин мавзӯъ то ҳадде муваффақ шаванд.

Барои ин ки чунин одами зиқимате тарбият кунем чӣ кор бояд кунем? Як кори бисёр мушкил: набояд гузошт ҳеҷ коре анҷом бигирад.

Вақте дарёнаворд мехоҳад дар ҷиҳати мухолифи бод ҳаракат кунад, киштиро гоҳе аз ин тараф ва гоҳе аз он тараф меронад, вале агар дарё тӯфонӣ аст ва мехоҳад дар сари ҷои худ бимонад, бояд лангар бияндозад, эй нохудои ҷавон, мувозиб бош, ки киштии ту ба хок нанишинад ё пешопеш мувозиб (ҳушёр) бош, ки ба роҳи каҷ наравад[15].

Дар зиндагии иҷтимоӣ, ки ҷои ҳар кас мушаххасу муайян аст, ҳар фард бояд барои мақоме, ки муносиби ӯст, тарбият шавад. Агар касе мақомеро, ки дархӯри он парвариш ёфтааст аз даст диҳад, дигар ҳеҷ коре аз вай сохта нест. Яъне, тарбият вақте барои ӯ муфид аст, ки бахту иқбол бо мақоме, ки падаронаш доранд муовофиқ шавад, дар ғайри ин сурат мазоре дорад, ки камтарини онҳо афкори ғалате аст, ки дар мағзи вай пайдо мешавад. Дар Мисри қадим, ки фарзанд маҷбур буд шуғли падарро дунбол кунад, тарбият лоақал манзури муайяне дошт. Вале дар асри мо, ки фақат дараҷот ва мансаб аҳамият дорад ва дар мақоми шуғлии ашхос мудом тағйир ҳосил мешавад, наметавон яқин дошт, ки агар фарзанде дархӯри мақоми падараш тарбият шавад, рӯзе зиён нахоҳад дид.

Дар зиндагии табиӣ чун афрод мусовӣ ҳастанд сарнавишти ҳамаи онҳо фақат ин аст, ки одам бишаванд ва ҳар кас ба манзури одам, шудан тарбият шуд мумкин нест он корҳоеро, ки ба ӯҳдаи одамиён аст худ анҷом надиҳад. Барои ман тафовут намекунад, ки барои шогирдам шуғли лашкарӣ, рӯҳонӣ ва қозигӣ дар назар бигиранд. Табиат мегӯяд қабл аз қабули касбе, ки падарат барои ту пешбинӣ кардааст, бояд касби одам буданро биёмӯзӣ. Ба ин ҷиҳат ман мехоҳам нахуст ба ӯ касби зиндагӣ карданро ёд бидиҳам, қабул дорам, ки баъд аз поёни парварише, ки ба ӯ додам на қозӣ хоҳад буд ва на сарбоз ва на кашиш, вале пеш аз ҳар чиз инсон хоҳад буд. Яъне, дар сурати лузум вазифаи инсонияти худро ба хубии дигарон анҷом хоҳад дод. Агар сарнавишт ҷой ва мансаби ӯро тағйир бидиҳад, ҳар мақомеро, ки ӯҳдадор шавад шоистаи он хоҳад буд ва ба қавли он нависандаи лотинӣ хоҳад гуфт: «Эй иқбол, бар ту чира шудам ва туро ба даст овардам. Тамоми роҳҳоеро, ки мумкин буд аз он мунҳариф шавӣ ва аз чанги ман фирор кунӣ ба рӯйи ту бастам».

---

[15] Касе, ки мехоҳад кӯдакеро бар хилофи қонуни табиат парвариш диҳад, дучори иштибоҳот мешавад, зеро гоҳе аз ин роҳ меравад ва гоҳе аз он роҳ. Пас, беҳтар ин аст, ки тифлро ба ҳоли худ гузорад то лоақал бад тарбият нашавад.

Беш аз ҳар чиз бояд роҷеъ ба шароити зиндагии одамиён таҳқиқ кард. Ба назари ман касе, ки беҳтар аз ҳама ранҷу роҳати зиндагиро таҳаммул кунад, аз ҳама беҳтар тарбият шудааст. бинобар ин тарбияти воқеї бояд бештар ҷанбаи тамрин ва амалро дошта бошад то дастуроти шифоҳї. Аввалин мураббии мо дояи мост. Ба ҳамин ҷиҳат дар назди румиёни қадим луғати *адаксион* маъноеғайр аз ончї имрўз мутадовил аст, дошта ва мафҳуми тағзияро мерасонидааст[16]. Ба ин тариқ, ҳамон андоза, ки луғоти доя ва лала ва муаллим бо ҳам ихтилоф доранд байни калимоти бузург кардан, тарбият кардан, дарс додан низ тафовут ҳаст[17] ва барои ин ки кўдак хуб ҳидоят шавад бояд як роҳнамо дошта бошаду бас.

Аз ин сабаб, мо бояд ақоиди худро таъмим диҳем ва дар шогирди худ фақат инсони муҷаррадро дар назар бигирем, яъне он инсоне, ки дар маъразхи ҳаводису мухотироти зиндагї қарор гирифтааст. Агар мардум то охири умр дар маконе, ки таваллуд шуда буданд мемонданд, агар тамоми сол як фасл беш надошт, агар афрод наметавонистанд ҳеҷ вақт сарнавишти худро тағйир бидиҳанд, тарбияте, ки имрўз маъмул аст аз беъзе ҷиҳот хуб буд ва кўдаке, ки барои вазъият ва мақоми муайяне тарбият шуда буд чун ҳамеша дар он мақом мемонд дар маъвази музотироте, ки мумкин буд мақому вазъияти дигаре барои ў пеш биёварад, намеафтод. Аммо агар тағйири васеи вазъият ва аҳволи башарро дар назар бигирем, агар ба рўҳияи ноором ва мушаваши мардуми ин аср таваҷҷўҳ кунем (асре, ки баъд аз ҳар насл ҳама чизро дигаргун месозад) бояд иқрор кунем, ки ҳеҷ равише бемаънотару ғалаттар аз ин нест, ки кўдакро бо ин фарз парвариш диҳем, ки ҳаргиз набояд аз утоқи худ хориҷ шавад ва ҳамеша бояд кулфат даври ўро бигирад ва агар он бадбахт фақат як қадам рўйи замин бигзорад, агар як зинна поён биёяд, нест хоҳад шуд. Дар ин навъ парвариш шогирди мо таҳаммули дарду ранҷро наёмўхтааст, балки ёд гирифтааст, ки фақат ғаму аламро таҷриба кунад.

Ҳар кас ба фикри ин аст, ки бачаи худро маҳфуз дорад, вале ин кофї нест. Бояд ба ў ёд дод мавқее, ки бузург шуд, худашро ҳифз кунад, мушкилоти рўзгорро таҳаммул кунад. Дар баробари неъмат ва қаҳатї, тангдастї ва фаровонї муқовимат нишон диҳад ва дар сурати лузум рўйи яхҳои Исландия ва сангҳои сўзони ҷазираи Малта зиндагї кунад. Одамизод ҳар қадар ҳам бикўшад, ки аз марг пешгирї кунад, билохира хоҳад мурд. Бар фарзи ин ки марги ў натиҷаи хабти шумо набошад, боз ҳам ногувор хоҳад буд. Ба ҷои кўшиш ба ҷои намурдан бояд кўшиш дар зинда монданро омўхт.

Зиндагї кардан фақат нафа кашидан нест. Зиндагї, яъне фаъолият, яъне кор бурдани узвҳои бадан ва ҳавосу қавои (қувваҳои) ҷисмонию рўҳї ба тавре, ки эҳсос кунем, воқеан зинда ҳастем. Он касе, ки бештар умр кардааст (дидааст) он нест, ки соли зиёдеро дошта бошад, балки касе аст, ки таъми зиндагиро бештар чашида бошад. Фалонї дар садсолагї зери хок рафтааст, вале аз рўзи таваллуд мурда будааст. Агар лоақал давраи ҷавониро хуб зиндагї карда буд ва он вақт ба гўр рафта буд, яқинан беҳтар буд.

***Калидвожаҳо:*** *Эмил, тарбият, Хан Жак Руссо, табиат, маънавият, мураббї, муаллим, башар, зиндагї, омўзиш.*

***Жан Жак РУСО***

## «ЭМИЛЬ, ИЛИ О ВОСПИТАНИИ»

### *Природа и воспитании*

[16] Ворон (Varron), ки яке аз нависандагони румї аст, мегўяд: «Қобила кўдакро ба дунё меорад, доя ўро ғизо медиҳад, лала ўро тарбият мекунад, омўзгор ўро дарс медиҳад». Ҷумлаи «доя ўро ғизо медиҳад» ба забони лотинї educat nutrix мешавад, ки дар он калимаи «nutrix» ба маънои «доя» аст ва «educat» ба маънои «ғизо медиҳад».

[17] Дар ин ҷо маънои вожаи фаронсавиро андаке тағйир дода шудааст: gouvernante-ро доя, precepteur-ро лала; education-ро бузург кардан, institution-ро тарбият кардан тарҷума карда шудааст.

Творчество Жан Жака Руссо (1712-1778) - великого французского просветителя, философа, писателя, педагога- чрезвычайно многогранно. Значительное место в наследии Ж.-Ж. Руссо занимает педагогическая проблематика. В настоящем издании представлен работ Ж.-Ж. Руссо, посвященные вопросам воспитания.

Свои взгляды на психическую природу ребёнка Руссо изложил в известном произведении «Эмиль, или О воспитании». Интересно то, что считавшийся в XVIII – XIX вв. одним из наиболее значительных теоретиков воспитания.

Роман-трактат «Эмиль, или О воспитании» является основным педагогическим сочинением Руссо, которые целиком посвящено изложению его взглядов на воспитание; в нем разумное воспитание понимается Руссо как способ общественного переустройства.

То возвеличение природы и ее роли в жизни человека, которое свойственно Руссо и руссоизму, во многом определило и художественные достоинства его романа-трактата и романа в письмах. Руссо, как никто, чувствовал красоту природы и понимал огромное ее значение в формировании мира людей, в воспитании их в духе гуманизма, гармонии, целостности.

***Базовые понятия***: *Эмиль,воспитание, Жан Жак Руссо, природа,воспитатель, духовность, учитель,человечество, жизнь, обучение.*

***Jean Jacque RUSO***

**EMIL, OR ABOUT UPBRINGING**

**The nature and upbringing**

Creativity Jean Jacque Russo (1712-1778) - the great French educator, the philosopher, the Writer, the teacher - extremely many-sided. The important place in J.J.Russo's heritage is occupied with a pedagogical problematics. In the present edition Russo's devoted to questions of education the works are presented

The sights at the mental nature of child Russo were stated in known product « Emil or about upbringing». Interesting that considered in XVIII - XIX centuries one of the most considerable theorists of upbringing.

The novel-treatise «Emil, or about upbringing» is Russo's basic pedagogical composition, it is entirely devoted a statement of its sights at education; in it reasonable education is understood by Russo as a way of a public reorganisation

That glorification of the nature and its role in human life which is peculiar to Russo and Russoism, has in many respects defined also art advantages of its novel-treatise and an epistolary novel. Russo as anybody felt beauty of the nature and understood its huge value in formation of the world of people, in their education in the spirit of humanism, harmony, integrity.

***Key words***: Emil, upbringing, Jean Jacque Russo, the nature, the tutor, spirituality, teacher, mankind, life, training.

***Сафар СУЛАЙМОНЇ***
***Мањмадулло РАЉАБОВ***



## МАКТАБИ АСОЛАТГАРОЇ ДАР ПАЖЎЊИШЊОИ ПЕДАГОГЇ

**Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ**

Яке аз ќадимтарин мавзўъњое, ки зењни инсонро ба худ машѓул дошта, ин аст ки оё љањоне, ки мо дар он зиндагї мекунем,

воќеият дорад ё не? Гурўње, ки љањонро асоси зењни худ донистаанд,
яъне ончиро идрок мекунанд,офаридаи зењни худ њисоб кардаанд,
идеалист
номида шудаанд. Чуноне, ки Артур Шопенњовер (1788-1861) – файласуфи маъруфи олмонї мегўяд: «Љањон тасаввури ман аст» (5, с.435). Яъне, љањони хориљї ва дунёи мутакассири моддї тобеи маъное аст, ки дар вуљуди ман аст. Ба иборати дигар, зоњири дунёи хориљї наќшњои сохтаи зењни ман њастанд, чаро ки мумкин нест мо дар бораи чизе бе он ки воќеан онро эњсос бикунем, назаре дошта бошем ва чизе мањсус ё матлаберо људо аз эњсос ё идроке, ки аз он дорем, дар зењни худ тасаввур намоем. Љорљ Беркли (1685-1753) аз номдортарин чењрањои ин мактаб мегўяд: «Баъзе аз њаќоиќ чунон маълум аст ва ќариб ба зењн, ки барои дарёфти онњо фаќат бояд дигаронро гушод. Ин њаќиќати муњим низ ба назари ман аз љумлаи онњост, ки њамаи чизњои осмонї ва заминї ва тамоми ончї дастгоњи азими олам аз онњо таркиб ёфтааст, бе он ки зењн вуљуд дошта бошад, мављуд натавонанд буд ва вуљуди онњо иборат аст аз маълум ва мадрак шудани онњо аст» ( 1, с. 25). Ба назари Беркли агар мўњтавиёт ё мавзўоти «объект» (мабњас) («objects») маърифати инсонро мавриди баррасї ќарор дињем, хоњем дид, ки ин мавзўот ё тасаввуроте њастанд, ки фикрњоро мутаассир сохтаанд ё ба кўмаки њофиза ва тахайюл шакл гирифтаанд ва ё тасаввуроте њастанд, ки таваљљўњ, алоќа ё амалиёти зењнї сабаби дарки онњо мешаванд.

Вай бо таъйиди ин мавзўъ, ки «...модда љуз ба унвони сурате аз зењн наметавонад вуљуд дошта бошад, онро инкор мекунад ва ба ин эътиќод аст, ки њељ кас моддаро ба сурати пешин нисбат ба эњсос таљриба накардааст ва ин назария дарвоќеъ зењнро созандаи модда медонад. Ба назари вай мардум иштибоњоти муштараке муртакиб мешаванд, ки тасаввур мекунанд њарчанд зењн барои дарк набошад, боз њам ашёе аз ќабили дарахтон, манзилњо ва сангњо вуљуд доранд (9, с.204).

Бояд ёдовар шуд, ки дидгоњи фалсафии Љорљ Беркли аз эътиќодоти динї ва мазњабии вай шадидан мутаассир буд. Ў боварї дошт, ки «љавњари ѓайримоддї (андеша ё аќл) ба василаи улум мавриди тањдид ќарор гирифта, илм низомњои моддиро ба армуѓон овардааст. Ончї вуљуд дорад модда нест, балки аќл, андеша ё Худованд аст (2, с.34).

Мактаби идеализм ба ду љараёни таќсим мешавад. Гурўње мўътаќид њастанд, ки тамоми ашё ва падидањои олам дар зењни инсон сохта мешавад ва мегўянд, «саросари олам маљмўи зењн ва шуури ман аст». Иддаи дигар изњор медоранд, ки дунёи моддї ба василаи рўњ ва аќли бузурге, ки то њудуде хориљ аз шуур ва зењни инсон аст, эљод шудааст.

Дар муќобили ин тарзи тафаккур љараёни дигаре ќарор гирифтааст, ки љањони хориљро њаќиќат медонанд ва мудофеи ин навъ тарзи фикр њастанд, ки њаќиќати нињоии олам ба љуз модда, ки айнї ва воќеї аст, чизи дигаре нест. Ин тарзи фикр комилан дар нуќтаи муќобили идеализм ќарор дорад. Ба иборати дигар, њар навъ аќидаи фалсафї, ки њаќиќати нињоии оламро иборат аз модда медонад, дар муќобили асолати тасаввур аст.

Ба таври куллї, ин ду нањви фикрї дар саросари таърихи тафаккур дар љараён буда ва тарафдорони њар як саъй кардаанд аќидањои худро бо далелњои фалсафї ба исбот бирасонанд.

Бинобар ин, асоси фалсафаи идеализм зењн, рўњ, тасаввур ё идроки инсон аст, ки мўътаќидон ба ин мактаб масъалањои маънавї ва рўњиро асоси пайдоиши љањон ќарор медињанд ва будан ё набуданро њосили идроки шахсии идроккунанда медонанд. Ба њамин муносиб идеалист ба касе гуфта мешавад, ки љањони хориљиро мањсули зењни худ бидонад. Яъне, њар ончї дар љањони хориљ мебинад ва ё ламс мекунад, махлуќи зењни мударрик медонад. Бар њамин асос, агар зењни мударрике

мавҷуд набошад воќеиятҳои хориҷ вуҷуд нахоҳанд дошт. Дар фалсафаи умумии Пол Фолика идеализм чунин таъриф шудааст: «Алоќамандї ва эътиќод ба маъно ва маънавият, ќавл ба асолати маонии нафсуамрї ё сувари зеҳнї ва аќлї на ашё ва умури хориҷї ва воќеии моддї». Ин мактаб як низоми фикрї ва аќидатї аст, ки падидаҳоро бар асоси идеал ва дар иртибот бо рўҳ ва маъно таъбиру тафсир менамояд ва зеҳнро пештар бар модда медонад.

Нукоти муҳиме, ки идеалистҳо бар онҳо таъкид мекунанд ба ќарори зер аст:

1. Илм офаридаи зеҳни инсон аст;
2. Ҳавоси инсон ба танҳої дар ба даст овардани ҳаќиќат ҷойгоҳе надоранд;
3. Дунёи хориҷ сохта ва маҳсули зеҳни инсон аст;
4. Дин, ахлоќ ва маънавият ҷойгоҳи хосе доранд.

**Таърифи таълиму тарбият аз дидгоҳи ин мактаб**

Парвариши истеъдодҳои дарунии кўдакон ва кўмак ба бурузи истеъдодҳои зотии донишомўзон, ки дар вуҷуди онҳо нуҳуфтааст, мавриди таваҷҷўҳи идеалистҳост. Мўътаќидони ин системаи тарбиятї мегўянд, бо тарбияти муназзаму тадриҷї, истеъдодҳои рўҳї, кўдакон парвариш мeёбанд, дар натиҷа тавфиќи бофарҳанг шудан дар тамоми арсаҳои зиндагї аз хонавода то ҷомеа тарбият муназзам аст.

**Мўҳтаво ва равишҳои омўзиш дар мактаби идеализм**

Мўҳтавои дарсї дар ин мактаб асосан бар пояи улуми инсонї дорад. Бад-ин маъно, ҳар ончї ба инсон ва масоили ў иртибот дорад, муќаддам бар улуми табиї аст. Бо ҳамин сабаб маводи дарсие, ки шинохти инсонро рушд медиҳад ва андешиданро ба донишомўзон ифо мекунад, дар барномаҳои дарсї манзур мешавад ва аз маводи дарсї ба адабиёт, забон, таърих ва риёзиёт аҳамияти хосе, медиҳанд. Куллан он даста аз маводи дарсї, ки сабаби шукуфоии халлоќияти зеҳнии донишомўзонро шавад, мавриди эҳтирому аҳамият аст.

Аз он ҷо тарафдорони ин мактаб камолгаро ҳастанд, яъне, таълиму тарбиятро омили бо камол расонидани нерўҳои аќлонии фарогирон ва парваронидани истеъддҳои дарунии онҳо медонанд, камолоти рўҳ ва ҳосили онро арзишмандтару асилтар мешуморанд. Инсонро мавҷуде медонанд, ки омодагиҳои фитрї дорад ва метавонад онҳоро ба феълият бирасонад. Ба ҳамин ҷиҳат, равишҳои тадриси худ ва вазифаи муаллимро ба такмили маънавиёти донишомўзон бунёд доштаанд, чун дар ин фалсафа шахсияти инсон аз эътибори асосї бархўрдор аст. Муаллим бояд дар равишҳои дарс ба ҷалби эҳтироми донишомўзон нисбат ба худ боэҳтиром бошад ва низ ба рушду такомули шахсияти донишомўзон ҳиммат гуморад. Яъне, бо таваҷҷўҳ ба вижагиҳои шахсї ва завќу истеъдоди дарунии фарогирон ба дарс кўшиш намояд ва бо рафтори мутаносиб бо завќи донишомўзон ва дурї аз беэҳтиромї онҳоро ба худ ҷалб намояд. Мўътаќидон ба ин фалсафаи тарбиятї ҳар равишеро, ки ба таќвияти зеҳн ва тавсиаи маонї биянҷомад, ба кор мебаранд. Бар ҳамин асл, муаллим бояд аз равишҳои мухталиф истифода кунад. Масалан, равиши диалектикї ва тарҳи суолҳои гуногун ва таќвияти нерўи ќазоват ва доварии донишомўзонро манзури назар дошта бошад. Фридрик Ҳерберт (1774-1841) аз мураббиёни ин мактаби тарбиятї мўътаќид аст: замоне ки муаллим мехоҳад тасаввури ҷадидро ба донишомўзон ироа диҳад, се масъаларо дар мадди назар дошта бошад.

Аввал, дарси ҷадид бояд бо тасаввуроте, ки сокитанд ё билќувва дар зеҳни бача сокитанд, бунёд шавад. Яъне, бояд кўдакро бо таваҷҷўҳ ба тасаввуроти ќаблии вай ба ёдгирии матолиби тоза алоќаманд намуд ва зеҳнашро барои омўхтан омода кард ва бидуни иртиботи матолиб ва заминасозї ба тадрис иќдом накард. Бояд ба заминаҳои нерўмандии донишомўзон таваҷҷўҳ кард, то амри таълиму тарбият

барои онњо хастакунанда ва малоловар нашавад. Ин амр фањм ва љазби матолиби тозаро барои фарогир осонтар мекунад.

Дуюм, муаллим бояд ба фарогир кӯмак кунад, то мӯњтавои дарси тозаро дарк намуда, дар зењни худ њифз кунад, зеро ин амр њадафи тадрис аст. Аммо барои њосили ин натиља муаллим бояд ба омили сеюм таваљљӯњ кунад, яъне ба алоќа ва раѓбати фарогир, зеро «раѓбат» чизе љузъи ангезаи зењнї, ки моро аз миён бурдани мавонеи мављуд дар касби маводи љадид тањрик мекунад, таваљљӯњи моро ба як шайъ мутамарказ месозад, нест.

Њерберт омӯзишро муносибу дуруст медонист, ки мутобиќ бо алоиќи кӯдакон бошад. Ба назари ӯ алоќа ва таваљљӯњ бо якдигар иртиботи наздик доранд. Дарвоќеъ вай алоќаро пешниёзи ёдгирї медонад. Алоќа ва шинохти донишомӯз поя ва асоси равиши тадрисро ташкил медињад.

Њерберт фањмиданро ба њам пайвастани тасаввурњои ќаблї медонад ва бар ин нукта таъкид мекунад, ки ин кор натиљаи корбурди фањм ва аз ин рӯ, гунаи шакл додан, созмон додан ва аз они худ кардани тасаввурњост. Ин пайванд њамвора ба чигунагии тасаввурњои пешин бастагї дорад. Ба њамин муносиб, ӯ дар равиши тадриси худ ба чанд марњила ишора мекунад. Аввал, омода кардани донишомӯзон бо такрори хулоса аз дарси ќабл ва ё бо пурсидани баъзе нукоти дарсњои гузашта, ки робита ва бастагї бо дарси љадид дорад. Дуюм, тавзењ ва арзаи дарс (идомаи матолиб)-и тоза ва ончиро ки мехоњад тадрис кунад. Сеюм, эљоди як кулл ва муќоисаи дарсњои гузашта бо дарси љадид, яъне пайванд ва иртиботи матолиби љадид бо омӯхтањои ќаблї ва эљоди як кулли ягона аз донистанињои пешин ва љадид. Чањорум, натиљагирї ва ба даст овардани ќудрати таъмим, баён ва тавзењи фаъолиятњои омӯзишї ба куллитарин сурат. Панљум, бакоргирии андӯхтањои донишомӯзон аст, яъне чигунагии коркарди масоили назарї ва андӯхтањои илмї дар мавориди љузъї. Ба баёни дигар, донишомӯзон истинботи худро аз усули куллие, ки дар марњилаи чањорум ба даст овардаанд, бо озмоиш ва амал дар зиндагии рӯзмарраашон медињанд.

Аз он љо ки дар ин мактаб ба њадафи омӯзишу парвариш беш аз равиш ањамият медињанд, њар равиши тарбиятиро барои тавсиаи маонї ва кашфиёти худ ба кор мебаранд. Ба тавре ки афроде монанди Бутлер (J.Butler) равиши диалектикиро барои равиши тадриси худ ба кор бурдаанд ва бо тарњи суолњо аќоиди мухталифи донишомӯзонро ба мушкилї гирифта, инчунин донишомӯзонро ба бањсу гуфтугӯ ташвиќ мекунад. Дар ин мактаб, ба мутолиот ва равишњое эътиќод доранд, ки одамиро ба тааммўќ ва тафаккур водорад. Рӯйи њамин асл имрӯз бештари идеалистњо аз дидани мадориси мо ба шиддат нигарон мешаванд, зеро шогирдонеро мушоњида мекунанд, ки барои касби улум созмондињї шудаанд ва баъд аз чанде, ки дар бархе аз дарсњо тахассус пайдо мекунанд, аз тахассуси худ бидуни таањуди инсонї нисбат ба њамнавъони худ истифода мекунанд. Донишпажӯњони љадиди академияњои оњанин (robats) ба назар мерасанд, ки бо андаке љустуљӯ њамаи чизњоро тика ва пора мекунанд. Онњо аз ин рањгузари таълиму тарбият бо умќи кам, ки бештар бар мабнои муќарраротбино шуда то эътиќоди дарунї касб мекунанд. Идеалистњо ба мутолиоте тамоил доранд, ки ба тафаккури одамї умќ мебахшанд ва шадидан мӯътаќид ба пайравии ин аќидаанд, ки умур аз он љињат бояд мавриди мутолиа ќарор гиранд, ки «љадид» ё ба замон «марбут» њастанд[1]. Онњо ба ин натиља расиданд, ки бисёре аз осори бузурги гузашта нисбат ба ончї имрӯза «љадид» хонда

[18] Зоњиран ваќте сӯњбат аз амри љадид ва тоза матрањ мешавад, муроди пайдо кардани равишњои тоза ва ибтикорї аст ва ќасди идеалистњо аз амри љадид ќатъи робита бо гузашта ва сайри замонї намебошад. Зеро њарчї њоло иттифоќ, меафтад маводи он дар гузашта мављуд буда, фаќат пайдо кардани њолат ва таркиби тозае аз он гузашта мавриди назар аст. Бинобар ин, байни гузашта ва амри љадид иртибот ба вуљуд меояд ва агар њолати танофиз байни љадиду ќадим ба назар ояд, њамин таъбир аз байн меравад.

мешаванд, таносуб доранд ва иддао мекунанд, ки таќрибан њар як аз масоили муосир дар гузашта реша дорад. Ба њамин муносибат, масоиле аз ќабили пайванди фард ва љомеа ба сурати васеъ мавриди бањсу гуфтугўи файласуфону мутафаккирони бузург будааст ва ѓалат кардан аз ончї бузургони фалсафа дар ин замина гуфтаанд, ба маънои чашмпўшї ва нодида гирифтани мўътабартарин усули марбут ба ин мактаб аст.

Идеалистњо дар амри ёдгирї ба шеваҳои гуногун ва ба равишњои гуногун эътиќод доранд. Ба унвони мисол Афлотун, ки шурўи идеализмро ба лињози таърихї ба вай нисбат додаанд, равиши диалектикиро равиши даќиќ барои тафаккур ва ёдгирї медонист. Ин равишро равиши гуфтушуниди суќротї низ меномиданд. Ин равиш љараёне аст, ки дар он муаллим талош мекунад то фарогиронро нисбат ба афкор ва назариёти худ тарѓибу тањрик кунад. Чї басо барои тарњи масоили муњими инсонї ба бахшњои гурўњї эњтимом меварзад, то алоиќи њамаи донишомўзонро барои мушорикат дар гуфтугўњо ва бањсњои дарсї љалб намояд. Ин равиш мусталзам тарњи суолњо ба сурати моњирона аз сўйи муаллим аст. Назари муаллим аз тарњи суолњо, иборат аз мутаваљењ сохтани донишомўзон ба љањди худашон аст то майл ба донистанро дар онњо бедор кунад. Бад-ин тартиб, ба иртиќои ќудрати фањм ва сатњи огоњии онњо тавфиќ ёбад. Бинобар ин, муаллими идеалист маъмулан аз љараёни озоди бањсу гуфтугў истиќбол мекунад, то аз тариќи ковишгаронаи ёдгирии дилпазиру хушояндеро барои донишомўзон ба армуѓон овард ва роњгушоии суолот тоза гардид. Китоби «Љумњурият»-и Афлотун самараи тафаккури диалектикии ўст, ки талош карда маљмўаи васее аз улумро ба сурати кулли маънодор ба якдигар дар иртибот донад. Илова бар шеваи диалектикї бархе идеалистњо дар бораи маърифат ва њаќиќат ба равиши шуњудї низ таъкид кардаанд. Масалан, Августин мўътаќид буд, унс бо Худо, бо умури моддї њамуфуќ нест. Ба иборати дигар, барои ин ки худро бо Худо маънус кунем, бояд њам амри моддиро то њадди мумкин тасававур намоем, барои ин ки умури дунёї ва моддї бо маънавият ва унс бо Худо њамхонї надоранд. Метавон гуфт: «Мураббиёни идеалистї барои тањаќќуќи њаќиќат аз тариќи идеяњо пеш мераванд на ба воситаи баррасии љањони моддї, ки сояњои гулзананда аст. Таълиму тарбият ба назари идеалистњо таѓйири шакли идеалистњост. Кори муаллим дар ин мактаб таљзия ва тањлил ва бањс пиромуни идеяњо ва њаракат додани донишомўзон ба самти маротиби љадиде аз огоњињост, ба гунае, ки нињоятан идеяњои онњо таѓйири шакл ёбад» (7, с.73). Дар ин мактаб таълиму тарбият ба ончї дарк шуда таваљљўњ дорад на ба ончї анбошта шудааст. Яъне, агар фањмидан ва дарк шуданро аз љараёни ёдгирї њазф кунем, ба назари идеалистњо таълиму тарбият танњо ба интиќоли маълумот аз тариќи муаллим ва китоб мањдуд мешавад. «Дар ин мактаб алоќа ва майл ба таълиму тарбияти хуб љанбаи бисёр асосї дорад. Тамрину машќњо ва тамринњои механикї ба љои њимоят аз рушди фардї онро мањдуд мекунад. Дар сурате, ки инсон баръакси мошин мављуде аст њидояткунандаи худ ва шурўъкунанда аст. Ў аз худаш огоњ аст ва аз идеалњои худ хабар дорад ва алоќаи мављуд дар кўдак ўро ба самти њунар, назорат и худ ва муњити худ ва ѓайра њидоят мекунад» (7, с.74).

**Фаъолиятњои синфї ва созмони тарбиятї дар мактаби идеализм**

Дар ин мактаб њамаи фаъолиятњои дарсї барои таќвияти нерўи зењнии донишомўзон дар назар гирифта шудааст. Фробел – яке аз мураббиёни ин мактаб таълиму тарбиятро «Савќ додани инсон ба унвони як мављуди мутафаккир, оќил ва дар њоли рушд ба як мављуди худогоњ, холис, олуданашуда ва намояндаи озод ва огоњи конуни дарунии вањдати муќаддас ва омўзиш додани он конун ба ў» медонад. Таљрибаи мазњабї ва ирфонии Фробел ўро ба мафњуме аз рўњи инсон њидоят мекунад, ки дар низоми тарбияти ў таъсири фаровон дорад. Фробел бо кашонидани ин андешаи ирфонї ба ќаламрави тарбият мегўяд: «...аз он љо ки фаъолияти озод ва

шод аз дидани љањон ба монанди як кулл бармехезад, нахустин кори мураббї бояд густариши равобити кўдак бо муњит бошад». Вай њадафи тарбияти худро навъе маърифат ва шинохти инсон медонад. Ба ин маъно, ки «...њам чигунагї ва њам маќсади тарбиятро бояд аз ба баррасии чигунагї ва маќсад ва њадафи тањаввули инсон шинохт, аммо тањаввули инсон бо тањаввули донишњо њамроњ аст ва камоли он дар огоњии вай аз њаќиќати хеш аст. Касе, ки ба ин огоњї даст ёбад, тарбияткунандаи худ хоњад буд».

Результаты исследования также показывают, что незрячие самым лучшим способом проведения свободного времени считают занятия спортом. Это желание свидетельствует о том, что данная группа ищет пути продвижения в сторону двигательной активности. У радостного и здорового слепого и психика здоровая, он уверен в себе, собственном духе и возможностях. Если он хорошо подготовлен в физическом плане, он получит удовольствие и от спортивных занятий, точно так же, как и зрячие лица. В этом случае речь идет о студентах.

Если слепой или слабовидящий занимается спортом на работе, в университете, в парке или в спортивных комплексах и таким образом проводит свое свободное время, помимо того, что он укрепляет и улучшает свое физическое состояние, он устанавливает и улучшает свои взаимоотношения в социуме. Быть и развивать свои отношения в социуме, с одной стороны, позволяет ему войти в общество, а с другой стороны, осознать свои отличия. Необходимо взять во внимание этот принцип, так как он играет большую роль в единстве общества. В среде проведения досуга и спортивно-развлекательных мероприятий слепой и зрячий, инвалид и здоровый, бедный и богатый, ребенок и подросток из любого социального слоя будут находиться под единой крышей, вместе активно и с пользой проведут свое свободное время. В другой среде этот результат, возможно, не будет достигнут в таком качестве.

Результаты исследования со слепыми показывают, что необходимо проводить более конкретное планирование по вопросу, каким образом должно проводиться свободное время данной категории лиц. Эта программа должна первым делом осуществляться организациями в сфере здравоохранения, организациями по работе с молодежью, организациями по привитию физической культуры и т.д., которые имеют отношение к работе со слепыми и слабовидящими с тем, чтобы должным образом организовать их свободное время.

***Базовые понятия***: *досуг, учащиеся, юноши, обучение, образование, свободное время, спорт, слабовидящие, слепые, физическая культура, отдых.*

***Литература:***

1. Ализода, Муњаммадњусайн. Ќарахонлу, Ризо. Баррасии чигунагии гузарони авќоти фароѓати љонбозон ва маълулин бо таъкид бар наќши тарбияти баданї ва варзиш.- Тењрон: Љињоди донишгоњї, 1379.

2. Баёнї, Кирмонии Заҳро. Наҳваи гузарони авќоти фароѓати ирониён дар давраи ќољория//поённомаи коршиносии аршад.-Донишгоҳи Хоља Насири Тўсї, 1385.-245с.
3. Баҳромфар, Мино. Наҳваи гузарони фароѓати донишљўёни духтари донишгоҳи озоди исломии воҳиди Теҳрони марказ бо таъкид бар муносибатҳои варзишї/Поённомаи коршиносии аршад.-Теҳрон: Донишгоҳи озоди исломї, 1380.
4. Босирї, Тарона. Наҳваи гузарони авќоти фароѓати љавонон/Поённомаи таҳсилї.-Теҳрон: Донишгоҳи улуми иљтимоии Донишгоҳи аллома Таботабої, 1375.
5. Гударзї, Абулфасл. Чигунагии гузарони авќоти фароѓати устодони Донишгоҳи Паёми нур бо таъкид бар тарбияти баданї ва варзиш/Поённомаи коршиносии аршад.-Теҳрон: Донишгоҳи Паёми нур, 1383.
6. Дюмоздия, Жорж. Замони фароѓат аз дидгоҳи таърихї ва љомеашиносї//тарљ. Одина Мино, 1372.
7. Зимел, Љорљ. Авќоти фароѓат дар зиндагї.-Теҳрон: Нашри Андеша, 1959.
8. Зореї, Алї. Гузарони авќоти фароѓати донишљўёни донишгоҳҳои улуми пизишкї бо таъкид бар фаъолиятҳои варзишї/рисолаи докторї.-Теҳрон: Донишгоҳи озоди исломї, 1380.
9. Зоҳидиасл, Ҳамид. Љомеашиносии фароѓат/Љузваи дарсии Донишкадаи улуми иљтимоии Донишгоҳи Теҳрон, 1388.
10. Сулаймонї С. Фарҳангшиносї: назария ва амалия.-Душанбе: Ирфон, 2012.-490 с.
11. Фукўҳї, Носир. Ансорї, Маҳободии Фариштa. Авќоти фароѓат ва шаклгирии шахсияти фарҳангї//ду фаслномаи илмии пажўҳишномаи инсоншиносї, шумораи чаҳорум, 1382.-166с.
12. Яздонї, Шаҳриёр. Баррасии наҳваи гузарони авќоти фароѓати донишљўёни донишгоҳи тарбияти мударрис//поённомаи коршиносии аршад, 1383.-254с.
13. Balster, Klaus. Kinder mit mangelnden Bewegungserfahrungen, Teil I Februar Duisburg 2003.
14. Bamnel , G.(2001). Benefits of sport and physical activity for the disabled.
15. Beatty Sharon 2004 a cross – national study of leisure activities diurnal of cross- cultured psychology. P.230

***Баҳром ЉАДИДЇ***
***Ботур КАРИМОВ***

## ФАРОЃАТИ КЎДАКОНИ ИСТИСНОЇ ДАР ИРОН
## (бар асоси маводи сотсиологї)

Мавзўи авќоти фароѓат аз падидаҳои фарҳангии ҳар љомеа аст ва тарзи тафаккур перомуни он ва чигунагї пардохтан ба фаъолиятҳои фароѓатї ва тафреҳот, мутаассир аз арзишҳо, эътиќодот, одоб ва синни ҳар миллат аст. Бо таваљљўҳ ба ин, ки дар хусуси гузаронидани авќоти фароѓати нобино ва нимабино то кунун таҳќиќе сурат напазируфтааст ва бо таваљљўҳ ба вижагиҳои иљтимоии ҳоким бар афроди нобинои зан ва марди иронї, ки муҳаќќиќ ба лиҳози собиќаи кор ва тадрис ҳудуди 30 сол бо афроди нобино ба онҳо дастёбї пайдо намудааст, иќдом ба таълифи ин мкаќола намудааст.

***Калидвожаҳо***: *фароѓат, донишомўзон, нављавонон, омўзиш, парвариш, ваќти озод, варзиш, нимабино, нобино, истироҳат*

***Bahrom JADIDI***

***Botur KARIMOV***

**LEISURE OF CHILDREN WITH THE LIMITED POSSIBILITIES IN IRAN**

If state structures and the organisations, heads of various directions correctly realise importance of carrying out of free time and leisure of the workers and members of their families, positive influence from active leisure, increase of productivity of work etc. then they will make corresponding decisions in planning of the policy and investments for development of this direction.

***Base concepts***: leisure, pupils, young men, training, education, free time, sports, visually impaired, blind physical training, rest.

***Ањмад Ризо ДОДОР***



**ШОДКОМЇ ДАР ПЕШРАФТИ ОМЎЗИШ: НАТИЉАЊОИ ПАЖЎЊИШ**

**Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ**

Яке аз њадафњои умдаи мутолиот ва пажўњишњои њавзаи равоншиносии тарбиятї тавсиа ва нишон додани моделњое аст, ки битавонад дониши коршиносон ва соњибназаронро дар борай пешрафти тањсилї афзоиш дињад ва имкони мудохилањои гуногуни мушовирањоро барои бењбуди пешрафти тањсилї фароњам оварад. Яке аз умдатарину пешрафтатарин роњњое, ки барои ин манзур ба кор меравад, моделсозї бар пояи назариянњо ва пажўњишњои таљрибї дар њавзањо ва гароишњои мухталифи равоншиносї ва улуми тарбиятї аст.

Мутолиаи њозир низ бо њадафи тавсиа ва баёни моделе барои пешрафти тањсилї бар пояи ду вижагї - шодкомї ва саломатии равонии донишомўз анљом шуд. Ин вижагињо ба тозагї њимоятњои назарї ва таљрибии нерўманде дар борай асароти мусбате, ки бар пешрафти тањсилї дорад, дарёфт кардааст. Бадењї аст, ки дарки амиќ аз шароити равонї ва нигаришњову равишњое, ки донишомўзон зиндагии рўзмарраи худро бар асоси он низом сомон медињанд, метавонад бењбуди вазъияти фаъолияти тањсилии вайро кафолат дињад. Аз ин рў, огоњї аз вижагињои равоншинохтї, бавижа аз назари равоншиносии мусбатнигар метавонад кўмаки ќобили мулоњизае барои тадвини барномањои муносиб ба манзури афзоиши амалкарди тањсилии донишомўзон фароњам оварад.

Ба манзури бакоргирии миќёси шодкомї барои тавсиа ва нишон додани моделе барои пешрафти тањсилї, нахуст зарурї буд, то ин тартиб дар љомеа мавриди мутолиа равосозї шавад, зеро тавсиаи миќёсњое, ки дар байни фарњангњо ва забонњои мухталиф аз равоё бархўрдор бошад. Яке аз марњилаи асосї дар ба коргирии мафњум ва низоми фарњангњои мухталиф ба њисоб меояд. Аз ин рў, талош барои равосозии абзори пажўњишї дар миёни гурўњњои фарњангї на танњо барои пажўњиш, балки барои тањияи малакањое ба манзури арзёбї ва равосозии абзорњои љадид бисёр зарурї аст.

Барои ин манзур, нахуст миќёси шодкомии Оксфорд, ки яке аз миќёсњои пуркорбурд ба њисоб меояд, тарљума ва теъдоди 60 савол ба он изофа ва аз тариќи тањлили омили иктишофї ва таъйидї (тањлили омили мартабаи болотар) равосозї шуд, то аз ин тариќ илова бар љомеият бахшидан ба густурасозии шодкомї, сохтори омилии ин миќёс дар гурўњи намуна мавриди мутолиа бо ёфтањо ва шавоњиди пешин муќоиса шавад, зеро ба гунаи кулл, ин ќабил пурсишномањо мутаассир аз омилњои мухталифе аст ва бар пояи вижагињои фарњангї, равонї ва иљтимоии гурўњи мавриди мутолиа, мумкин аст дар намунањои мутафовут омилњои мухталифе ба даст ояд.

Бар пояи яке аз њадафњои аслии мутолиаи њозир, яъне тайини сохтори омилии миќёси шодкомї, аз равиши тањлили муаллифањои аслї истифода шуд то аз ин тариќ маълум шавад, ки маљмўаи гўяњои миќёс дар воќеъ аз чї омилњо мураттаб шудааст. Бинобар гуфтаи Њуман (1385) ин равиш кўмак мекунад, то теъдоди омили ќобили истихрољ бидуни доштани ташхиси пештаљриба ба теъдоди муайян мањдуд шавад ва намунањои хусусї аз робитаи байни мутаѓайирњои андозагиришуда ва омилњои муштарак тайин гардад.

Дар нахустин гом барои дастёбї ба њадафи боло зарурї буд, то нишондињандањои фаннии саволњо, ба вижа ќудрати ташхиси онњо аз тариќи баровард и зариби эътибор бар асоси равиши њамсони дарунии миќёс мавриди баррасї ќарор гирад. Натиљањои ин баррасї мушаххас кард, ки њамаи саволњо аз ќудрати ташхиси муносиб бархўрдор аст. Ба баёни дигар, њамаи саволњо тавоноии андозагирии љанбањои шодкомї ва фарќ гузоштани байни афрод бошад каме зиёд нисбат ба афроди бо шодкомии камро доранд.

Натиљањои њосил аз эътиборёбии пурсишномаи шодкомї, ки бар пояи равиши њамсонии дарунї ба даст омад, нишон медињад, ки маљмўаи саволњои миќёс аз диќќат ва эътимодпазирии муносибе бархўрдор аст. Ба гунае метавон ба натиљањои

њосил аз он эътимод кард. Ин ёфта бо натиљањои њосил аз пажўњишњои мухталиф, ки зариби эътибори миќёсро дар доманаи байни 0/88 то 0/95 ба даст оварданд, комилан њамсў аст. Афзун бар ин, бо он ки теъдоди 6 савол бар асоси тањлили омили иктишофї аз маљмўаи миќёс бароварда шуд, аммо зариби эътибори нињої (0/93) тафовути бисёр ночизе бо зариби эътибори аввала (0/935) дорад, ба раѓми он, ки яке аз мањдудиятњои умдаи зариб њамсонии дарунї (бар пояи олфои Кронбах) вобаста будани он ба теъдоди саволњост ва њарчї тўли миќёс бештар бошад, миќдори ин зариб низ бештар хоњад буд. Дар ин пажўњиш бо коњиши маљмўаи миќёс ба 41 савол, зариби ба дастомада њамчунон ризоияти бахш ва ќобили мулоњиза аст.

Натиљањои марбут ба эътиборёбии омилњои истихрољшуда аз миќёс низ нишон медињад, ки доманаи зариби њамсонии дарунї байни 0/40 (омили чањорум, шўхї ва шўхитабъї) то 0/90 (омили якум, хулќи мусбат) ќарор дорад. Бо вуљуди ин, ки теъдоди саволњои бархеи омилњо (ба вижа омилњои чањоруму панљум) нисбатан мањдуд ва ба тартиб баробар бо 5 ва 7 савол аст, аммо зариби њамсонии дарунии онњо ќобили ќабул ва бо меъёрњои тайиншуда њамхонї дорад.

Натиљањои марбут ба тайини омилњои миќёси шодкомї нишон дод, ки маљмўаи саволњои миќёс аз панљ омил ташкил шудааст, ки дар ин бахш ба тафсир ва баёни онњо пардохта мешавад.

Маљмўаи гўяњои нахустин омил, ки бештарин теъдодро (23) дорад, баёнгари хулќ мусбат аст. Ин омил бо омили панљуми Алипур ва Њарис (1384) ва омили дуюм Оргил (1989) ва Нур (1991) яксон аст ва нишон медињад, ки дар намунаи мавриди мутолиаи аввалаbooро ин муаллифи шодкомї аст. Ба гунаи кулл баррасии мабонеи назарї ва таљрибї нишон медињад, бо он ки шодкомї дорои чандин муаллифаи асосї, аз љумла муаллифаи њаяљонї ва иљтимоъї аст. Фарди шодком дар воќеъ аз назари хулќ шод аст ва дар натиља эњсоси шодї дар воќеъ як навъи њолати хушбинї дар вай шакл мегирад. Бар пояи ин дидгоњ фарди шодком њамвора аз назари хулќї шоду хушњол аст ва рўйдодњои рўзмарраро ба гунае таъбир ва тавсир мекунад, ки хушбинї ба дунбол дошта бошад.

Бинобар дидгоњи бархеи дигар аз пажўњишгарон хулќи мусбат дар воќеъ баёни шодкомї бар пояи вижагињои шахсиятї аст, зеро љанбањои муњими рафтори афродро метавон бо аъбоди шахсиятї мушаххас кард. Аз ин рў, бархе аз нимрахњои шахсиятї, ки меъёри хулќии он нерўмандтар аст бо шодкомї робитаи бештаре дорад. Ба баёни дигар, бар асоси хулќ метавон мушаххас кард, ки афроди шод ва ношод нимрахњои шахсиятии фарќкунанда доранд.

Мўњтавои гўяњои хўшабандишуда дар омили дуюм нишон медињад, ки якеи дигар аз љанбањои шодкомї ризоият аз зиндагї ва умед ба он аст. Ин омил, ки дар мутолиаи Алипур ва Њарис (1384) низ истихрољшуда баёнгари он аст, ки бахши умдае аз сохтори шодкомї бар пояи нигариш ва хушнудии фард нисбат ба зиндагї шакл мегирад. Ба эътиќоди Орљил (1998) ризоияти куллї ё ризоият аз бештари љанбањои зиндагї яке аз ду асли баёнкунандаи шодкомї аст.

Бар асоси дидгоњи равоншиносии мусбатнигар низ шодкомї умдатан аз тариќи робита бо кайфият ва ризоият аз зиндагї табйин мешавад ва мафњуме монанди бењзистї, ризоият, умед ва хушбинї љойгоњи вижае дорад. Дар ин миён ризоият аз зиндагї аз њимояти таљрибї ва назарии муносибе бархўрдор аст.

Истихроњи омили ризоият аз зиндагї дар пажўњиши њозир бо назари бисёре аз пажўњишгарон њамхонии ќобили мулоњизае дорад, зеро ба эътиќоди онњо ризоият аз зиндагї дар воќеъ арзёбии шинохтї ва пайваста аз зиндагї бо меъёрњои шахсиву хусусї аст, ки асосан аз тариќи санљиши кулли шодкомї (аз зиндагиям розиям) ба даст меояд.

Лаззат, омили сеюмро (бо 11 савол) ташкил медињад. Баррасии адабиёти пажўњишї нишон медињад, ки ин омилро метавон аз љанбањои мухталиф тафсир кард. Дар бархе аз ёфтањои пажўњиши шодкомї дарвоќеъ арзёбии эњсоси мусбат ва

эњсос низ аѓлаб ба унвони унсури лаззатљўйии шодкомї дар назар гирифта мешавад. Бад-ин тартиб лаззат ва лаззатљўйї бахше аз сохтори омили шодкомиро ташкил медињад. Ин ёфта бо натиљањои бархеи дигар аз пажўњишњо низ њамсў аст.

Аз сўйи дигар, бинобар назари бархе аз муаллифон њаяљонњои мусбат, ки дар воќеъ рукни аслии сохтори шодкомиро ташкил медињад, илова бар ин, ки дар бардорандаи хушбинї, умед, эътимод ва эътиќод аст, шомили лаззат (лаззатњои љисмонї ва лаззатњои олитар) низ мешавад. Бо он, ки лаззатњои љисмонї аз тариќи њавас ба даст меояд, лаззатњои олї ношї аз фаъолиятњои печидатар ва дар бардорандаи эњсосњое монанди саодат, сархушї ва шодкомї аст.

Омилњои чањорум бо њафт савол дар бардорандаи мафњуми эњсоси контрол бар шароити муњитї ва фардиву тавонмандї аст. Баррасии ёфтањо (Кристалл ва њамкорон 1994; Дуонду ва њамкорон, 2000) баёнгари_он аст, ки тавоноии ѓалаба бар чолишњои зиндагї ва доштани контрол бар онњо яке аз калидитарин аносири шодкомї аст ва наќши умдае дар ризоият аз зиндагї ифо мекунад. Ин эњсос, ба вижа дар донишомўзон, ки гурўњи намунаи мутолиаи њозираро ташкил медињанд дар мавриди омилњо ва муаллифањои муњити тањсилї (монанди имтињон, бањо, таколифи хона, интизороти тањсилї ва пешрафт), ки сабаби мизони боландагии онон мешавад, метавонад шодкомї ва ризоият аз зиндагиро афзоиш дињад.

Аз сўйи дигар, ин омил, ки бо ёфтањои Лаёќатдор (2008) ва Форнњоем ва Барюнг (1990) низ њамхонї дорад. Аз дидгоњи равоншиносии мусбат низ мавриди таъкид ќарор гирифтааст. Бар пояи ин дидгоњ истифода аз тавоноињои фардї ва эњсоси контрол бар мавќеиятњои зиндагї мабнои умдае барои шодкомї ва эњсоси бењзистии зењнї ва дастёбї ба зењни мусбаттар барои бењбудии зиндагї ба њисоб меояд.

Афзун бар ин, тавоноии мањори вазъиятњои рўњбахш омили тайинкунандае дар эњсоси саломат ва бењзистии фард дорад. Фарде, ки метавонад вазъияти рўњбахшро тањти контрол даровarad, шодкомии бештар ва танидигии камтаре эњсос хоњад кард. Дар муќобил, ваќте мањори мавќеият хориљ аз контроли фард буда ва тавоноии муќобила бо онро надошта бошад, боландагии бештаре ба вуљуд хоњад омад. Ёфтањои таљрибї баёнгари он аст, ки њатто донишомўзоне, ки дорои нишонгони осеби равонї њастанд, аммо шодкомии нисбатан болое доранд тавоноињое аз худ нишон медињанд, ки онњоро аз назари фардї шодком ва аз назари иљтимоїї солим нишон медињад.

Саранљоми омили панљум бо 5 савол дар бардорандаи мафњуми шўхтабъї дар шодкомї аст. Ба гунаи кулї, аз наќши танзу шўхї дар адабиёти шодкомї ва саломати равонї њимоятњои таљрибї ва назарии ќобили мулоњизае ба амал омадааст. Ба гунае, ки бархе аз пажўњишгарон мўътаќиданд бидуни доштани њисси шўхтабъї ва истифода аз он дар мавќеиятњои муќтазо имкони шод будан аз назари равонї вуљуд надорад. Шўхї ин тавоноиро медињад, ки шодї дар зиндагї њифз шавад.

Ёфтањои пажўњиши охир нишон додааст, ки шўхии солим, яке аз бењтарин роњњои муќобила бо фишорњои зиндагї ва афзоиши эњсоси шодкомї аст. Шўхї ва хандае, ки аз ангезањои солим бармехезад, таровишњои њормонњои марбут ба фишори равониро кам мекунад ва тавони системаи эминии баданро боло мебарад. Аз ин рў, њатто дар шароити ногувор низ шўхтабъї кўмак мекунад то фард бо шодию оромиш бештари зиндагии худро сипарї кунад. Аз ин рў, базлагию шўхтабъї роњњои мусбате барои ибрози њаяљонњои хушоянд ва низ омилњои муассире барои ѓалаба бар тарсу тардидњост.

Ба эътиќоди Мак-Гей, Роч ва Њол (1990) эњсоси шўхтабъї аз даврони нављавонї шурўъ мешавад. Ёфтањои онон нишон медињад, ки тавоної ва эњсоси шўхтабъї аз ду омили мустаќил - љанбањои мусбат (бомазза будан) ва манфї (бемазза будан) ташкил мешавад, ки яке аз аркони шодкомї ба њисоб меояд.

**Табйини сохтори омилии шодкомї**

Чуноне ки дар фасли пеш баён шуд, ба манзури шиносоии сохтори омили миќёси шодкомї ва баёни омилњои истихроъшуда аз тањлили омилии таъкидї истифода шуд. Ба манзури дастёбї ба ин њадаф, нахуст зарур буд, то таркиб ва

хўшабандии омилњои истихрољшуда мушаххас шавад. Барои ин манзур, омилњои панљгона мавриди тањлили иктишофї ќарор гирифт. Натиљањо нишон дод, ки ин панљ омил ба бењтарин сурат дар ду омил мартабаи болотар (мартабаи дуюм) ќарор мегирад. Бад-ин тартиб, ки се омил - ризоият аз зиндагї, хулќи мусбат ва эњсоси контрол дар нахустин омил мартабаи дуюм ва ду омили лаззат ва шўхтабъї дар дуюмин омили мартабаи дуюм љой мегирад.

Дар марњилаи баъд сохтори омилии ба дастомада бар асоси равиши тањлили омилии таъкидї ва бар пояи як модели андозагирии мартабаи дуюм дар нармафзори Лизлер мавриди баррасї ќарор гирифт. Натиљањои иборат аз таъкиди сохтори ду омили шодкомї буд. Баррасии мўњтавои омилњо нишон дод, ки нахустин омил мартабаи дуюмро метавон ба унвони ќазовати (арзёбї) шинохтї ва дуюмин омилро ба авотиф ва њаяљонњои мусбат номгузорї кард.

Ёфтањои пажўњишии зиёде аз сохтори дуомилии шодкомї њимоят мекунад. Њарчанд бархе аз муаллифон созаи шодкомиро ба гунаи куллї ба унвони ќазовати шинохтї дар мавриди зиндагї ва мизони ќазовати шахс дар бораи матлубияти кайфияти куллии зиндагии шодкомї шомили арзишёбињое аст, ки афрод аз худ ва зиндагї ба амал меоваранд. Ин арзишёбињо метавонад љанбаи шинохтї (ќазоватњое, ки дар мавриди хушнудї аз зиндагї сурат мегирад) ва љанбаи отифї (шомили хулќ, лаззат ва њаяљонњое, ки дар вокуниш ба рўйдодњои зиндагї зоњир мешавад) дошта бошад.

Сохтори дуомилии шодкомиро ба бењтарин сурат метавон дар назария Орљил (1998) шиносої кард. Ба эътиќоди ў низ шодкомї аз ду муаллифа - отифї ва шинохтї ташкил шудааст ва метавон онро асосан дар ду табаќаи куллї:

1. Ризоияти куллї аз зиндагї ё ризоият аз бештари љанбањои он;
2. Њолати њаяљонии мусбат монанди лаззат ќарор дод.

Шортаз ва Устурок (1991) низ шодкомиро бар пояи мабонии шинохтї тафсир мекунанд ва афроди шодкомро касоне медонанд, ки дар пардозиши иттилоот сўгирї доранд, яъне иттилоотро ба гунае пардозиш ва тафсир мекунанд, ки ба хушњолии онњо меанљомад. Ба гунаи куллї, бар пояи дидгоњи шинохти афроди шодком рўйдодњоеро, ки аз назари фарњангї матлуб аст, бештар таљриба мекунанд ва дар айни њол рўйдодњои хунсоро ба сурати мусбат ва рўйдодњои мусбатро мусбаттар дар назар мегиранд.

**Баёни пешрафти тањсилї бар пояи шодкомї ва саломатии равонї**

Натиљањои ин мутолиа ба гунаи куллї нишон дод, ки шодкомї ва саломатии равонї метавонад пешрафти тањсилии донишомўзонро нишон дињад. Њарчанд ёфтањои њосил аз модели нињоии пажўњиш нишон дод, ки саломати равонї наметавонад дар робитаи байни пешрафти тањсилї ва шодкомї наќши мутаѓайири миёнљиро ба гунаи комил ифо кунад. Ба гунае, ки бо робитаи мустаќим онњоро коњиш дода ё аз байн бубарад, аммо њар ду мутаѓайир ба гунаи куллї метавонанд пешрафти тањсилиро пешбинї кунанд.

Ёфтањои њосил аз модели 1-и пажўњиши њозир, ки робитаи байни шодкомї ва пешрафти тањсилиро ба гунаи мустаќим озмун кардааст, нишон дод, ки дар њудуди 20% вориёнси пешрафти тањсилї аз тариќи мутаѓайири шодкомї баён мешавад. Ин модел дар воќеъ бештарин мизони вориёнси пешрафти тањсилиро дар байни моделњои тавсиаёфтаи пажўњиши њозир баён мекунад ва мутобиќ бо ёфтањои пешин аз наќши шодкомї дар мавќеияти тањсилї њимоят мекунад.

Бо он ки ба эътиќоди бархе аз соњибназарон аѓлаби донишомўзоне, ки аз лињози тањсилї муваффаќ њастанд ба далели сахтї ва зањмати зиёде, ки барои дастёбї ба муваффаќият мутањамил мешаванд, аз лињози вазъияти равонї шароити матлуб надоранд ва ба њамин далел бояд барои дастёбї ба шодкомии бештари донишомўзон, стандартњои тањсилии сабуктар ва осонтаре тадвин шавад, аммо ёфтањои бисёре аз пажўњишгарон њамсў бо натиљањои пажўњиши њозир нишон медињад, ки шодкомї на танњо мўљиби пешрафти тањсилии бештаре мешавад, балки таќвияткунандаи дусўяи якдигар низ ба њисоб меояд. Бад-ин тартиб, донишомўзоне, ки дар сатњи болотаре аз бењзистии зењнї ва шодкомї ќарор доранд, њатто бо

контроли (равишшинохтӣ) ҳуш ва мавқеиятҳои таҳсилии пешин, рутбаҳои таҳсилии болотаре низ ба даст меоваранд. Аз сӯйи дигар, мавқеият дар мадраса низ метавонад беҳзистии зеҳнӣ ва шодкомии донишомӯзонро пешбинӣ кунад. Ба баёни дигар, донишомӯзоне, ки фаъолияти хубе дар мадраса доранд, талош мекунанд, то онро такрор кунанд, зеро шодтар ҳастанд ва анҷоми муваффақиятомези таколифи мадраса ва дастёбӣ ба пешрафти бештар низ ононро шодтар мекунад.

Аз сӯйи дигар, ҳимояти бештар аз ёфтаҳои пажӯҳиши ҳозирро метавон дар натиҷаҳои мутолиоти Фолкнер ва Рюз (2009), Саломӣ ва Авгондукон (2009) ва Кроматсуво, Синорю, Гурдиво, Вилямз (2007), ки нишон медиҳад беҳзистии равоншинохтӣ метавонад ҳамроҳ бо саломатии равонӣ манобеи муҳиме барои беҳбуди ёдгирӣ, муваффақият, кайфият ва пешрафти таҳсилӣ бошад, низ ҷустуҷӯ кард.

Бо вуҷуди ин, бархе аз пажӯҳишгарон робитаи байни шодкомӣ ва пешрафти таҳсилиро дар ҳамаи шароит ва сатҳи таҳсилӣ ба гунаи мусбат ва нерӯманд арзёбӣ намекунанд ва мӯътақиданд, ки фоида ва ҳазинаҳои марбут ба шодкомӣ метавонад дар бархе аз ҳавзаҳои муайян барои афроди шод ва ношод, сатҳи амалкардии яксоне дошта бошад. Барои намуна, ёфтаҳое, ки бо равиши таҳлили масир ба даст омадааст нишон медиҳад, ки робитаи мустақим байни шодӣ ва рутбаҳои таҳсилии донишгоҳии заиф ва аз назари оморӣ ғайримаънодор аст. Робитаи ғайримустақими ин мутағайир низ (аз тариқи талош барои дастёбӣ ба ҳадаф, тааҳҳуд ба донишгоҳ, ризоият аз равобит бо ҳамсолон) қобили мулоҳиза набуд. Ба эътиқоди ин пажӯҳишгарон, бо он ки бархе манобеи отифии афроди шод (монанди таҷрибаи отифии мусбаттар ва эҳсоси ризоияти бештар дар таомулоти иҷтимоии ғайрирасмӣ) метавонад, то андозае дар бархе аз ҳавзаҳои зиндагӣ муфид бошад. Ин имкон низ вуҷуд дорад, ки дар бофт ва заминаи таҳсилӣ асароти судманде надошта бошад.

Ба гунаи куллӣ, пажӯҳишҳои марбут ба давраи таҳсилии мадраса нишон медиҳад, ки пешрафти таҳсилӣ ва беҳзистии зеҳнӣ дар ҳам омехта аст. Ба гунае, ки шодкомии рутбаи таҳсилӣ, бо тавоноии таҳсилӣ ҳамбаста аст ва донишомӯзоне, ки дар даврони таҳсил шодкомии (ҳаяҷонҳои мусбат) бештареро таҷриба мекунанд, имрӯз таҳсили худро бештар дунбол карда ва бештар аз сойири донишомӯзон аз назари шинохтӣ ва равоншинохтӣ бо таклиф ва вазифаҳои таҳсилии худ даргир мешаванд.

Афзун бар ин, дар пажӯҳиши ҳозира мушаххас шуд, ки саломати равонӣ низ ба гунаи мустақим бо пешрафти таҳсилӣ робита дорад. Ҳарчанд ин робита чандон нерӯманд набуд ва мизони табйини ворёнси пешрафти таҳсилӣ бар асоси саломати равонӣ танҳо дар ҳудуди 10% ба даст омад. Бо вуҷуди ин, ёфтаҳои ин пажӯҳиш бо дигар мутолиоти марбут ҳамсӯйии қобили мулоҳиза дорад.

Барои намуна, бо он ки шоҳиди таҷриба ва назари зиёде вуҷуд дорад, ки бар иртиботи байни меъёрҳои саломатӣ бо фаъолиятҳои таҳсилӣ ва тарбиятӣ таъкид мекунад ва нишон медиҳад, ки донишомӯзон дучори ошуфтагиҳои ҳаяҷонӣ ва заъфи саломати равонӣ ағлаб уфти таҳсилӣ ва худпиндории таҳсилии заиф доранд, ки ба гунаи мустақим ва ғайримустақим бар фароянди ёдгирии онон асар мегузорад. Кул, Мартин ва Троглю (1994) нишон доданд, ин бовар, ки тавоноии таҳсилӣ ба иллати адами саломати равонӣ (ба вижа афсурдагӣ) коҳиш меёбад мавриди ҳимоят қарор нагирифт. Дар ҳақиқат, сатҳи тавоноии таҳсилӣ дар як давраи шашмоҳа бидуни тағйир боқӣ монд

Ба манзури анҷоми пажӯҳишҳои комилтару ҷомеатар дар оянда пешниҳодҳое ба қарори зер ироа мешавад.

1. Ба манзури ҷомеият бахшидан ба моделҳои мубтано бар теорияи шодкомӣ, ба вижа, дар заминаи амалкарди таҳсилӣ, пешниҳод мешавад, ки абзорҳо ва равишҳои дигаре барои арзёбии мутағйирҳои шодкомӣ ва саломати равонӣ (монанди мусоҳиба бо дӯстон, аъзои хонавода ва ғайра) фароҳам гардад то андозагирии дақиқтаре ба амал ояд.

2. Равишҳои мухталифи андозагирӣ мӯҷиб мешавад то маҳдудияти марбут ба сӯгирии посухҳо барои гурӯҳҳои киннӣ ва ҷинсӣ ба ҳади ақал бирасад.

3. Ба манзури афзоиши қудрати таъмими ёфтаҳо ва шиносоии бештари равобити байни мутағйирҳо ва муаллифаҳои он дар гурӯҳҳои мухталиф пешниҳод мешавад то дар пажӯҳишҳои отӣ аз сойири гурӯҳҳои киннӣ ва таҳсилӣ интихоб ва мавриди мутолиа қарор гиранд.

4. Пешниҳод мешавад ба манзури баррасии дақиқтари нақши саломати равонӣ ба унвони миёнҷии шодкомӣ ва пешрафти таҳсилӣ аз мафҳуми густурдатари саломати равонӣ ва абзорҳое, ки дарки амиқтар ва поёнтаре аз он ба даст медиҳад, истифода шавад.

***Калидвожаҳо:*** *шодкомӣ, афсурдагӣ, тавоноӣ, коҳиш, саломатӣ, амалкард, тарбият, таҳсил, донишомӯз, ёдгирӣ, ёддиҳӣ.*

***Манобеъ*:**


1. Алипур А., Нурболо А., Мутеиён Ҳ. Шодкомӣ ва амалкарди эминии бадан/ Маҷаллаи равоншиносӣ, 1379.-соли чаҳорум, шумораи 3.-С.219-233.
2. Вурудӣ, Мино. Робитаи камолгароӣ ва сарсахтии равоншинохтӣ бо саломати равонӣ ва амалкарди таҳсилӣ дар донишомӯзони духтари маркази пешдонишгоҳии Аҳвоз//Поённомаи коршиносии аршади риштаи равоншиносӣ.-Аҳвоз: Донишгоҳи Шаҳиди Чимрони Аҳвоз, Донишкадаи улуми тарбиятӣ ва равоншинохтӣ, 1380.
3. Кишоварз А., Вафоиён М. Баррасии омилҳои таъсиргузор бар шодкомӣ/ Равоншиносии корбурдӣ, давраи дуюм, 1386.-шумораи 5.-С.17-26.
4. Маъсумиён, Шарқӣ. Оё мо хоҳони иртиқои саломати равони худ ҳастем?/Фаслномаи Садои мушовир, 1383.-шумораи 4.-С.51-58.
5. Оргойл, Майкл. Равоншиносии шодӣ//тарҷ. Масъуд Гавҳарии Аноркӣ, Ҳамидтоҳир Нишотдӯст, Ҳасан Полоҳанг ва Фотима Баҳромӣ.-Исфаҳон: Интишороти Ҷиҳоди донишгоҳӣ, 2001.
6. Хушкуниш А., Кишоварз, Афшор Ҳ. Робитаи байни шодкомӣ ва саломати равони донишҷӯён/Фаслномаи Андеша ва рафтор, 1387.-шумораи 7.-С.84.
7. Ҳуман Ҳ.А. Таҳлили додаҳои чандмутағайирӣ дар пажӯҳиши рафторӣ.-Теҳрон: Интишороти Пайки фарҳанг, 1385.
8. Ҳуман Ҳ.А. Роҳнамоии илмии тадвини поённомаи таҳсилӣ.-Теҳрон: Интишороти Пайки фарҳанг, 1388.
9. Adler, M. G., & Fagley, N. S. (2005). Appreciation: Individual differences in finding value and meaning as a uniquepredictor of subjective well-being. Journal of Personality, 73, 79–114.
10. Albano, A. M., Chorpita, B. F., & Barlow, D. H. (2003). Childhood mood disorders. InMash, E.J. & Barkley, R. A. (Eds.), *Child psychopathology* (pp. 279-329). NewYork: The Guilford Press.


***Ахмад Ризо ДОДОР***

## ЖИЗНЕРАДОСТНОСТЬ В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ЗНАНИИ УЧАЩИХСЯ


Жизнерадостность учащихся создает условия и большой резонанс в деле освоения учебных материалов. Значительная часть студентов стремится рационализировать свою учебную деятельность, найти наиболее эффективные приемы изучения материала. Успешность их усилий в данной области зависит от уровня развития: 1) интеллекта, 2) самоанализа, 3) воли.

Эмоциональные состояния, уровень развития волевых качеств, особенности психосоциотипа студента существенно влияют на учебный стиль и успешность обучения, на характер взаимоотношений с однокурсниками и преподавателями.


***Базовые понятия***: *жизнерадостный, стресс, сила воли, снижение, здоровье, функционирование, воспитание, обучение учащихся.*

***Ahmad Rizo DODOR***

**CHEERFULNESS IN PERFECTION KNOWLEDGE OF PUPILS**

Cheerfulness pupils create conditions and the big resonance in business development of teaching materials. The considerable part of students aspires to rationalise the educational activity, to find the most effective receptions of studying of a material. Success of their efforts in the field depends on a level of development: 1) intelligence, 2) introspection, 3) will.

Emotional conditions, level of development of strong-willed qualities of feature of a psychosocial type of the student essentially influence educational style and success of training, on character of mutual relations with classmates and teachers.

***Key words***: Cheerfulness, stress, force will, decrease, health, functioning, education, training pupils.

## ПЕДАГОГИКАИ ФАРЊАНГШИНОСЇ

## ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРОЛОГИЯ

***Зуњра ШОЊЇ***
***Бањроми ЉАДИДЇ***



# ФАРОЃАТИ ДОНИШОМЎЗОН: дидгоњњои мухталиф

**ДДОТ ба номи С.Айнї**

Ба таври куллї авќоти фароѓат се наќши асосї дар зиндагии инсон дорад:

1. Истироњат ва рафъї хастагї;
2. Осоиши рўњию равонї;
3. Рушди фардї ва иљтимої.

Дар нињоят, авќоти фароѓат, тасвире аз зиндагии ѓайримуваззифи инсонњо ба даст медињад.

**Решаи луѓавии фароѓат:**

Љилди дуюми фарњанги Амид, фароѓатро ба осудагї ва осоишу осудагї аз кору шуѓл маъно кардааст.

Фарњанги форсии доктор Муъин фароѓатро ба маънои осудагї, истироњат, оромиш ва низ маљол ва фурсат маъно намудааст.

Дар луѓатномаи Дењхудо, фароѓат ваќту замоне аст, ки барои амре фарз шудааст. Соат, фурсат, гоњ, замон, муддате, ки љамъи он авќот аст. Зидгирифторї аз кору машѓулият ва њамчунин фароѓат доштан, яъне ѓафлат доштан ва фаромўш кардан.

Клени дар фарњанги Лорес фароѓатро чунин таъриф кардааст: саргармињо, тафрењот ва фаъолиятњое аст, ки афрод ба њангоми осудагї аз кори оддї бо шавќу раѓбат ба он мепардозанд.

Ин калима шояд аз луѓати Schole, ки як калимаи юнонї аст, омада бошад, ки маънии он бо луѓати лотинии Licere, ки ба маънои озод будан аст, иртиботи наздик дорад.

Дар луғати Оксфорд фароғат ба ин маъно омадааст: «Фарогати фард замоне аст, ки ӯ вақти озод дорад».

Дар луғатномаи Вебстер фароғат озодии ба даст омада пас аз поёни як фаъолият ва ё замони озод, пас аз кору вазифа аст.

Модели англисии луғати фароғат Leisure мебошад, ки ба маънои иҷоза доштан ва муҷоз будан аст.

Дар Юнони бостонӣ калимае, ки барои фароғат ба кор гирифта мешавад (Schole) буд. Ин калима маъмулан ба шароите гуфта мегардид, ки фард аз ҳар кори маҷбурӣ озод буданд, яъне эҳсосе, ки ҳеҷ ниёзе дар заминаи таҳияи ғизо, пӯшок ва ғайра надоштанд. На танҳо машғули кор набуданд, балки медонистанд, ки лозим нест кореро анҷом бидиҳанд.

Ауж (Auge) аз луғатдонони ҷадид, барои луғати фароғат, мафҳуми саргармиҳо, тафреҳот ва фаъолиятҳоеро зикр мекунад, ки афрод ба ҳангоми осудагӣ аз кори оддӣ бо шавқу рағбат ба онҳо рӯ мекунанд.

Тафсири ояи ҳафтум ва ҳаштум аз сураи муборакаи «Алиншроҳ»: ҳеҷ вақт бекору фориғ нанишин, то такомул дар ту вуҷуд дошта бошад, ҳамин ки аз кор фориғ шудӣ, ба коре дигар машғул шав ва дар корҳо майлу рағбат ва таваккали ту ба Худованди таоло бошад.

Худованди субҳон дар Қуръони карим мефармояд: дар онҷӣ ҳидоят арзонӣ дошта, сарои охиратро биҷӯй ва баҳраи хешро аз дунё фаромӯш макун.

Дар аҳодиси набавӣ омадааст:

Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Тафреҳу бозӣ кунед, зеро дӯст надорам, ки дар дини шумо хушунате дида шавад».

Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Қадри неъматҳои сӯҳбат ва фароғатро бидонед ва дар онҳо куфрон раво надоред, то фиребхӯрда нагардед».

Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Эй Абузар! Панҷ чизро пеш аз панҷ чиз ғанимат шумор: ҷавониятро пеш аз пириат, тандурустиатро пеш аз бемориат, бениёзиатро пеш аз ниёзат, осудахотириатро пеш аз хотири машғулат ва зиндагиятро пеш аз маргат».

Паёмбари аъзам (с) дар гуфтори худ нисбат ба насли ҷавон ва арзиши он, ҳамчунин нақши фаъолонаи ҷавонон дар умури мамлакатӣ таваҷҷӯҳ дошта ва барои он аҳамияти хосе қоил будаанд. Ба тавре ки дар ҷиҳати рушди истеъдодҳо ва парвариши ҷисму рӯҳи афрод, ба вижа ҷавонон ҳамеша ононро ташвиқ менамуданд ва дар бораи бахше аз фаъолиятҳои фароғатӣ ва чигунагии гузаронидани ин айём бо таъкид бар ёдгирии варзишҳо ва бозиҳо роҳнамоиҳои гаронбаҳое фармуданд.

Аз тарафе он ҳазрат иноят доштанд, ки бархе корҳои фароғатӣ, аз ҷумла дар заминаҳои мункарот (манъшудаҳо) ва мускарот (лаззатбахшҳо) ва наҳваи нигариш ба авқоти фароғат, ки ҳарзагию (беҳудагӣ) ибтизолро (фарсудашавӣ) ба дунбол дошта бошад, на танҳо мӯҷиби исроф ва табзир (бесариштагӣ) дар неъматҳо ва куфрони он мегардад, балки фардро ба сарпечиву качравӣ майл дода, боиси мушкилоту фасоди иҷтимоӣ мегардад. Ба таври куллӣ бо пайдоиши ин гуна фароғатҳо ва бекориҳо ҳеҷ шаке нест, ки шайтон дар вуҷуди шахс рахна хоҳад кард ва ба ивази кӯмак ба шукуфоии истеъдодҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ сабаби осебҳои фардӣ ва гурӯҳӣ мешавад.
Соати тафреҳ яке аз беҳтарин фурсатҳои судбахш дар ҳаёти башар аст. Дар мавқеи тафреҳ ва саргармӣ муҳити зиндагӣ рангу завқ ва ибтикор ба худ мегирад, лутфу сафои махсус пайдо мекунад, рӯҳ сабукболу пурнишот мешавад, ботину эҳсосот шукуфо мегардад ва одамӣ дар худ эҳсоси озодӣ менамояд.

Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Беҳтарин саргармии мӯъмин шино кардан аст».

Дар ҷои дигар мефармоянд: «Ба фарзандони худ саворкорӣ ва тирандозӣ биёмӯзед».

Дарвоќеъ барои инсони мусалмон шино кардан беҳтарин тафреҳ аст, ки дар замони авќоти фароғат метавонад ба тавсифи паёмбари бузурги ислом ба он бипардозад. Бинобар ин, бо ин фармоиш метавон гуфт, ки инсонҳо дорои ваќти фароғат ҳастанд ва дар ин авќот метавонанд ба варзиш кардан бипардозанд ва аз байни варзишҳо беҳтар аст муфидтарину зарууртарини онро интихоб намоянд. Зеро варзиши шино фаќат як варзиш нест, балки ёдгирии он як зарурат аст. Ҳамон гуна ки дар он замон саворї ҳам як зарурат будааст.

Далелҳо ва шавоҳиде вуҷуд доранд, ки ҳазрати Расули акрам (с) ба саворию тирандозї ва шино алоќаманд будаанд ва дар аҳамияти нерўмандии бадан мефармоянд: хушбахт касе аст, ки оини исломро пазируфта ва ба ќадри маоши худ даромад дорад ва ќавои баданаш нерўманд аст.

Ба ҳамин далел мусобиќоти саворкорї, тирандозї, найзапартої ва гўшти гирифтанро барќарор ва ташвиќ намудаанд, то умуми мардум ба ҷои ќимор ва пардохтан ба умури беҳуда бо фунуни саворкорї ва тирандозию шиноварї пайдо карда ва дар риштаҳои варзишї маҳорати комил ёбанд.

Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Ќадри неъматҳои сўҳбат ва фароғатро бидонед ва дар онҳо куфрон раво надоред, то фиреб нахуред». Нуктаи муҳиме, ки аз фармоиши Расули акрам (с) метавон дарёфт ин аст, ки фароғатро дар ҳадди ҷавонї, саломатї, макон, зиндагї ва ҳастї ќарор додаанд ва аз ваҷҳи бисёр муҳими зиндагї донистаанд.

Ҳазрати Алї (а) мефармоянд: саломати бадан беҳтарин неъматҳои Худованд аст. Ҳамунин мефармоянд: мавќеъҳои тафреҳу шодмонї, фурсат аст.

Ҳазрати Алї (а) мефармоянд: агар ба ончї аз даст додї, туро ибрате бошад, бар ончї дар даст дорї, туро диќќате бояд. Ва мефармоянд: гаронбаҳотарин дороии инсон умр аст, ки аз як тараф аз даст меравад ва аз тарафи дигар бояд ќадри онро донист ва беҳтарин шакли онро масраф кард.

Ҳазрати Алї (а) мефармоянд: «Ҳар як аз аъзои бадан ба истироҳат ниёз дорад». Дар аҳамияти варзиш ва фоидаи он ба саломатї ба Абузар мефармоянд: «Эй Абузар! Пандҳои маро нигаҳдорї кун, то дар ду ҷаҳон саодатманд гардї. Эй Абузар, бисёре аз мардум дар мавриди ду неъмат фиребхурда ҳастанд ва аз он ќадрдонї намекунанд. Он ду тандурустї ва фароғат аст».

Ҳазрати Алї (а) мефармоянд: тандурустї, нерў, хотирҷамъї, ҷавонї ва нишотро фаромўш макун ва бо истифода аз ин панҷ неъмати бузург охиратро биталаб.

Аз маҷмўи аҳодис ва ривоёти баёншуда дар бораи ваќт ва истифода аз он чї ба сурати ибодат ва парастиши Худованди якто ва чї ба сурати кору фаъолият ва баҳрамандї аз лаззатҳои ростини зиндагї метавон ба аҳамияти он аз дидгоҳи шариати муќаддас пай бурд.

Ҳамаи покон мўътаќид буданд: тамоми зиндагии инсон боарзиш ва муҳим аст ва бояд ба некўтарин шакли мумкин мавриди баҳрабардорї ќарор гирад. Дар воќеъ, ҳамон паҳлуҳои зиндагии инсонҳо ва таваҷҷўҳ ба ҳама эҳсосу ќобилиятҳои вуҷуди инсон мадди назар аст.

Дар китоби «Тарбият ва бозсозии кўдакон» матолибе пероумни зарурати шуғл унвон дошта ва ин амрро аз омилҳои ќатъии ислоҳи кўдакон донистааст. Барои пешгирї аз фасод ва пайдоиши хатар бояд заминаи фаъолиятро барои кўдак фароҳам кард ва ин амр зарурати бозсозии кўдакон аст. Тифл дар сояи он аз саркашї, садама дидан, садама задан то ҳудуди зиёде маҳфуз мемонад ва албатта ин амр ба шарте аст, ки волидайн амри ҳидояти ўро дар корҳо ўҳдадор гарданд. Бояд барои тифл то ҳудуде имкони бозї (4, с.76)

Дар бораи равишҳои ислоҳ дар ҳамин китоб навишта шуда: аз масоили муҳим дар ҷанбаи бозсозии кўдакон саргарм кардани онҳо аст. муҳайё кард, то ҳисси масъулият ва кунҷковии ў бедор гашта, имконияти эҷодкорї пайдо шавад. Ба

гунае, ки тифл шавќманд набошад, бекорї худ як бало ва мояи эљоди фасоду саркашї аст. Бояд кор ва масъулияте бошад, то ба ўњдаи ў гузошт. Мисли тањияи коллексия, батартиб чидани кардани китобњо, об додани гулдон ва ѓайра. Ин корњо ба маротиб асарбахштар аз насињату панд барои онњост.

Доктор Мазлумї дар ин бора чунин назар медињад, лањзоти фароѓат лањзоте аст, ки дили фарзанд фориѓу осуда аст ва лоаќал нигаронї надорад ва эњсоси амн мекунад (8, с.45). Барои зиндагї омода аст. Бо марказияти ќалб дар вуљуд ва њампоии зењн ва андом бо дил омодаи фаъолият мебошад. Лањзоти фароѓат лањзоте аст, ки хориљ аз низоми дарсї бошад ва лањзоте аст, ки шахс ба зиндагии хусусии худ паноњ мебарад ва ба гўшае мехазад. Лањзоти фароѓат лањзоте нест, ки одамї кори расмї надорад. Лањзоте аст, ки дили ў аз даѓдаѓа, аз тарс ва аз ташвиш холию фориѓ аст.

Њуљљатул-ислом вал муслимин Муњаммадтаќии Фалсафї менависад: тафрењ ва саргармї дар зиндагии башар як зарурати њаётї аст, ки дар туфулият ба сурати бозињои кўдакона анљом мешавад ва дар бузургсолї ба эътибори тафовути тарбиятњои хонаводагї ва шароити муњити иљтимоїї ба шакли мухталифе сурат мепазирад (6, с.89). Дар оини муќаддаси ислом тамоил ба тафрењ монанди соири хислатњои табиии башар мавриди таваљљўњ воќеъ шуда ва ба шоистагї баён мегардад. Дар бархе ривоёт даст ёфтан ба орзуњои нек дар радифи умури марбут ба зиндагиву охират ќарор гирифта ва хотирнишон шудааст, ки мусулмон шоиста аст ќисмате аз ваќти худро ба љалби лаззатњои солим ихтисос медињад ва барои анљоми фароизи динї ва дунявї омода мешавад.

Инсони оќил касе аст, ки соатњои тафрењро низ сањењ ва судбахш бигзаронад ва аз авќоти фароѓат ба нафъи яке аз љињатњои моддї ва маънавии хеш истифода намоянд (5, с.65).

Бузурге дар маќоми насињат ба фарзанди худ гўяд: зарбњои ќалб ва даќиќањои њаёт њар кадом шумораи муайян дорад, на кам мешавад ва на зиёд. Марг худ мерасад ва њамин ки паймонаи умр лабрез шуд, нидои рањил дар менињанд. Љањони мо сахт зебост ва даргузаштан аз он бисёр душвор. Бинобар ин, чунон бояд зиндагї кунем, ки ба њангоми марг њасрату таассуф надошта бошем ва дар рўзњои кўтоњ корњои бузург анљом дињем ва то он љо, ки метавонем, аз ваќти худ истифода кунем.

Дар ќарнњои гузашта рањбарони мазњабї эътиќод доштанд, ки авќоти фароѓат фурсати тавсиаи рўњї ва ахлоќиро фароњам месозад. Кросс дар маќолае тањти унвони «Фароѓати фард ва таѓйири дидгоњњо» менависад: дар як пажўњиш, ки рољеъ ба ахлоќ ва тафрењот ва авќоти фароѓат дар аввалњои ќарни бистум тавассути Чарлз Слюстер анљом шуд, ба номае ишора мегардад, ки дар он Поп Поли сензданњум дар соли 1959 менависад: тамоми авќоти зиндагї аз дидгоњи масењият ваќти кор ва фароѓат аст, ки арзишњои ба амонат гузошташудаи Худованд ба инсони озод аст ва инсон бояд онњоро дар бораи шукўњ ва љалоли Худованд ва худаш ба кор гирад ва худро ба нињояти камол бирасонад 9, с.45).

Баёни оёти китоби илоњї, ањодиси набавї ва баёноти соири паёмбарони бузург ва њамчунин фармоишоти уламои бузург нишондињандаи мизони ањамият ва њамчунин таваљљўње аст, ки дини мубини ислом ва дигар динњои илоњї нисбат ба ваќт ва бањрабардории муносиб аз он чї ба сурати ибодат ва парастиши Худованди якто ва чї ба сурати кор ва фаъолият ва бањраманді аз лаззати машрўъи зиндагї додаанд.

Ончї аз оёту ривоёт дар бораи фароѓат ва истифода аз он аз дидгоњи динњои илоњї баён гардид, гўшае аз дидгоњњо ва эътиќодоти бузургони дини Худо будааст, ки муњаќќиќ дар њадди тавони хеш ба баёни онњо пардохт.

Ба таври куллї, дар ислом, тарбияти баданї ба унвони абзоре аст, ки барои таъмини бењдшот ва саломати тан ва покии равон, таќвияти рўњ ва сайќал хўрдани тан, пур кардани авќоти фароѓат ба сурати солиму муфид, нек нигањ доштани љомеа аз пастї ва камбудињои ахлоќї, эљоди тавоної ва таќвияти рўњии кор ва талош дар

љињати рушду созандагї, парвариши рўњияи љавонмардї ва дастгирї ба кор меравад то баданњои солиму парваришёфта, абзори шоистае дар хидмати ањдофи муќаддас бошанд.

***Калидвожањо:*** *фароѓат, истироњат, донишомўз, пешрафт, варзиш, ислом, ирониён, омўзиш, тарбият.тавоної.*

***Манбаъњо:***


1. Ќуръони карим.: матни асл ва тарљумаи маънињои он ба забони тољикї.-Душанбе, 2007.-608 с.
2. Анвар, Хуи Амин. Фалсафаи тарбият дар авќоти фароѓат//Маљаллаи тарбият.-1374 /1995.-№ 10.-296с.
3. Аёнї, Кирмонии Зањро. Нањваи гузарони авќоти фароѓати ирониён дар давраи ќољория//поённомаи коршиносии аршад.-Донишгоњи Хоља Насири Тўсї, 1385/2006.-245с.
4. Бањромфар, Мино. Нањваи гузарони фароѓаи донишљўёни духтари донишгоњи озоди исломии воњиди Тењрони марказ бо таъкид бар муносибатњои варзишї// Поённомаи коршиносии аршади Донишгоњи озоди исломї, 1380/2001.-166с.
5. Босирї, Тарона. Нањваи гузарони авќоти фароѓати љавонон//Поённомаи тањсилї.-Тењрон: Донишкадаи улуми иљтимоии донишгоњи Аллома Таботабої, 13751996.-146с.
6. Зореї, Алї. Гузарони авќоти фароѓати донишљўёни донишгоњњои улуми пизишкї бо таъкид бар фаъолиятњои варзишї//рисолаи докторї.-Тењрон: Донишгоњи озоди исломї, 1380/1006.-245с.
7. Зоњидиасл, Њамид. Љомеашиносии фароѓат.-љузваи дарсии Донишкадаи улуми иљтимоии Донишгоњи Тењрон, 1388/2009.-204с.
8. Иброњимї, Алї. Баррасии чигунагии гузарони авќоти фароѓати кормандони рўзномаи Салом//Поённомаи коршиносии аршад.-Тењрон: Донишгоњи озоди исломии воњиди Тењрони марказї, 1381/2002.- 202с.
9. Имронї, Нўшин. Китобшиносии авќоти фароѓат.-Тењрон: Дафтари пажўхишњои фарњангї, 1368/1989.-288с.
10. Каён, Алї. Баррасии чигунагии авќоти фароѓати донишљўёни Донишгоњи Тењрон//поённомаи тањсилии Донишкадаи улуми иљтимої.-Тењрон: Донишгоњи Тењрон, 1376/1997.-175с.
11. Сулаймонї С. Педагогикаи ислом.-Душанбе: Ирфон, 2008.-246 с.
12. Судаймонї С. Фарњангшиносї.-Душанбе: Ирфон, 2002.-223 с.
13. Стрельцов Ю.А. Стрельцова Е.Ю. Педагогика досуга.-М.:МГУКИ, 2008.- 270 с
14. Стрельцов Ю.А.Этнохудожественная культурология.-М.: 2004.-213 с.
15. Стрельцов Ю.А. Культурология досуга.-М.:МГУКИ, 2011.- 137 с.



***Зухра ШОХИ***
***Бахроми ДЖАДИДИ***


## ДОСУГ ШКОЛЬНИКОВ: РАЗЛИЧНЫЕ ВЗГЛЯДЫ

В последние годы в мире вопрос организации досуга учащихся все больше привлекает внимание исследователей исламской культуры и образования. И это не случайно. Ибо досуг играет главную роль в формировании личности человека. Этот вопрос находится в центре внимания соответствующих организации и ответственных лиц и в Иране. В стране разрабатываются специальные программы по организации и

содержательному проведению досуга учащихся школ, ежегодно для этих целей выделяются необходимые суммы.

***Базовые понятия***: *досуг, отдых, учащиеся, развитие, спорт, ислам, иранцы, обучение, воспитание, умение.*

***Zuhra SHOHI***
***Bahromi JADIDI***

**RESEARCHERS ABOUT LEISURE OF PUPILS**

Last years in the world the question of the organisation of leisure of pupils draws attention of researchers of Islamic culture and education more and more. And it is not casual. Leisure plays the main role in formation of the person. This question is in the centre of attention corresponding to the organisation and responsible persons and in Iran. In the country it is developed special programs on the organisation and substantial carrying out of leisure of pupils of schools, annually for these purposes it is allocated the necessary sums.

***Base concepts***: leisure, rest, pupils, development, sports, Islam, Iranians, training, education, ability.

***ПЕДАГОГИКАИ ПРИВЕНТИВЇ***

***ПРИВЕНТИВНАЯ ПЕДАГОГИКА***

***Садро МИРЗОЉОНЇ***



## РАФТОРЊОИ НОПИСАНД ДАР МАКТАБ

***Робитаи инњирофот бо низоми омӯзишї***

**Омӯзишгоњ ба мусобењи пойгоње барои назорати иљтимоъї**

Ба хотири тадриси вазифањо ва њуќуќи афрод ва интиќоли арзишњои иљтимоъї, омӯзишгоњ бо васоили муассире, ки барои контроли иљтимоъї дар ихтиёр дорад, яке аз марказњои умдаи тарбият ва иљтимоъї кардани фард њисоб мешавад. Омӯзишгоњ бо тамоми ќонуну муќаррароташ ба мусобењи «корхонае» аст, ки «маводи хом» чун кӯдакон, тањти шароити хос ва дар ќобили вижа, амал ва рафтореро фаро мегиранд, ки барои гурӯњњои умумї ва табаќоти иљтимоъї яксон аст. Гӯё мадраса ба монанди ќолабе аст, ки дар дохили он мекӯшанд инсонњоро њамсон бисозанд ва тафовутњои

ношї аз табори иљтимоиро дар он бизидоянд ва рафтори нављавононро бар асоси завобиту малокњои муштарак њамоњанг сохта стандарт кунанд.

Падарону модарон интизор доранд, ки фарзандони онњо дар мадраса ба як узви фаъол, омўхта ва шоистаи љомеа табдил шаванд. Фаъолият, омўхтагї ва шоистагї марбут ба арзишу меъёрњое аст, ки љомеа пазируфтааст. Дар љомеа, Спартаи бостон фидокорї ва љонфишонї барои љомеа њадафи асосї будааст. Дар љомеаи брањманон нафии лаззати дунявї ва мурдан ба хотири рањої талќин мешавад ва дар системаи фаъоли дунёи ѓарб фаъолият ва шоистагї ба мафњуми моддї ва пулии он таъбир мешавад.

Дар љанби ин њадафњои куллї эњтиром ба дигарон, риояти ќонун ва итоат аз роњбаронро ба насли оянда фаро медињанд. Кўдак бо итоат аз роњбарони омўзишгоњ бо пайравї аз муќаррароти инзиботї, имтињонї ва бо озмудании тавоноињои хеш дар раќобат барои касби донишњои умда, барои итоат аз ќонуни љомеа ва зистан дар он омода мешавад. Дар љомеае, ки кўдакону донишомўзон наќши роњбарони омўзишгоњро хурд ангоранд, муќаррарот ва ойинномањои љомеае чун омўзишгоњро зери по гузоранд ва ба љойи раќобат шарофатмандона аз роњњои «номашрўъ» заминаи муваффаќиятњои имтињонї ва омўзишгоњиро фароњам оваранд. Мусалламан ваќте вориди љомеа шуданд, наметавонанд узви шоистаи он бошанд. Зеро дар тайи таквини шахсияти кўдак «шоистагї» аз маљори вижае мегузашта ва эътибори хосе доштааст, лизо, аз фаъолият ва барозандагї њамон бардоштеро доро мешавад, ки дар омўзишгоњ медошт.

Омўзишгоњ мисли як воњиди контроли иљтимої ба кўдак меомўзад, ки чаро ба хотири њадаф ва назми љомеа омўзишгоњ лозим аст муќаррароторо муроот кунад. Кўдакон ба сурати бозињои дастаљамъї фаро мегиранд, ки бо фидои манофеъи шахсї ба хотири љамъ метавонанд ба љомеаи мавриди назар хидмат кунанд. Кўдак меомўзад, ки чаро «озодї» иртиботи мустаќим бо «итоат аз ќонун» дорад. Мадраса усули подош ва кайфарро таълим медињад ва кўдак меомўзад, ки бо кору кўшиш ва рафтор муносиб аст, ки метавонад подоши шоиста бигирад ва дар ѓайри ин сурат кайфар мебинад. Ин амр дар љомеа низ содиќ аст. Љомеаи мадраса бояд мазњаре аз љомеаи бузург бошад. Одат дар љомеаи мадраса аст, ки дар љомеаи бузург умумият меёбад. Бо ќарор додани кўдак дар як муњити мураккаб аз афроди гурўњњои мухталифи мазњабї, нажодї, минтаќавї, иќтисодї ва иљтимої ба вай фурсат медињанд, ки худро бо афроди чунин гурўњњое њамсоз карда, созгорї дошта бошад. Афроди њамин гурўњњо њастанд, ки дар љомеа пароканда мебошанд ва бояд ба хотири зисти љамъї бо њам тафоњим пайдо кунанд.

Алораѓми ихтилофоти табаќотї, нажодї, мазњабї, пиндорї ва ѓайра кўдак меомўзад, ки ба хотири њурмати инсонї ва озодии худ ва дигарон бояд бо онњо њамзистї кунад ва усули њокимро риоят намояд. Бо ташдиди таноќизоти иљтимої ва падид омадани фосилањои иљтимоиву иќтисодї ва мазњабї гурўњњои вобаста мекўшанд мадориси вижаи хештан падид оваранд ва бо арзишњои худї фарзандони хешро тарбият кунанд. Дар натиља, баъдњо тафоњуми иљтимої душвортар шуда, фосилаи табаќотї ва гурўњї ташдид мешавад. Вуљуди мадрасањои давлатии вижаи афрод ва гурўњњои хоси љомеа ва мадрасањои ѓайридавлатии омма аз мазњабї ва ашрофї барои гурўњи дигар сулњу оромиши баъдии љомеаро ба хатар меандозад, зеро эњтимолан дар дохили њар воњид пиндорњо, шевањо ва арзишњои њоким тафовут меёбад ва бо пиндорњо ва арзишњои роиљ дар љомеаи бузург, ки натиљаи таркиби табаќоти мухталиф мебошад, ихтилоф пайдо мекунад, то бад-он љо, ки фаровардњои системаи омўзишї бо хостањои омўзишї мунтабиќ намешавад ва гурўње худро бартар аз гурўњи дигар мепиндорад ва барои исботи ин бартарї, ки натиљањои ихтилофи омўзиш аст ба аъмол ва иќдоме даст меёзад, ки бо риволи њоким мунофот дорад. Агар дар бисёре аз љомеа омўзиши њамагонї давлатї ва иљборї аст, ба хотири ин аст, ки

њадди аќал ба њангоми ташкил шахсияти кўдакони онњоро дар ќолабњои воњиде бирезанд ва ба гурўњњои нотавон њам имкон дињанд, то њаммонанди тавонгарон аз фарњанги миллї бањраманд шаванд. Вале сохти бисёре аз љомеа чунон аст, ки алораѓми матлуб будани фикр, дар амал иљрои он ѓайримумкин мешавад. Зеро имконоти мављуд барои рустоиён ва шањриёну табаќоти мухталифи љомеа яксон нест, лизо, њаќќи бархўрдорї аз омўзиш низ яксон нахоњад буд. Адами яксоне аз бањрамандї мўљиб мешавад, ки амали «иљтимої кардан»-и фард ва вазифа ва њаќќе, ки љомеа ба фард тафвиз мекунад нобаробар бошад. Дар натиља, иддае тањти таъсири нобаробарии омўзишї «муњаќтар» ва иддаи дигар «муваззафтар» боќї монанд ва њамин падида дар пайдоиши базњакорињои ношї аз омўзишгоњ асар мегузорад, ки ба бархе аз ононро ишора мекунем:

**Омўзишгоњ ба унвони пойгоњи пайдоиши каљравињо**

Баррасї ва мутолиоте, ки дар кишварњои пешрафта ба амал омадааст, нишон медињад, ки омўзишгоњ дар тарвиљу ташдиди базњакорињо наќши ќобили таваљљўње дорад.

Зайлан бархе аз омиле, ки дар пайдоиши инњирофот дахолат доранд, мавриди бањс ќарор мегирад:

Яке аз њадафњои умдаи омўзиш ва парвариш ошно кардани фард ба ойин ва усули њоким бар љамъ мебошад, ки дар пайравии он афрод тањти режим ва инзиботи хос ќарор мегиранд. Ин амр њатто баъд аз омўзишгоњ низ дар сарбозхонањо, дар идорот ва сойири таъсисоти умумї пайгирї мешавад. Чунин падида пайвастагии наздик бо муњит дорад, ки омўзишу парвариш дар он тањаќуќ меёбад. Бархе аз омиле, ки мустаќим ё ѓайримустаќим дар базњакорињо ва эљоди инњирофот дахолат доранд, иборатанд аз:

1. Камбуди муаллимони мутахассис дар сатњи ибтидої ва мутавассита;
2. Камбуди љой ва таљњизот дар омўзишгоњ, ки сабаб ба истифодаи беш аз зарфият мешавад. Дар натиља, кайфияти маводи омўзишї ва чигунагии расидагї ба вазъи донишомўзонро коњиш медињад;
3. Номусоид будани шароити кори омўзишї;
4. Адами таваљљўњи авлиёи омўзишгоњ ба рафтори донишомўзон ва сањлу сарсарї гирифтани умур;
5. Бархе аз мутасаддиёни умур аз омўзиш бардошти нодурусте доранд, ба тавре, ки њурмати инсониро риоят накарда, тасаввур мекунанд донишомўзон «бардагон»-и онњо њастанд;
6. Адами табаќабандии донишомўзон бар пояи мелокњои илмї љињати иттихози шевањои мутаносиб бо истеъдодњои рўњї ва љисмии кўдакон, то њамагон битавонанд аз њадиаќали имконот ва донистањои фарњангї бањраманд шаванд. Дар асари системаи раќобатї ва адами табаќабандї кўдаконе, ки тавонотаранд (ба маънои том) бањрабардории бештаре мекунанд ва кўдакони нотавон алораѓми талоши хеш ба натиљањои ризоятбахш намерасанд ва маъюсона ба рафтори зиддииљтимої даст меёзанд;
7. Адами интибоќи барномањои омўзишї бо ниёзмандињои љавонон ва арзишњои берун аз омўзишгоњ;
8. Муњофизакории системаи омўзишї, ки монеа аз ошної ва огоњии донишомўзон бо ороъ ва афкори нав аст;
9. Омўзишгоњ бо љонибдорї аз ороъ, мазњаб ва нажоди хоси тазйифотї барои афроде, ки ба онњо вобаста нестанд, ба вуљуд меоварад;
10. Омўзиш омили људоии табаќотї аст; ба он маъно, ки мизони кайфияти омўзиш аз русто ба шањр барњасби љинс ва барњасби табори иљтимої гуногун аст, дар натиља мизони тањсилот низ монанди сарват ва ќудрат зобитаи мушаххаси табаќоти иљтимої мањсуб мешавад;

11. Омӯзишгоњ ба унвони маркази таљамъӯи таноќизоти иљтимоӣ аст; бад-ин маъно, ки дар асри мо завобити ќадим монанди вафодорӣ, имон ва шуљоат љойи худро ба худороӣ, таљаммул, зоњирсозӣ ва пул додаст ва донишомӯзоне, ки аз хонаводањои мухталифе дар омӯзишгоњ гирд меоянд, ноќили эътибор ва манзалати иљтимоии хонаводањои хеш мебошанд;

12. Вуљуди гурӯњњои мазњабӣ, нажодӣ ва сиёсӣ дар омӯзишгоњ рафтори ѓайрисамимона ва ноњамоњангро падид меоваранд, ки монеъ аз тафоњуми мутаќобил мешавад;

13. Бархе аз муаллимону мутасаддиёни омӯзишгоњ тањти фишори гурӯњњо ё ашхоси вобаста ба системањои мазњабӣ, нажодӣ, сиёсӣ ва ѓайрирафторӣ бар алайњи иддае аз донишомӯзон иттихоз мекунанд, ки таноќизоти рӯњии фардӣ ва иљтимоиро ташдид мекунанд;

14. Ба воситаи афзоиши доимултазоид донишомӯзон, масъулони омӯзишгоњњо наметавонанд онњоро дар синф ё замини варзиш тањти роњбарии афроди шоистае созмон бахшида ва авќоти фароѓаташонро сомон дињанд;

15. Камбуди мушовир ва мададкорони иљтимоӣ сабаб шуда, ки љавонон надонанд дарди хешро бо кӣ дар миён гузоранд (собиќаи иќрор пеши кашишон бори «гуноњон»-ро сабук мекард ва пайравони мазњабӣ иршод мешуданд, лекин бо гироиш ба ѓайримазњабӣ шудан бояд љойи кашишонро бо афроди мутахассису омӯхта пур кард);

16. Нотавонии ќариб ба иттифоќи мадраса дар тамос бо хонаводањо ва барќарории робитаи самимона байни авлиё ва муаллимон дар шањрњои бузург;

17. Камбуди клиникањои равоншиносӣ барои муоина ва иршоди љавонон;

18. Набудани равоншиносон, равонковон ва мададкорони иљтимоии кофӣ барои эљоди клиникањои равонпизишкӣ;

19. Бо таваљљӯњ ба ин аксарияти кӯдакони оддӣ дар омӯзишгоњ љамъанд, лизо кӯдакони ѓайриоддӣ дар миёни онњо гум мешаванд ва масъулон барои сода кардани кори хеш бештар ба кӯдакони оддӣ таваљљӯњ доранд, то ѓайриоддӣ;

20. Тањарруки макони хонавода сабаб мешавад, ки кӯдакон натавонанд бо муњити тоза иртиботи комил пайдо кунанд (ин вазъ дар мавриди кормандони давлат ё коргарони муњољир комилан содиќ аст);

21. Тарокуми љамъият дар марказњои санъатӣ ва низоми фурсати истифода аз имконот ва васоил рифоњи иљтимоиро коњиш медињад;

22. Бархе аз мадрасањо тавоноии иљрои муќарарот ва ойини марбутро ба ѓайбати донишомӯзон ё муаллимонро надоранд, дар натиља дар љараёни соли тањсилӣ ѓайбатњои муќаррари муаллимон ва донишомӯзон сабаби коњиши кайфияти омӯзиш ва муроќибат мешавад ва уфти тањсилиро фузунӣ мебахшад;

23. Омӯзиши њуруфоӣ ва фаннӣ алораѓми рушди сареи санъат дар шањру рустоњо тавсиаи кофӣ наёфтааст;

24. Барои тарбияти кӯдакони истисноӣ (иорат аз ин, ки пешрафта ва ё аќибмонда бошанд) имконоти кофӣ вуљуд надорад.

Нобањинљорињое, ки дар мадраса падид меояд, танњо иборат аз ин амр нест, ки кӯдакони як омӯзишгоњ аз гурӯњњои мухталифи иљтимоӣ, нажодӣ, мазњабӣ ва сиёсӣ ташкил шудаанд, балки бештар аз ин назар аст, ки масъулони омӯзишгоњ дар муњити тарбиятӣ чунон шароитеро фароњам меоваранд, ки ба падид омадани аќидањои гуногун кӯмак мекунад.

Кӯдаке, ки ба тоаври мунтазам дар фаъолиятњои омӯзишгоњӣ шикаст мехӯрад ва пайваста мавриди маломату сарзаниши масъулони омӯзишгоњ ва авлиёи хеш ќарор мегирад, мекӯшад ба тарзи ин шикаст ва адами муваффаќиятро љуброн кунад, аз он љумла, бо рафтори зиддииљтимоӣ таваљљӯњи мардумро ба худ љалб мекунад, то бад-он љо, ки дар соли 2008 нављавони понздањсолае кӯдаки њаштсолаеро иѓво карда, ба бешањои атрофи Париж бурда, њамон љо кушта ва махфӣ карда буд. Ваќте ин

нављавон маъмурони интизомиро ба мањали ихтифои љасад роњнамої мекард, ба воситаи мамнўъ будани аксбардорї кўдак бо норизоии комил гуфт: «Њади аќал аз ман акс њам нагирифтанд»!

Мулоњиза мешавад, ки гоње номї шудан аз тариќи рафтори зиддииљтимої барои касоне, ки фурсати машњур шудан аз тариќи аъмоли мусбат надоранд, имкон медињад аз роњи манфї шўњрати шањр шаванд.

**Рафтори нобањинљор дар синфњои дарсї**

Њарчанд, ки њамаи рафтори нобањинљори кўдакон дар синфњои дарсї љузви базњакорї шумурда намешавад, вале бояд донист бархе аз ин аъмоли нобањинљор пешдаромади базњакории баъдї ба шумор меоянд. Ба њамин муносиб, муроќибати муаллимон ва ташхиси аъмоли нобањинљори донишомўзон ва иршоди эшон яке аз муњимтарин масоили тарбиятї аст. Њељ кас ба андозаи муаллимони синфњо салоњияти ташхиси нобањинљорињоро надорад, зеро дар шароити фаъолияти дастаљамъї аст, ки донишомўзон воќеъияти вуљуди худро бармало месозанд. Муроќибати донишомўзон ва таваљљўњи муаллим ба аъмоли кўдакон фурсати кашфи аъмоли носавобро фароњам меоварад.

Маъмулан њамаи муаллимон дар љараёни таълим бо масъалаи «инзибот» сару кор доранд. Мумкин аст дар мавќеияте донишомўзе барњасби шароити љисмї, рўњї, эњсосї ва ѓайра натавонад дар ќиболи «инзибот» посухи муносиб нишон дињад. Лизо, ин амр мавриди таваљљўњи масъулони синфњо ќарор мегирад. Бо таваљљўњ, ба мутолиоте, ки дар заминаи рафтор ва масоили кирдори донишомўзон ба амал меояд, маъмулан метавонанд чигунагии онњоро ќаблан пешбинї кунанд. Бахусус, агар роњнамоёни омўзишї вуљуд дошта бошанд, бо баррасии бехирадона тавсияњо ва кўмакњои лозимро ба муаллимон метавонанд бикунанд.

Дар чанд соли гузашта, ба воситаи тарокуми љамъият аз як сўй ва таѓйири сареи арзишњо аз сўйи дигар, масъалаи инзибот дар омўзишгоњњо ањамияти бештар пайдо кардааст. Муаллимони тозакор нисбат ба масъалаи инзибот њасосияти бештаре нишон дода, онро дар маркази диќќати хеш ќарор медињанд. Онњо интизор доранд њамон тавре, ки худашон дар чанд сол пеш инзиботро муроот мекарданд, бояд донишомўзони онњо низ ба њамон шева (алораѓми гузашти замон) рафтор кунанд.

Вуљуди донишомўзони нобањинљор дар мадрасањо ва адами имкони контроли онњо сабаб мешавад нобањинљорї њаммонанди як бемории масирї ба дигар донишомўзон низ сироят кунад. Бавижа, дар асри мо бо таваљљўњ ба ниёзмандињои љавонон ба тафрењ ва хушгузаронї ва бо таваљљўњ ба ин, ки иддае аз судљўён берун аз омўзишгоњ низ аз тариќи таблиѓу ташвиќ ин амрро ташдид мекунанд. Лизо, вуљуди донишомўзони нобањинљор бисёре аз нављавонон, ба вижа духтарон ва хонаводањои онњоро ба хатари љиддї мувољењ месозад.

Бояд ёдоварї шавад, ки дугонагии василаи барќарории инзибот дар омўзишгоњ ва берун аз он дар љомеа ва хонавода сабаб мешавад, ки бисёре аз донишомўзон ойинномањои инзиботиро љиддї ќабул накунанд, зеро дар ин ойинномањо њадиаксар танбењи ихрољ аз синф ва ё мадраса аст. Ин навъ танбењ сабаб ба рањоии донишомўз аз контрол ва назорати маќомоти омўзишгоњї мешавад ва шояд њам ин вазъи номатлуби донишомўз хотї аст.

**Вокуниши муаллимон дар ќиболи носозгорињо**

Дар љустуљўи оро ва назароти муаллимон, Анљумани миллии омўзишу парвариш дар Амрико дар бораи сабаб, навъ ва дармони рафтори нобањанљори донишомўзон ба мутолиае даст зад ва ба дунболи он 4270 посух дарёфт кард. Нахустин аксулъамали муаллимон ин буд, ки донишомўзони эшон он тавре, ки дар матбуот ва васоили иртиботи љамъї чун радио ва телевизион тавсиф мекунанд, нестанд. Бархе аз муаллимон мўътаќиданд, ки 1/10 муаллимони 40- сола ва болотар

њадиаќал як бор ба василаи донишомўзон мавриди зарбу ситам ќарор гирифтаанд. Ба назари онњо иллати умдаи рафтори нобањанљори шогирдон иборат аст аз:

Набудани эњсоси масъулияти падарону модарон, шароити номусоиди хонаводагї, набудани назорати авлиё дар асари иштиѓол ба кори модарон ва набудани поињои устувори тарбияти ахлоќї.

Дар миёни посухњо рўйи масоили иљтимої ва иќтисодии таъкидшуда ва натиљањо гирифтаанд, ки бењбуди шароити фарњангии кўдакон бар ўњдаи кулли љомеа аст. Барои њалли душворињои мављуд бояд њамаи љомеа чорањои бохирадона љустуљў кунад.

**Номусоидатии муаллимон**

Яке аз масоили муњиме, ки мўљиби ба њам хўрдани назми синф мешавад, номусоидатии худи муаллим бо муњити хеш аст. Беалоќагї ба кор, дўст надоштани кўдакон, мањрумиятњои молї ва манзалатї, ољизию нотавонї дар зиндагии хусусї сабаб мешавад, ки муаллим натавонад як муњити отифии дилпазир биофарад, то донишомўзон бо шавќу иштиёќ ба кор бипардозанд. Пешдоварї, хусумату кинаварзї аз муаллим ба донишомўз сироят мекунад ва ба монанди ду оинаи мутаќобил, ки нурро рўйи њам мунъакис месозанд, ин навъ куниш ва вокуниш байни муаллим ва мутааллим пойдор мемонад.

Њељ кас ба андозаи муаллим барои офаридани як муњити мусоид, дилпазир ва самимї, тавом бо гузашт ва њамкорї масъулият надорад, зеро дар љараёни тадрис ва дар шароити омўзишї муаллим наќши мифтоњи мушкилотро ба ўњда дорад ва халлоќият аз они ўст. Дар синфњои дарсї њељ чиз бадтар аз ин нест, ки муаллим тањти таъсири омилњои мухталифи берунї ё дарунї аз шиддати норољатї ба њолати «инфиљор» дарояд ва ба донишомўзе тавњин ва ё вайро танбењ кунад ва аз худ биранљонад. Агар муаллиме натавонад худро контрол кунад, набояд аз шогирдони хеш интизор дошта бошад, ки аз вай итоат карда заминаро барои њамкории мутаќобил омода кунанд.

Дар солњои аввалияи таълимотї кўдакон ба зањмат метавонанд худро бо назми омўзишгоњ њамоњанг созанд ва дар ин кор бо душворињое мувољењ њастанд. Агар дар чунин шароит сарукори ин кўдакон бо муаллимон биафтад, ки худ таодули рўњї надоранд, душвории онњо чандин баробар хоњад шуд.

Иддае аз ин муаллимон чунон дар масоили шахсї, хонаводагї ва идорї ѓарќ шудаанд, ки кўдаконро фаромўш мекунанд ва ончунон аз мўњтољи хеш андешанок њастанд, ки ба ниёзмандињои донишомўзон таваљљўњ намекунанд.

Бо камоли таассуф бояд гуфт, ки имрўза ба воситаи сиёсати муздї ва раќобати бозори кор, низомњои омўзишии бисёре аз кишварњо аз нерўи инсонї «пасмонда» бозори кор барои омўзишу парвариши навбовагон бањрабардорї мекунанд. Инчунин, афрод камтар ба гурўњњое љомеа тааллуќ доранд ва пеш аз ин, ки ба истихдоми (ба коргирї) омўзишу парвариш дароянд, ба бисёре аз марказњои истихдомї мурољиат карда, љавоби рад шунидаанд ва билохира, бар хилофи майли хеш ба омўзишу парвариш рўй овардаанд. Ин афрод пеш аз ин, ки масъулиятеро ба ўњда бигиранд, бо анвои норољатињо ошноі пайдо кардаанд. Бад-ин сон, низоми омўзишї ба маркази таљамўи иддае аз тањсилкардањои норозї табдил мешавад ва чї басо, ки дар љараёни таълим ин навъ норизоиву бадбинї аз муаллимон ба донишомўзон интиќол меёбад.

Фузунии донишомўзон, њуќуќи кам, вазифањои фавќи барнома (тафрењї), масъулияти хонавода ва фишорњои мухталифи идорї ва иљтимої, ки ба мадраса ва мударрисон ворид мешавад, мумкин аст сабаби эњсоси адами амнияти коркунони омўзишї шавад. Бавижа, дар шањрњои камљамъият рафтори муаллимон дар маърази доварии афкори умумї аст. Мардум аз онњо беш аз дигарон таваќќеъ ва интизор доранд.

Бисёре аз аъмоле, ки аз дигарон сар мезанад, аѓмозпазир аст, вале агар њамон аъмол аз муаллим сар занад, наќли маљолис мешавад гунае муаллим як вуљуди истисноии љомеа аст. Бад-ин сон фишори љомеаи хурд рўйи муаллимони хаёлї бештар аз љомеаи бузург аст, ки дар онљо муаллим метавонад «гумном» зиндагї кунад. *(Ба ин масъала дар бахши шањрвандї низ ишора шудааст*).

Боис аст, ки масъулон ва мудирони омӯзишӣ аз таҳаммули умури ғайриомӯзишӣ ба муаллимон худдорӣ карда, васоили рифоҳии эшонро таъмин кунанд, то онҳо битавонанд дар шароити мусоиде истироҳати комил карда, нороҳатии худро аз муҳити зиндагӣ ба муҳити кор интиқол надиҳанд. Имрӯза кори омӯзишӣ бештар ҷанбаи отифӣ дорад. Ба ҳангоме, ки муаллиме эҳсоси хастагии ҷисмӣ ва рӯҳӣ мекунад, ғайримумкин аст, ки битавонад бар худ чира шавад ва асароти ин касолатро ба наҳве аз онҳо дар синф пӯшида дорад ва афсурдагии худро ба кӯдакони бегуноҳ сироят надиҳад.

**Кӯдаконе, ки нороҳатии отифӣ доранд**

Ҷои бисёр таасуф аст, ки бисёре аз омӯзгорон аз ташхису дармони кӯдаконе, ки аз лиҳози отифӣ нороҳатиҳо доранд, дар канори дигар донишомӯзон ба таҳсил машғул ҳастанд, нотавон мебошанд. Ҳарчанд, ки аксарият қариб ба иттифоқи муаллимон аз имконоти муолиҷаи чунин афрод маҳрум ҳастанд, вале боиста аст, ки ҳадди ақал ба навбати худ то он ҷое, ки нотавонӣ доранд, аз базли мусоӣ худдорӣ намоянд, то шояд рӯзе фаро расад, ки битавон ин қабил кӯдаконро таҳти дармон қарор дод. Албатта, ин амр ба он маъно нест, ки муаллим нақши воқеии худро дар синф фаромӯш кунад ва ба дигар донишомӯзон таваҷҷӯҳи шоиста накунад ва ҳама муроқибатро рӯйи донишомӯзе, ки бемории отифӣ дорад, мутамарказ созад.

Дар мароказе, ки роҳнамоёни таълимотӣ ё мададкорони иҷтимоӣ вуҷуд дошта бошанд, дар ташхиси осор адами созгорӣ ва шинохти кӯдаконе, ки нороҳатии отифӣ доранд, метавонанд ёриҳои шоистае ба омӯзгорон бикунанд ва монеъ аз рушди авомили осебии кӯдакони бемор шаванд. Мутаассифона, бояд изъон дошт, ки ҳанӯз дар Ирон марокази дармони бемориҳои равонӣ дар клиникаҳо барқарор нашудааст.

**Масъалаи гурез аз мадраса**

Агар бипазирем, ки гурез аз мадраса заминаро базҳакорӣ фароҳам меоварад, ба ин натиҷа мерасем, ки омӯзишгоҳ беҳтарин фурсатро барои шинохти «базҳакорони эҳтимолӣ» фароҳам меоварад, то пас аз кашфи сабаб васоил ва равишҳои боястаро ҷиҳати пешгирӣ омода кунанд. Кӯдаконе, ки гароиш ба мадраса рафтан надоранд ва аз он мегурезанд, эҳтиёҷ ба роҳнамои фаннии вижае доранд, зеро сабаби ин гурез ё дар даруни омӯзишгоҳ ва ё дар беруни он ва ё ин ки дар набудани робитаи шахсияти кӯдакон қарор дорад. Бисёре аз донишомӯзон бидуни ин ки манзури савъӣ дошта бошанд, фақат ба хотири ин ки намехоҳанд, зери оинҳо ва маросими вижа бошанд, аз омӯзишгоҳ ба сӯйи хона мегурезанд. Бозгардонидани онон ба омӯзишгоҳ ва ба синфи дарс алорағми сабаби ботиниашон ва бидуни шинохти илали марбут мумкин аст нороҳатии кӯдаконро афзун созад ва сабаби ташдиди он шавад. Кӯдаконе, ки ба омӯзишгоҳ хӯ мегиранд ва аз лиҳози таълимотӣ ва иҷтимоӣ ба некӣ пешрафт мекунанд, ба нудрат аз омӯзишгоҳ мегурезанд. Фақат кӯдаконе, ки худро дар омӯзишгоҳ хушнуд намебинанд ва ё бино ба сабабе эҳсоси нороҳатӣ мекунанд, ба хотири раҳоӣ аз шароити номусоид ва барои дастёбӣ ба осоиш аз омӯзишгоҳ мегурезанд. Бибнобар ин, вазифаи масъулони омӯзишгоҳ, муаллимон ва мададкорони иҷтимоӣ аст, ки сабаби гурези кӯдаконро ошкор сохта ва шароити лозимро барои ҷалбу нигаҳдории кӯдакон дар омӯзишгоҳ фароҳам оваранд. Ҳамон тавр ки то кунун чанд бор ишора кардаем, гурез аз мадраса, ғайбатҳои мукаррар, беалоқаии кӯдакон ба мадраса ва ақибмондагии онҳо дар пайдоиши базҳаҳои отӣ бетаъсир нест.

Бояд ишора шавад, гурез аз мадрасаро набояд бо ҳар ғайбати иттифоқӣ ва тасодуфии кӯдакону донишомӯзон иштибоҳ кард. Мусалламан бисёре аз донишомӯзон гоҳ-гоҳ бидуни иҷозаи авлиёи хеш ва ё масъулони омӯзишгоҳ ғайбат мекунанд. Ба вижа, навомӯзони дабистонӣ дар ҷустуҷӯи таҷруби нав омӯзишгоҳро ба қасди шинохти муҳити ношинохта тарк мекунанд ва ё бисёр иттифоқ меафтад, ки донишомӯзе ба сабаби анҷом надодани таклиф ва дер расидан ва амсоли он аз ширкат дар синф худдорӣ мекунанд. Ин қабил рафтор аз падидаҳои оддии зиндагӣ омӯзише аст ва наметавон онҳоро ба маънои воқеии алоими гурез аз омӯзишгоҳ қаламдод кард. Дар чунин мавориде муроқибатҳои падарон, модарон ва масъулони омӯзишгоҳ

ва ҳамкории мутақобили хонавода ва мадраса сабаби чунин ғайбатҳоро аз байн бурда, онро коҳиш диҳад.

Гоҳе иттифоқ меафтад, ки падарону модарон таҳти таъсири алоиқи худ ғайбатҳои фарзанди хешро тавҷеҳ карда, онро миҷоз қаламдод мекунанд ва ё ҳатто дар баъзе мавқеъ ғайбати ғайримиҷози фарзанди худро пӯшида медоранд ва масъулони омӯзишгоҳро гумроҳ месозанд. Дар чунин ҳолат, ин гуна падарону модарон ба ҷои кӯмак ба пешрафти фарзандашон василаи ақибмондагии вайро фароҳам меоваранд.

**Ғайбатҳои мукаррар**

Дар шаҳрҳои бузург иддаи зиёде аз кӯдакон мукарраран ва ба муддатҳои дароз аз ҳузур дар омӯзишгоҳ худдорӣ карда, дар ҷоҳои дигар саргарм мешаванд. Бузургии шаҳрҳо, доир будани марокази тафреҳ монанди кафетерия, синамо, ношинос будан ва ғайра ба донишомӯзон имкон медиҳад, ки дур аз назорати авлиёи хеш ва масъулони омӯзишӣ ба дунболи «ҳавои дил» раванд. Чунин ғайбатҳо нисбати мустақиме бо фасли баҳор, хубии ҳаво (рӯзи офтобӣ), идҳо (фаро расидани Наврӯз) ва ё сармои хеле сахт дорад.

Дар шаҳристонҳои хурд ба василаи маҳдудияти буъди маконӣ, контроли иҷтимоӣ таҳти таъсири ошноӣ, набуди марокази тафреҳ ва саргармӣ (монанди кафетерия ва синамо) барои ҷавонон дар соати таҳсил, ғайбати донишомӯзон коҳиш меёбад. Шояд ба ҳамин муносибат бошад, ки дарсади қабули имтиҳоноти шаҳристонҳо беш аз шаҳрҳои бузург аст. Ногуфта намонад, ки ғайбат аз мадорис барҳасби ҷинс фарқ мекунад ва иллати ғайбати духтарон аз писарон мутафовут аст. Фақат дар шаҳри Теҳрон ва як-ду марокази дигар аст, ки духтарон низ фурсат доранд ба ҷои фаъолиятҳои омӯзишгоҳӣ аз дигар саргармиҳо баҳраманд шаванд, вале дар дигар нуқот чунин фурсат камёб аст. Шояд ҳамин омил дар афзоиши дарсади қабули духтарон нисбат ба писарон бетаъсир набудааст.

Дар натиҷаи ғайбатҳои мукаррар аст, ки бисёре аз донишомӯзон баҳраи кофӣ аз омӯзиш намегиранд ва каратан шикаст мехӯранд ва дар пайрави он тарки таҳсил мекунанд. Бархе аз чунин донишомӯзоне, ки тавоноии молӣ доранд маҷбур мешаванд ҳазинаи бештаре барои хариди колои омӯзишӣ мутаҳаммил шаванд ва бо пардохти ҳақултадриси хусусӣ ва ё ширкат дар синфҳои шабона мекӯшанд, ки ақибмондагии худро ҷуброн кунанд.

Ошкор аст касоне, ки аз муваффақиятҳои омӯзишӣ маҳрум мешаванд ва наметавонанд давраҳои марбутро ба поён расонанд, мусалламан аз «мазоёи гувоҳнома», ки таъсири инкорнопазир дар корёбӣ ва истихдом дорад бебаҳра мемонанд ва ояндаи худро ба хатар меандозанд.

**Рафтори табақотии донишомӯзону муаллимон**

Мутолиоти дақиқе, ки ба василаи Девис, Варнер (Warner) ва Ҳолингзҳед (Hallingshead) ба амал омадааст, ҳокӣ аст, ки вижагиҳои табақотии ҷомеа дар зиндагии омӯзишгоҳӣ таъсири босазое дорад. На танҳо донишомӯзон, ки дорои табори гуногуни иҷтимоӣ ҳастанд, бо таваҷҷӯҳ ба хусусиёти табақотӣ рафтори хосеро пеша месозанд, балки муаллимону мудирон низ вижагиҳои табақотии худро ба мадорис интиқол медиҳанд. Масалан, дар бисёре аз мавоқеъ муаллимон ба таври огоҳона ё ноогоҳона аз донишомӯзон вобаста ба табақоти мутавассит ва болотар ҳимоят карда ҷонибдорӣ мекунанд. Дар натиҷа донишомӯзони вобаста ба табақоти поён дар қиболи ин навъ табъизҳо ва адами риояти тасовӣ ором наменишинанд ва вокунишҳое ба сурати рафтори хасисона нишон медиҳанд.

Манбаъ ва маншаи бархе аз душвориҳо ин аст, ки бисёре аз муаллимон ба таври ғайривоқеӣ, дар хаёли хеш як намуна ва мазҳари идеал аз донишомӯз халқ мекунанд ва донишомӯзони воқеиро бо меъёр ва мазҳари хаёлии худ месанҷанд. Муаллиме, ки ба табақаи мутавассити ҷомеа таалуқ дорад, ба ҳангоме ки намуна ва

меъёри рафтори «хуб»-ро барои хеш таин мекунад, эњтимол дорад ин меъёрњо дар мавриди кўдакони поёни љомеа содиќ набошад. Мафњуми некї ё бадї иртиботи мустаќиме бо бардоштњо ва тарзи талаќињои гурўњї ва табаќотї дорад. Муаллимоне, ки ин воќеиятро нодида мегиранд, шояд бузургтарин иштибоњотро падид меоваранд.

***Калидвожањо***: *омўзиш, парвариш, духтарони фарорї, духтарони базењкор, мактаб, муаллим, хонанда, иртибот, гурўњњои синнї, некї, бадї.*

***Манобеъ:***


1. Ањмадї, Алиасѓар. Равобити духтару писар дар Ирон.-Тењрон, 1384.
2. Бањд, Парвона. Баррасї ва муќоисаи сохтори хонаводагии духтарони фирорї.-Тењрон, 1382.
3. Бишон, Довуд. Духтарони фирорї. Пажўњиш ва нигориш.-Тењрон, 1386.
4. Гелонї, Нурбахш. Љавод, Маънавї. Беморињои равонии кўдакон.- .-Тењрон: Интишороти Донишгоњи Тењрон, 1349.
5. Духтарони фирорї. Пажўњиш ва нигориши Довуд Башон.-Тењрон, 1378.
6. Латифї, Ѓуломризо. Баррасии масоили кўдакони хиёбонї бо таъкид бар базњадидагони духтар.-Тњрон, 1376
7. Моњир, Фарњод. Базањдидагони гурўњи фаромўшшуда.-Тењрон.-Донишгоњи озоди исломии вoњиди Карљ, 1384.
8. Навобирнажод, Шукўњ. Рафторњои бањинљор ва нобањинљори кўдакон.-Тењрон, 1385.
9. Нашрияи ислоњ ва тарбияти Созмони зиндонњо.-Тењрон: фарвардини 78.-№ 51.
10. Яздї, Сирус. Баррасии муќаддимотї дар бораи иллали иљтимоии фирори гурўњї аз нављавонони духтари муќими конуни коромўзии Караљ/Симпозиуми ихтилолоти шахсият бо њамкории Донишгоњи Тењрон ва Анљумани равонпизишкии Ирон, 1355.



***Садро МИРЗОДЖОНИ***


## НЕЖЕЛАТЕЛЬНОЕ ПОВЕДЕНИЕ ДЕТЕЙ В ШКОЛЕ


Школа с целью преподавания задач и прав и доведения социальных ценностей для людей посредством своих действенных средств социального контроля является одним из главных центров для воспитания и социализации человека. Можно сказать, что школа - это форма, внутри которой стараются отливать одинаковых людей, стереть с них социальные и родственные отличия, привести в соответствие и стандартизировать поведение летей на основе одинаковых критериев и норм.

Родители ждут, что их дети в школе превратятся в активных, обученных и достойных членов общества. Деятельность, образованность и достойность зависит от тех критериев и ценностей, которые признаются в обществе. Исследование показало, что многие дети покидают школы или становятся безпризорными, убегая из дома.



***Базовые понятия***: *обучение, воспитание, девиантные девочки, школа, учитель, учащиеся, возрастные группы, плохое поведение, хорошее поведение.*



***Sadro MIRZOJONI***


## UNDESIRABLE BEHAVIOUR OF CHILDREN AT SCHOOL


The school, for the purpose of teaching of problems and the rights and finishing of social values for people, by means of social control is one of the main centres for education and socialisation of the person. It is possible to tell that the school is the form in which try to cast identical people, to erase from them social and related differences, to bring into accord and to standardise behaviour of children on the basis of identical criteria and norms.

Parents wait that their children at school will turn to the active, trained and worthy members of a society. Activity, erudition depends on those criteria and values which admit a society. Research has shown that many children leave schools escaping from the house.

***Base concepts:*** training, education, school, teacher, pupils, age groups, bad behaviour, good behaviour.

***Фалоњатии Беъорпас***
***УМУЛБАНИН***



## БАРРАСИИ МАФЊУМИ КЎДАКИ БАЗЕЊКОР ДАР ЊУЌУЌИ ИРОН

**Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ**

Кўдакї даврони поягузории шахсияти инсон аст. Саломатии рўњї- равонї ва љисмонии инсон вобастагии ќавї ба чи гуна гузаронидани ин даврон дорад. Нотавонии љисмонї ва аќлонии кўдак эљод мекунад, ки ќонунгузор њимояти хоси худро мабзули ин гурўњ аз љомеа намояд. Нињодњо ва ќавонини њимоятгар дар љињати љуброни нотавонии кўдак дар њифзи њуќуќи хеш аст. Вуљуди ин њимоятњо аз аќшори заифи љомеа мисли занон, зиндониён, оворагон, паноњандагон ва ѓайра низ эњсос мегардад, аммо он чи ањамияти ин гуна њимоятњоро хусуси кўдак пуррангтар менамояд, шаклгирии вуљуди инсон ва абъоди шахсияти вай дар ин марњила аз зиндагї аст.

Њифзи муќаддасот ва даврони кўдакї бар ўњдаи оњоди њукуматгарон аст ва ќонунгузор низ дар ин замина сањме дорад. Вазифаи ќонунгузор дар љињатбахшидани ќудрати иљроі ба боядњо ва набоядњо, вазъи муќарароте барои њифзи њуќуќи афроди љомеа аст ва њитаи баррасии мо дар ин маќола, баррасии мизони мувафаќияти ќонунгузори љазоии Эрон дар њифзи њурмати боядњо ва набоядњо ва атои ќудрати иљрои ба онњо дар заминаи њуќуќи кўдак аст. Њадафи њуќуќи љазо ислоњи муљрим ва љомеа аст.

**Ќавонини мавзўаи Эрон дар хусуси кўдаки базењкор**

Барои тањаќуќи љурм вуљуди ду унсури моддї ва маънавї лозим аст, агарчи аксар њуќуќдонон «унсури ќавонине»-ро низ дар радифи аркони љурм шинохтаанд.[1] Аммо асли ќонунї будани љурм ва муљозот, ба унвони рукни мавозии аркони моддї ва маънавии ќобили тарњ намебошад, балки њам унсури моддї ва њам унсури равонї мубтани бар ќонун њастанд ва робитаи байни унсури ќонунї ва ду унсури моддї ва маънавї як робитаи тулї аст, на арзї.[2]

Ба эътиќоди ѓолиби њуќуќдонон вуљуди як амали моддие, ки ќонун онро љурм шинохтааст, барои эњрози муљрамияти базењкорї кофї нест. Балки ў бояд аз назари равонї ё ба иртикоби љурм анљом ёфта, амд ва ќасд дошта бошад (љароими умумї) ё дар иљрои амал ба нањви аз инњо ва бе он ки ќасди мунљазї бар иртикоби базењ аз ў сар бизанад, хатое анљом дињад, ки битавон ўро мустањиќи масъулияти љазое шинохт (љароими ѓайри амд)[3].

Ќасди муљримона иборат аст, аз кашиш ба анљоми амал ё тарки феълие, ки ќонун онро нањї кардааст. Дини мубини Ислом масъулияти инсонро бо таваљљўњ ба шароити умумии таклиф, бо иноят ба вижагињои моддї ва маънавии инсон дар назар

---

1 Сонаї Парвиз. Њуќуќи љазои мўъмин. Тењрон: Ганљи дониш, 1371, чопи 4. Љ.1.-С.174
2 Мирмуњаммади Содиќї Њусен. Љароим алайњи аъмол ва моликият. Тењрон:Нашри Низом- 1378. Ч.5- С. 53.
3 Нурбањор Ризо. Заминаи Њуќуќи љазои умумї. Тењрон: Нашри конуни вукалои додгустарї.- 1369.- Ч. 1.-С.121.

гирифтааст ва аз љумла, ин шароит њамоно аќл, ихтиёр ва булўғ аст.[4] Шариати муќаддаси Ислом ва фиќњои он ба истиноди њадиси рафъ,[5] барои кўдак аз назари кайфарї, масъулият нашинохта ва љароими амд ва шабњи амдиро дар њукми хато талаќќї намудааст.[6]

Ќоунуни ташкили додгоњи атфоли базењкор: Мусаввабї 1338, дар моддаи 4. Атфолро ба се гурўњи синнї таќсим намуд:

1. Атфоли зери шашсоле, ки ғайри ќобили таъќиб мебошанд.
2. Атфоле, ки синни онњо беш аз шаш сол тамом ва то дувоздањ сол тамом аст ва чунончи муртакиби љурме шаванд, бар њасби маврид ба авлиёи ќонунї ё сарпараст таслим мегарданд ва аз онњо таањуди мабанї бар тайиб ва тарбият ва мавозибат дар њусни ахлоќи тифл ахз мегардад ва чунончи фоќиди сарпараст буда, ё сарпараст ќобили илзом ба таъдиб ва тарбияти тифл набошад, барои муддате аз як то шаш моњ ба конуни ислоњ ва тарбият эъзом мегарданд.
3. Атфол байни 12 то 18 сол дар сурати иртикоби љурм ба яке аз тариќи зер таъдиб мегарданд:

а. Таслим ба авлиё ё сарпараст, ё ахзи таањуд ба таъдиб ва тарбият
б. Сарзаниш ва насињат тавассути ќозии додгоњ
в. Эъзом ба ќонуни ислоњ ва тарбият аз се моњ то як сол барои кўдакони 12-15 сол ва аз шаш моњ то панљ сол барои кўдакон 15-18 сола. Бинобар ин, тибќи ќонуни мавриди бањс афроди зери њаждањсол ғайри ќобил муљозотї буда ва барои эшон нигоњдорї дар конуни ислоњ ва тарбият сирфан бо њадафи таъдиб ва тарбияти тифл дар назар гирифта шудааст.

Ќонугузор пас аз инќилоби исломї, кўдаконеро, ки ба њади булўғи шаръї нарасидаанд, фоќиди масъулияти кайфарї ва ғайриќобили муљозот донист. Дар њоли њозир моддаи 49 ќонуни муљозоти исломии Мусавваб 1370, атфолро дар сурати иртикоби љурм мубарро аз масъулияти кайфарї дониста, тарбияти ононро бо назари додгоњ ба ўњдаи сарпарасти атфол ва индалиќтизои конуни ислоњ ва тарбият ќарор додааст. Дар таъини мафњуми тифл табсираи як, моддаи 49 синни мушаххасеро барои ташхиси тифл дар назар нагирифта ва булўғи шаръиро марзи миёни кўдакї ва кибр донистааст.

Булўғ дар луғат ба маънои «расидан» ва дар мафњум иборат аст ва расидани тифл ба њоли эњтилом (дар мард) ва њайз ё њамл (дар мавриди занон).[7] Аз сўйи дигар гуфта шуда, булўғ иборат аст, аз расидани зукур ё анос ба сине, ки тамоили љинсї пайдо мекунанд.[8]

Дар истилоњи њуќуќї ва мутобиќи ќонуни мадании собиќ сағир касе буд, ки ба сини 18-сола нарасида бошад. Яъне, сини булўғ сине буд, ки шахс дар он рашид мањсуб мешуд. Аммо ба муљиби ќонуни ислоњи маводе аз ќонуни мадание мусаввабї 1368 ва 1370 бо њазфи моддаи 209 ќонуни мадані ин мафњум тағйир мекард ва дар њоли њозир мутобиќи моддаи 1210 ќонуни маданї ғайри болиғ касе аст, ки ба сини 9 сол тамоми ќамарї дар духтарон ва 15 соли тамоми ќамарї дар писарон нарасида бошад.

Идаеро эътиќод бар он аст, ки «булўғ амре аст, табиї ва муњтољ ба ташреъ намебошад».[9] Бо иноят ба ояи шарифаи 5 сураи мубораки Нисо (Вабталу ятоми њатто изо болиғу никоњ фа ин анситум минњо рушдан фатфиу ал яњмун амволуњум), бояд ба ин назар, тамасик љуст, таъйини синни мушаххас барои булўғ мутобиќи назари

---

4 Мисбоњи Яздї Муњаммадтаќї. Худшиносї барои худсозї. Муассисаи роњи њаќ.- 1359.-С. 107. Ва Љаъфарї Муњаммадтаќї. Худшиносї барои худсозї. Муассисаи роњи њаќ.-1359.-С. 209.
5 Раф-ул-ќалам … анил сабї њато яњталакум (ал-Њир-ул-омалї, 1403њ. боби 36, њадиси 2).
6 Муда-ул-сабї ва хатоњи воњид (њаму, боб 11, њадиси 2 ман китоб –ул- даёт).
7 Љаъфарии Лангарудї, Муњаммадљаъфар. Терминоложии њуќуќї. Тењрон: Ганљи дониш -1368.- С. 113.
8 Имомї Њасан. Њуќуќи маданї. Нашри исломия-1368.- Ч.7-Љ.1.-С. 205.
9 Имомї Њасан. Њуќуќи маданї. Нашри исломия-1368.- Ч.7-Љ.1.-С. 205.

машњури фиќњои имомия аст.[10] Аммо ќобили мадоќї ва мавриди ихтилоф аст. Идае аз фиќњои шиъа сини 9-солагиро дар духтарон барои булўғ кофї донистаанд. Аз ду њол хориљ нест ё маќсудашон ин аст, ки сини 9-солагї дар духтарон муљиби булўғи онњо мегардад ва шориеи муќаддаси онро таъбудан болиғ дониста аст, ё сини 9-солагиро амораи булўғ донистаанд. Њазрати Оятуллоњ Саидмуњаммади Њасани Марашї дар табиини ин ду назар мефармояд: « Агар маќсудашон шаќи аввал бошад, дуруст нест, зеро дар баъзе аз ривоят 9-сол, иллати булуғ ононро дар синни 9-солагї, њайзи онон ќарор дода ва бадењї аст, ки дар ин сурат мелоки булўғ љинсї ва табиии онон аст, ки њайз кошифи он аст… чунончи маќсудашон шаќи дуюм бошад, онро амораи табииї барои булўғ медонанд». Эшон дар баёни назари хеш рољеъ ба булўғ чунин овардааст: Дар булўғ ниёзе ба баёни шореъ нест. Зеро булўғ аз умури табиї аст ва дар луғат ва урф шинохта шудааст ва аз мавзўоти шаръї нест, ки љузъ аз тариќи шореъ ќобили шинохт набошад.[11]

Ба њар њол, дар ќавонини мавзўа ва равияи ќазоии Эрон дар њоли њозир кўдак касе аст, ки ба њадди булўғи шаръї (9-сол ва 15- сол тамоми ќамарї) нарасида бошад ва духтарон болои 9-сол ва писарон болои 15-сол дорои масъулияти кайфарї њастанд. Агарчи ќонуни муљозоти исломї дар табсираи 1 моддаи 49 аслро бар адами масъулияти кайфари атфол (ғайри болиғон) ќарор додаст, аммо ба ин асл, истисноњое ворид карда, ки бо таваљљўњ ба анвои муљозотњои зикршуда дар ќонун, ќобили таамуќ аст. Ваќфи моддаи 12 ќонуни муљозоти исломї муљозотњои мундариљ дар ин ќонун панљ ќисм аст: Њудуд, ќасос, диёт, таъзирот ва муљозотњои боздоранда.

**Ќавонини мавзўаи Эрон дар хусуси кўдаки базењдида**

Маъмулан ќавонини љазої аз тифли базењдида њимояти бештар намуда ва муљозоти сангинтар барои муртакиби љурм алайњи тифл дар назар гирифтааст. Иллати ин амр заиф будани тифл ва адами имкони дифоъ аз хеш дар муќобили муљрим ва њамчунин, асароти ќавии љурми иртикобї бар шахсият ва рўњу равони тифли ќурбонии љурм аст.

**Тахфифи муљозот**: Муќанин дар мавориде кўдаки базењдидаро аз илали тахфифи муљозот донистааст. Бинобар ин, ноболиғ будани базењдида аз мавориди табдили муљозоти њад ба муљозоти таъзирї, яъне, аз мавориди тахфифи муљозот аст[12].

**Ташдиди муљозот**

Аз љумлаи мавориде, ки кўдаки базењдида муљиби ташдиди муљозотї муртакиб мешавад, метавон ба моддаи 621 ќонуни муљозоти исломї ишора намуд, мутобиќи моддаи фавќ њар кас ба ќасди мутолибаи ваљњ ё ба ќасди интиќом ё њар манзури дигаре ба анф ё тањдид ё њила ё ба њар нањви дигар, шахсан ё тавассути дигаре шахсеро бирабод ё махфї кунад, ба њабс аз панљ то понздањ сол мањкум хоњад шуд ва дар сурате, ки синни муљанилайњ камтар аз понздањ соли тамом бошад, муртакиб ба њадди аксари муљозоти таъиншуда мањкум хоњад шуд.

**Љурмнигорї**

Ќонунгузор дар соли 1381 барои такмили њимоятњои хеш аз кўдакони базењдида ќонуни њимоят аз кўдакон ва нављавононро ба тасвиб расонид. Ќонуни фавќ ангорањои кайфарї дигареро мади назар ќарор ва анљоми аъмоли зайлро бар рўйи кўдакон ва нављавонони љурм ва ќобили муљозот донист:

1. Харид ва фурўши кўдакон (моддаи 3);

[10] Мустафо Хумайнї (р.) ал-Имом-ул-руњуллоњ, Тањрир-ул-васила.Дафтари интишороти исломї-1368.-Ч.1.-Љ. 3.-С. 23. Наљафї Шайхњасан. Љавоњи-ул-калом. Берут. Муассисаи Муртазои оламия.- 1412 њ.-Ч.1- Љ.9.-С.243.Њоираи Шоњбоғ Саидалї. Шарњи ќонуни мадані. Тењрон: Ганљи дониш.-1376.Љ.1.-С. 168.

[11] Марашї Саидмуњаммад Њасан. Дидгоњњои нав дар њуќуќи кайфарии ислом. Тењрон: Нашри Мизон. 1373.-Ч.1.-С.21-22.

[12] Табсираи моддаи 83 Ќонуни муљозоти исломї.

2. Баҳракашї ва ба коргирии кўдакон ба манзури иртикоби аъмоли хилоф аз ќабили ќочоќ (модда);

3. Садама ва азияту озор ва шиканљаи љисмї ва рўҳии кўдакон (модда 4);

4. Нодида гирифтани саломат ва беҳдошти равонї ва љисмии кўдакон ва нављавонон;

5. Мамониат аз таҳсили кўдакон ва нављавонон.

**Натиљагирї:**

Дар ниҳоят бояд гуфт, ки љурмнигорї ва шиддати муљозот ҳамеша муљиби инсарофи муљрим аз иртикоби љурм ва коҳиши омори базеҳкорї нест, аммо дар таъсири он дар боздорандагї ва иръоби умумї набояд тардид кард. Ќонунгузор бояд дар ҳимоят аз тифл куллияи абъоди шахсияти вайро дар назар дошта бошад ва ҳимоятҳои хешро дар бораи тифл густурдатар намояд.

***Калидвожаҳо:*** *љурмнигорї, ќонунгузорї, шахсият, муљрим, омор, кўдак, љавонон, тарбият, мактаб.*


***Манобеъ***:

1. Сонаї, Парвиз. Ҳуќуќи љазои мўъмин. Теҳрон: Ганљи дониш, 1371, чопи 4. Љ.1.- С.174
2. Мирмуҳаммади Содиќї, Ҳусен. Љароим алайҳи аъмол ва моликият. Теҳрон: Нашри Низом- 1378. Ч.5- С. 53.
3. Нурбаҳор, Ризо. Заминаи ҳуќуќи љазои умумї. Теҳрон: Нашри конуни вукалои додгустарї.- 1369.- Ч. 1.-С.121.
4. Мисбоҳи Яздї, Муҳаммадтаќї. Худшиносї барои худсозї. Муассисаи роҳи ҳаќ.- 1359.-С. 107.
5. Љаъфарї, Муҳаммадтаќї. Худшиносї барои худсозї. Муассисаи роҳи ҳаќ.-1359.-С. 209.
6. Љаъфарии Лангарудї Муҳаммадљаъфар. Терминоложии ҳуќуќї. Теҳрон: Ганљи дониш -1368.- С. 113.
7. Имомї Ҳасан. Ҳуќуќи маданї. Нашри исломия-1368.- Ч.7-Љ.1.-С. 205.
8. Муставфии Хумайнї (р.) ал-Имом-ул-руҳуллоҳ, Таҳрир-ул-васила. Дафтари интишороти исломї-1368.-Ч.1.-Љ. 3.-С. 23.
9. Наљафї, Шайхҳасан. Љавоҳир-ул-калом. Берут. Муассисаи Муртазои оламия.- 1412 ҳ.-Ч.1- Љ.9.-С.243.
10. Ҳоираи Шоҳбоѓ Саидалї. Шарҳи ќонуни маданї. Теҳрон: Ганљи дониш.-1376.Љ.1.- С. 168.
11. Марашї, Саидмуҳаммад Ҳасан. Дидгоҳҳои нав дар ҳуќуќи кайфарии ислом. Теҳрон: Нашри Мизон. 1373.-Ч.1.- С.21-22.



***Фалохати Бечорпас УМУЛБАНИН***


## ИССЛЕДОВАНИЕ ПОНЯТИЯ ДЕВИАНТНЫЕ ДЕТИ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ ИРАНА

Педагогическая энциклопедия понятие "девиантные дети" рассматривает, как устойчивое отклонение от нормы в нравственном сознании и поведении детей, подростков, обусловленное отрицательным влиянием среды и ошибками воспитания. По мнению автора, это же понятие рассматривается как отклонение от нормы в поведении личности, обусловленное недостатками воспитания.

***Базовые понятия***: *криминалистика, законодатель, личность, уголовник, статистика, ребёнок, молодежь, воспитание, школа.*

***Falohati Bechorpas UMULBANIN***

**STUDY ON THE CONCEPT OF CHILD CRIME IN IRAN**

Finally, we must always be executed and the severity of the crime, said angari caused cancellation of the criminal offense of misdemeanor and crime statistics, but it is not working on the effects of NLP in General should not be effected for inhibition and intimidation. the legislator should protect the child all the dimensions of the personality he would have a wider in the child hamaithai

***ПЕДАГОГИКАИ БУМЇ***

***ЭТНОПЕДАГОГИКА***

***Насими ЛУТФЇ***



**ВАЗЪИЯТ ВА МУШКИЛОТИ МАДРАСАЊОИ КЎЧНИШИНОН ДАР ИРОН**

***Анвои мадориси ашоирї (кўчнишинї) ва имконоти мављуд дар ин мадорис***

Њудуди 200 њазор донишомўзи ашоир дар кишвари Ирон машѓул ба тањсил њастанд ва чун љомеаи ашоирї шароити вижае дорад ва давлати Ирон њам дар њоли мутолиа ва баррасї ва тадвини барномањое аст, ки битавонад онњоро бо таваљљўњ ба ин ки љомеаи муваллид њастанд, њифз кунад ва онњоро иртиќо бахшад. Аз ин рў, лозим аст, ки таѓйир ва тањаввулоте, ки дар заминањои омўзишї, равишњои навини омўзишї ва технологияи омўзишї дар кишварњои мухталиф ва бисёре аз нуќоти Ирон суратгирифта барои онњо низ эљод шавад. Дар ин ќисмат анвои мадориси ашоирї ва имкони мављуд дар ин мадорис баён мегардад.

**Мадориси собити ашоирї**

Мадориси собити ашоирї аз њама имконоте, ки дар мадориси оддии ѓайриашоирї вуљуд дорад, бархурдоранд.

Ин мадорис ба ду даста таќсим мешаванд:

Мадорис барои ашоири исконёфта.

Вижагињои ин мадорис монанди мадориси шањрї ва рустої аст. Дар ин марказњо искони ашоирї куллияи маќотеи тањсилї вуљуд доранд.

Мадориси шабонарўзї

Ин мадорис ѓолибан барои ашоири кўчрав дар маќотеи рољнамої ва дабиристон аст. Ва донишомўзон дар ин марказњо ба сурати шабонарўзї машѓул ба тањсил њастанд.

- **Мадориси кӯчрав ё сайёр**

Мадориси кӯчрав ғолибан дар маќтаи ибтидої ташкил мешаванд. Муаллим дар ин мадорис њамроњ бо ашоир кӯч мекунад. Дар ин мадорис имконоти мухталифи сайёри омӯзишї истифода мешавад. Дар ин мадорис имконоте мисли китобњои улум ё риёзї вуљуд дорад ва чун ин китобњо ќобили њамлу наќл аст, мадрасањо ин китобњоро њамроњи кӯчи аёл њамл мекунанд, яъне имконоте вуљуд дорад, ки ќобили њамл аст. Њамчунин, мошинњои сайёрї дар назар гирифта шуда, ки њамаи имконоти технологияи омӯзишї дар он вуљуд дорад. Ин мошинњо ба таври мутановиб ба ин мадрасањои кӯчрави ашоирї меравад ва имконоти лозимро дар ихтиёри донишомӯзони ашоирї мегузоранд. Китобхонањои сайёр ва аз ин ќабил низ дар ихтиёри донишомӯзон ќарор дорад.

***Таъсири мусбати искони ашоир бар омӯзиш***

Яке аз таъсироти искони ашоир бењбуди омӯзиш дар маќтаъњои роњнамої ва мутавассита аст. Ин мавзӯъ дар мутолиоти мутааддид сурат гирифта, бар рӯйи ашоири исконёфта собит шудааст, ки дар ин бахш яке аз ин тањќиќот ироа мешаванд.

Яке аз ин тањќиќот бар рӯйи ашоири исконёфта дар конуни тавсиаи имора т дар 15 километрии шањр дар устони Луристон аст. Љамъияти ин конун 1091 нафар мебошад, ки дар њафт русто искон дода шудааст.

Дар ин тањќиќ кайфияти имконоте, ки ба ин конун дода шудааст, аз дидгоњи ашоир баррасї шудааст. Дар љадвали зер посухи ашоир ба њар як аз имконот оварда шудааст.

| | Бидуни таѓйир | кам | мутавассит | зиёд | Љамъ (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| Бењбуди вазъияти роњи иртиботї | 73,8 | 26,6 | 0 | 0 | 100 |
| Бењбуди оби ошомиданї | 4,7 | 26,2 | 50 | 19 | 100 |
| Бењбуди барќрасонї | 2,4 | 9,5 | 54,8 | 33,3 | 100 |
| Бењбуди вазъияти почта ва мухобирот | 42,9 | 45,2 | 11,9 | 0 | 100 |
| Бењбуди вазъияти бењдошт ва дармон | 0 | 14,3 | 61,9 | 23,8 | 100 |
| Бењбуди вазъияти омӯзиш | 42,9 | 33,3 | 23,8 | 0 | 100 |
| Бењбуди омӯзиши ибтидої | 11,9 | 11,9 | 50 | 26,2 | 100 |
| Бењбуди омӯзиши роњнамої | 0 | 4,8 | 71,4 | 23,8 | 100 |

Њамон тавр, ки дар љадвал мулоњиза мешавад, иљрои тарњ боиси бењбуди вазъияти барќрасонї, обрасонї, бењдошту дармон, эњдоси мадориси ибтидої ва роњнамої шудааст. Аммо дар мавориде назири роњи рустої, почта ва мухобирот, омӯзиш (иштиѓол) муваффаќияти чандоне надоштааст.

Бинобар ин, искони ашоир боиси бењбуди омӯзиш дар поярњои ибтидої ва роњнамої дар ин иморот шудааст.

***Асароти љонибии мусбати омӯзишу парвариш***

- Таъсири омӯзиш бар муваффаќияти тарњи искони ашоир

Муваффаќияти искони ашоири худ дар гурӯњи омӯзиш аст. Муваффаќияти искони хонаворњои ашоирї ниёзманди таѓйир дар нигариш ва эљоди мањорат дар машоѓил, ба вижа кишоварзї аст ва ин амр танњо аз тариќи омӯзишњои тарвиљии сањењ ва бо таваљљўњ ба фарњанг ва маишатњои хоси ин љомеа имконпазир аст. Бинобар ин наќш ва љойгоњи омӯзиш дар љомеаи ашоирии довталаби искон бисёр муњим ва њаётї аст.

Дар њоли њозир бо гузашти дањ сол аз умури омӯзиш дар созмони умури ашоир, ба вижа, аз замони таини ташкилотї ва созмонии марбут бо омӯзиш, омӯзишњо ба таври созмонёфтатару њадафдортар барномарезї ва пайгирї мегардад.

Албатта, дар таҳлили куллӣ аз фаъолиятҳои анҷомшуда ва вазъи мавҷуд метавон чунин гуфт, ки ниёзмандиҳои манотиқи ашоирӣ дар сатҳи кишвар бисёр фаротар аз имконоти мавҷуди омӯзишӣ пешбинӣ шудааст.

Тибқи омору баррасиҳои анҷомшуда мушаххас мегардад, ки аксар қариб ба иттифоқи ҷамъияти ашоир аз манобеъ дар дастрас ба шеваи суннатӣ истифода мекунанд ва аз тарафе бештарин фоизи афзуда ва баҳраварии тавлиди кишоварзӣ дар соли марбут ба бахши суннатӣ аст, ҳамчунин дар иҷрои фаъолиятҳои омӯзишӣ низ шароити матлуб ва ризоятбахш вуҷуд надорад. Ва вуҷуди ноҳамоҳангиҳо, камбудиҳо ё адами вуҷуди қонуну муқаррароти сареҳу равшан дар бархе аз заминаҳои корӣ, мувозии корҳо, камбуди фазо, кофӣ набудани сохтори мавҷуд боис шуда, то тамоми зарфиётҳо ва истеъдодҳои мавҷуд дар устонҳо ба кор гирифта нашавад. Дар таҳлили дигари баҳсгурез аз омӯзишҳои маҳоратӣ ва тарвиҷӣ ва адами истиқболи лозим аз ин омӯзишҳо дар байни ашоир ва фарзандони онон матраҳ мебошад ва дар ин замин бояд кори фарҳангии баландмуддат сурат гирад.

Ҳамчунин, гароиши созмони умури ашоир дар барномаи дуюм ва сеюми тавсиа нисбат ба солҳои қабл бештар имронӣ буда ва ба иртиқои биниш, огоҳӣ, нигариш ва дониши ашоири камтар таваҷҷӯҳ шудааст

- Таъсири омӯзиши ашоир дар ҳифзи ҷангалҳо ва маротеъ

Дар гузашта баҳрабардорӣ аз маротеъ аз инсиҷом ва назми хосе бархӯрдор будааст. Ба ин тартиб, ки низоми баҳрабардорӣ аз маротеъи тобеи аёл, тира ва тоифа будааст ва аз ин тариқ фасли муносиби баҳрабардорӣ аз маротеъ ташхис дода мешуд. Ҳам аъзои аёл, тира ё тоифа мутобиқи назми хосе иқдом ба кӯч ва дар натиҷа баҳрабардорӣ аз маротеъ менамуданд ва усулан кӯч зоидаи тафаккури истифодаи беҳина аз маротеъ дар ҳамин қолаб будааст. Бо фурӯпошии низоми аёлӣ дар солҳои гузашта ва силлӣ шудани манобеъи табиӣ шолудаи низоми заминдорӣ ва баҳрабардорӣ аз заминҳои қаламрави иёлот, ҳам дар арсаи тавлиди зироат ва ҳам баҳрабардорӣ аз маротеъ дигаргун шуд. Ислоҳоти арзӣ моликиятро дар қаламрави иёлот бисёр аҳдуд кард ва аз тариқи вогузории замин ба тӯдаҳои ашоирӣ, силсилла маротиб қудрати иёлро дар ҳам рехт ва аз он пас қонунан силсилла маротиби идориаи иёлии сарнавишти маротеъро бар ӯҳда гирифт ва бо судури парвона чаро ба номи баҳрабардорони мартаӣ бар асоси теъдоди дом ва на сирфан ҳуқуқи урфӣ, амалан мабнои ҳуқуқии ҷадид дар тасарруфи маротеъ ба вуҷуд овард, ки натиҷаи ниҳоии ин амр афзоиши теъдоди домдор ва фунунии теъдоди дом ва дар натиҷа рақобати шадид дар баҳрабардорӣ аз маротеъ гардид.

Ба таври куллӣ бо таваҷҷӯҳ ба мубоҳиси гузашта ва матолибе, ки Асадӣ (13-17, 1378), Малик Муҳаммадӣ (151-161, 1373) ва Ансорӣ (31-45, 1373) баён доштанд мардумоне, ки дар арсаҳои табиӣ зист карда ва аз он баҳрабардорӣ мекунанд, нисбат ба манобеи табиӣ ва аҳамияти моликияти он огоҳии комил доранд, лекин дониши онҳо нисбат ба ин амр донише бумӣ аст ва ончиро, ки ба унвони тахриби манобеи табиӣ шоҳид ҳастем, зоидаи ноогоҳии баҳрабардорон нисбат ба навъи моликият нест, балки онҳо фарҳанги истифода аз манобеи табииро доранд, лизо, ба манзури баҳрабардории беҳина аз ин манобеъ лозим аст бо нигарише ҷадид ба вазъияти моликияти маротеъ ва ҷангҳо ва ё талфиқи дониши бумии онҳо ва ин нигариш дар ҳифзи ҷангалҳо ва маротеъ кӯшид. Аз ин рӯ, ба манзури тағйири нигариши ишон кори фарҳангӣ ва омӯзишии баландмуддат лозим аст.

***Аҳамияти манобеи инсонӣ дар омӯзиши ашоири Ирон***

Бештарин маъзал дар омӯзиши ашоир камбуди фазои омӯзиш ва нерӯи инсонии мутахассис аст.

Дар рустоҳои ашоирии дурафтода муаллимони бособиқа бар асоси имтиёз дар манотиқ тақсим мешаванд ва умуман рустоҳои дурафтода саҳми нерӯҳое аст, ки ё

имтиёзашон кам аст ё он қадар дур аст, ки хонумњо намераванд ва чорае љуз истифода аз муаллим нест. Ин нерўњо танњо омўзиши 45 – рўза дидаанд.

Вуљуди манобеи мутаањњид ва њирфаї, махсусан дар манотиќи мањруми ашоирї, ки дастрасии камтаре ба расонањо ва манобеи таквилї доранд, њукми кимиёро дорад. Бинобар ин, манобеи инсонї ба унвони муњимтарин омили бењбуди низоми омўзишу парвариш ва ба вижа ёдгирї аст; лизо, аз замони рођандозии муљаддади дафтари омўзишу парвариши ашоири кишвар таваљљўње хос ба ин муњим шудааст.

Аз љумлаи иќдомоте, ки то кунун ба манзури љазб, омўзишу нигањдошти манобеи инсонї дар омўзишу парвариши ашоирї анљом шудааст, метавон ба мавориди зер ишора кард:

1. Ихтисоси сањмияи омўзишї ба фарзандони иёлот ва тоифањо ба тафкики маќтаъи тањсилї, љинсият ва манотиќи ашоирии њар устон аз соли 1378 то соли 1384;
2. Ихтисоси ду маркази вижаи тарбияти муаллими ашоирї дар устонњои форс, Кућкилуя ва Бюрањмад дар соли 1385;
3. Таъмини 1800 нафар муаллими ашоирї аз тариќи бандњои 1 ва 2 то соли 1385 ва ихтисоси 355 нафар сањмия дар соли 1386;
4. Тадвини барномаи дарсии вижа барои марказњои тарбияти муаллими ашоирї аз љумла љомеашиносии ашоирї, бумшиносии ашоирї, равиши идораи синфњои чандпоя, таърих ва омўзишу парвариши ашоирї, ки чањор унвони он ба тасвиби нињої расидааст;
5. Омўзишњои капсулї ва аз рођи дур барои коркунон;
6. Баргузории садњо давраи кишварї, минтаќаї ва устонї ба сурати њузуре барои омўзишњои мавриди ниёзи онон;
7. Интишори фаслнома ба номи кўч ва додани иттилооти мавриди ниёз;
8. Таъмин, тадвин ва ирсоли чандин китоби вижа ва мавриди ниёз;
9. Додани як моњ њуќуќи фавќуллодаи шуѓл ба муаллимоне, ки њамрођи аёл кўч мекунанд.
10. Пардохи сахтии шароити кор ба муаллимони чандпоявии ашоирї 50%-и њуќуќ, муаллимони рођнамо 35%, муаллимони такпоя 30%, ронандагони васоили сангин 30% ва ронандагони васоили сабук 20%.
11. Рођандозии хонаи муаллим, ба вижа муаллимони ашоирї дар бархе устонњо;
12. Таљалло аз талошгарони арсаи илму фарњанг ва њунари ашоирї ба сурати љашнвора ва ё ташвиќи фардї ва даъват барои ширкат дар урдуњои ашоирї ва коргоњњо ва љашнворањои улгуњои тадрис;
13. Баргузории љашнворањо ва коргоњњои улгуњои тадриси вижаи муаллимони ашоирї;
14. Тадвини чандин тарњ барои иртиќои мадраки муаллимони ашоирї аз тариќи донишгоњи Паёми нур, тарњи низоми муаллим ва ѓайра (2).

**Наќши муаллим дар љомеаи ашоирї**

Муаллими ашоирї танњо унсури фарњангї аст, ки ба сурати мустамар дар миёни мардуми ашоирї зиндагї мекунад ва њатто метавон гуфт танњо фарди вобаста ба давлат, ки доиман дар миёни мардуми ашоир зиндагї мекунад, муаллим аст ва низ метавон гуфт, ки муаллим метавонад мањалли руљўъ ва пули иртиботї ва њалил мушкилоти тамоми масъулини давлат дар мурољиа ба мардуми ашоир ва баръакс, яъне рођнамоии мардум дар мурољиа ба идорот ва органњои давлатї буда ва сабаби тасњили кори мардум ва пешгирї аз иттилофи ваќти онон бошад.

Дар њоли њозир низ аксари муаллимон илова бар ифои вазифаи аслии худ њар узви гурўњ муќовимати аёл њастанд ва њам узви шўрои исломї ва њамчунин метавонанд саводомўзи бузургсолону рўњонии ќабила низ бошанд ва масоилу

аҳкоми исломро ба ашоир расонида ва онҳоро дар мушкилоти иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва ҳатто беҳдоштӣ ёрӣ намоянд, зимни ин ки метавонанд мубаллиғ ва паёмовари инқилоби исломӣ дар миёни мардуми ашоир буда ва масоилро барои мардум табйин намоянд.

**Мушкилоти муаллимони ашоирӣ**

- ***Камбуди даромад ва мушкилоти рифоҳӣ***

Муаллими ашоирӣ бо зиндагии сахту тоқатфарсое, ки дорад ва бо соле ду бор кӯчу убур аз чанд ва дар баъзе ҷойҳо як устон ва дар пеши боду борон ва тӯфон будан ва бо маҳрумият аз ҳама анвои имконоти рифоҳӣ, фарҳангӣ ва бо зиндагӣ дар миёни кӯҳҳо ва дараҳо ва дурафтодатарин манотиқ, мутаассифона аз ҳадди ақали ҳуқуқ ва мазоё баҳраманд аст. Бинобар ин, аввалин қадам ҷиҳати ҳуқуқи муаллими ашоирӣ ин аст, ки барои онон ҳуқуқу мазоёи мутаносиб бо шарҳи вазоиф ва мушкилоту маҳрумиятҳои вай дар назар гирифта шавад. То вай битавонад фориғулбол аз мушкилот ва камбудиҳои зиндагӣ ба ифои нақши волои худ дар миёни мардуми ашоир бипардозад ва ночор нашавад, ки барои гузарони зиндагии худ ба шуғли дигаре иштиғол ёфта ва амалан тадрис дум ё чандуми вай маҳсуб шавад, ки ин амр илова бар соири маҳосин аз уфт ва поён будани кайфияти таҳсилии донишомӯз низ ҷиддан пешгирӣ мекунад. Чӣ басо хуб аст мазоё нисбат ба маҳрумият ва тааддуди вазоиф ва пояҳои мавриди тадрис ба муаллимон тааллуқ гирад.

- ***Маскан***

Лозим аст дар иртибот бо таъмини маскани муаллими ашоирӣ чора андешида шавад, ки пас аз чандин соли зиндагӣ дар шароити сахт ҳадди ақал маскани вай таъмин бошад. Амалитарин роҳ барои ҳалли ин мушкил он аст, ки муассисоти вогузориҳои заминҳои маскунӣ дар шаҳрҳе, ки мардуми ашоир дар утроқи он утроқ мекунанд, барои муаллимони ашоирӣ низ саҳмияи замин қоил шаванд ва муаллимон аз тасҳилоти бонкӣ низ бархӯрдор гарданд. Ин амр эҳтиёҷ ба дастурамали хосе дорад, ки аз сӯйи марокизи тасмимгиранда содир шавад ва замонаи иҷрои лозимро доро бошад.

- ***Адами дастрасӣ ба арзоқ ва мӯҳтоҷоти умумӣ***

Аз мушкилоти умдаи муаллимони ашоирӣ адами дастрасии онҳо ба арзоқ ва мӯҳтоҷоти зиндагиашон мебошад тақвият ва тавсиаи ширкатҳои таовунӣ, ки битавонанд мӯҳтоҷоти ба василаи фурӯшгоҳҳои сайёр дар марокизи таҷамӯъи марокизи ашоирӣ ва муаллимон ба онон арза намоянд, равиши муфиде метавонад бошад.

- ***Интиқоли чаҳорумин мушкили муҳими муаллимони ашоирӣ***

Бо таваҷҷӯҳ ба сахтии зиндагии ашоирӣ бояд тарбияте иттихоз шавад, ки бар асари завобити хосе муаллимони ашоирӣ пас аз таи як давраи хидмат дар ашоир битавонанд ба рустоҳо мунтақил шаванд ва агар бино бар ин бошад, ки нисбат ба интиқоли муаллимони ашоирӣ ба шаҳрҳо ва рустоҳо ба далелҳои мухталиф, аз ҷумла ниёз ба онон тарбият асаре дода нашавад ва як муаллим маҷбур бошад замони зиёдеро дар ашоир бимонад ва ба иҷбор дар онҷо хидмат намояд, ин амал ноодилона буда ва ангезаи кору фаъолиятро аз онон салб менамояд.

***Ҷойгоҳи омӯзиш барои волидайни ашоирӣ***

Таҳқиқоти мутааддиде, ки дар ҷомеаи ашоирӣ сурат гирифтааст, нишон медиҳанд, ки яке аз муҳимтарин дағдағаҳои волидайн дар ҷомеи ашоирӣ идомаи таҳсили фарзандони ашоирӣ ва ояндаи шуғлии ишон аст ва инҳо аз омилҳои муҳим дар искони хонаводаҳои ашоирӣ ва монеъ барои идомаи сабки суннатии зиндагии кӯчнишинӣ ҳастанд.

***Омилҳои эҷоди ангезаи пешрафти таҳсилӣ дар донишомӯзони ашоирӣ***

Ба эътиќоди равоншиносон эљоди ангеза дар афрод, аз љумла донишомўзон кори душвору печидае аст. Донишомўзон барои кору фаъолият ниёз ба ангезањои фавќ ва боло доранд. Замоне, ки љомеа зењнияти мусбате нисбат ба омўзишу парвариш дар донишомўзон эљод карда бошад ва омўзишу парвариш калиди дарњои саодат, рифоњу пешрафти донишомўзон ва љомеа талаќќї шавад, метавон интизор дошт, ки онон ангезаи лозим барои тањсилу пешрафт аз тариќи омўзишу парваришро пайдо кунанд. Ин амр замоне содиќ аст, ки ниёзњои физиологии донишомўзон мушкилоте барояшон ба вуљуд наёварад. Волидайну мадраса аз тањсили ў дар омўзишу парвариш истиќбол кунанд. Ўро ба гармї бипазиранд, дар фароянди тањсилї ба афкор, назарњо ва эњсосоти ў ањамият бидињанд. Бо ў равобити сањење барќарор кунанд, ўро фарде фоќиди њушу истеъдод ва тавони лозим барои ёдгирї ва пешрафт надонанд ва саранљом ба ў ва ниёзњои ў барои ёдгирї, пешрафт, ибтикор ва халлоќият ва низ ба худшукуфоии ў таваљљўњ кунанд (53, с.143).

Яке аз омилњое, ки омўзиши донишомўзонро дар љомеаи ашоирї тањти таъсир ќарор медињад, њазинањои мустаќим (њазинањои пулї) ва ѓайримустаќими (њазинањои фурсатї) омўзиш аст.

Барои хонаводањое, ки дучори фаќру тангдастї мебошанд, ангезиши омўзиши фарзандон ва рафтан ба мадраса коњиш меёбад. Дар кишварњое, ки дар солњои охир ба истиќлоли сиёсї даст ёфтаанд ва дар чорчўби сиёсатњои тавсиаи омўзишу парвариш кўдакони дабистониро аз пардохти шањрия маоф кардаанд. Мушоњида шуда, ки теъдоди таќозо барои сабти ном дар ин давра рушде фароянда ёфтааст. Ин ба он маъно аст, ки хонаводањое, ки аз даромади поёне бархўрдоранд то кунун ќодир набудаанд барои сабти номи фарзандони худ шањрия бипардозанд.

Дар мавриди њазинањои фурсатї шароити маъкус њукмфармост. Ба ин тартиб, ки њатто дар бархе аз рустоњое, ки илова бар ройгон будани дабистонњо, лавозими тањрири кофї дар ихтиёри кўдакон ќарор медињанд, боз њам волидайн аз фиристодани фарзандон ба мадраса иљтиноб мекунанд. Зеро кўдакон чї дар манзил ва чї дар мазраа манбаи даромад мебошад. Дарс хондан ва анљоми таколиф барои хонавор њазинањои фурсатии ќобили таваљљўњеро ба бор меоварад. Дар бархе аз рустоњои Њинд њатто таъмини ѓизои нимрўз натавониста тамоми кўдаконро ба мадраса љазб намояд. Дар баъзе аз манотиќи Чин ба далели фавќ даврањои тањсилї дар русторо замоне оѓоз мекунанд, ки фаъолиятњои кишоварзї ба таври нисбї коњиш ёфтааст.

Аз тарафи дигар, фаќр аз тариќи њузури номураттаби донишомўзон ва инсирофи зудраси онон дар кайфияти омўзиш таъсир мегузорад. Дар Њиндустон аз њар 100 донишомўзе, ки дар давраи ибтидої сабти ном мекунанд, фаќат 25 нафари онон ба дабиристон роњ меёбанд. Иллати умдаи уфти тањсилиро бояд дар ањамияти њазинаи фурсатњои аз дастрафта љустуљў намуд.

Ба илова фаќри тавоноињои љисмї омўхтанро тањти таъсир ќарор медињад. Кўдаконе, ки дорои сўъитаѓзия мебошанд, умуман бењосилаанд ва наметавонанд ба масоили матрањшуда дар синфи дарс ба диќќат бияндешанд ва тамаразу оромиши фикрии лозимро дошта бошанд. Умуман, дар манотиќи мањруми кишвар ва ё мањаллањои фаќирнишини шањрњо уфти тањсилї болотар аст. Яке аз иллати уфти тањсилии донишомўзони ин манотиќро бояд дар сўитаѓзия ва адами тавоноињои лозим барои дарс хондан љустуљў намуд.

Байни хонаводањои фаќир ѓолибан ин тасаввур вуљуд дорад, ки тањсилот аз ањамияти чандоне бархўрдор нест ва њатто баъзан низ метавонад зиёновар њам бошад. Чаро ки волидайн аксаран бесавод будаанд. Њељ зарурате барои навиштану хондан вуљуд надоштааст. Зимнан бо шароити мављуд тањсилот њељ боздењи иќтисодї барои онон ба дунбол надоранд. Чаро ки аксари корњои суннатї ва орї аз њар гуна печидагї аст ва ниёзе ба тахассусу омўзиши бештар намебошад. Дар чунин

љомеаи суннатї ва ибтидої фаќри ангезаи омўхтанро коњиш медињад. Лекин ба мањзи он ки мардуми русто бо тањаввулоти иќтисодии нуќоти дигари кишвар ва љањон ошно шаванд ва бихоњанд оњанги рушди тавлидро афзоиш дињанд, мутаќоид хоњанд шуд, ки танњо омўзиш аст, ки метавонад короии равишњои суннатиро иртиќо бахшад. Дар њаќиќат истифода аз нињодњои пурбоздењ аз ќабили анвои кудњои кимиёї, базрњои ислоњшуда ва сумуми дафъи офот, фаќат даргири омўзишњои лозим аст. Танњо касоне метавонанд чунин нињодњоеро ба нањви ањсан ба кор баранд, ки њадди аќал аз тањсилоти ибтидої бархурдор бошанд (26, с.23).

***Калидвожањо***: *сањро, омўзиш, парвариш, кўчнишинї, муаллим, донишомўз, маскан, кор, фароѓат.*

**Литература:**


1. Рањимї, Ањмад. Наќди барномаи чањоруми тавсиаи иќтисодї, иљтимої ва фарњангии кишвар дар заминаи маишати ашоир//Фаслномаи ашоирии захоири инќилоб, шумораи 47, 1384.
2. Порихї, Парвиз. Ашоир ва фарњанг// Фаслномаи ашоирии захоири инќилоб.-шумораи 47, 1384.
3. Саќої, Мањдї. Баррасии гардишгарии рустої дар Ирон (бо таъкид бар минтаќаи Туркмансањро)//поённомаи коршиносии аршад.-Донишгоњи Фирдавсии Машњад.-Машњад, 1382.
4. Људагї, Наргис. Гуфтугў бо баъзе аз масъулони ашоир//рўзномаи Сармоя.-шумораи 236, 1385.
5. www.qudsdaily.com
6. Сайти идораи кулли умури ашоири устони Озарбойљони Шарќї.-30.2.1389.
7. www.ashayerfars.i-r
8. Кисроиён, Насруллоњ, Аршї, Зебо. Ашоири Ирон._Тењрон: Нашри Огоњ, 1373.
9. www.ashayer.gov.ir
10. www.Sb-ostan.ir
11. www.rrostanews.ir
12. Таќї, Пурзањир Алї. Муќаддимае бар барномарезии омўзишї ва дарсї.-Тењрон: Интишороти Огоњ, 1380.



***Насими ЛУТФЇ***


## СОСТОЯНИЕ И ПРОБЛЕМЫ ШКОЛ ДЛЯ КОЧЕВНЫХ НАРОДОВ ШКОЛЫ В ИРАНЕ

Задача кочевых племен состоит в том, чтобы кочевники, помимо скотоводства, занимались также другими видами трудовой деятельности, что позволит им увеличить свои доходы. Для этого правительством создаются необходимые условия, и прилагаются усилия к тому, чтобы кочевники занимались земледелием, садоводством, разведением крупного рогатого скота, народными промыслами и ремеслами. Они учатся в школах, получают профессии, занимаются наукой.

Численность кочевников в Иране составляет около 1,5 млн. человек (212 тыс. семей) или примерно 2% от численности всего населения Ирана. При этом в их распоряжении находится более 25% домашнего скота.

**Базовые понятия:** *пустыния, обучение, воспитание, кочевники, учитель, учащиеся,дом, работа, досуг*.

***Nasimi LUTF I***

## CONDITION AND PROBLEMS OF SCHOOLS FOR NOMADS IN IRAN

The problem of nomad tribes consists in that nomads besides cattle breeding were engaged also in other kinds of labour activity that will allow them to increase the incomes. For this purpose the government creates necessary conditions, and efforts are made that nomads were engaged in agriculture, gardening, horned cattle cultivation, national crafts. They study at schools, get professions, pursue science.

Number of nomads in Iran is about 1,5 million persons (212 thousand families) or approximately 2 % from number of all population of Iran. Thus in their order is more than 25 % of cattle breeding.

***Base concepts***: desert, training, education, nomads, a teacher, pupils, a house, a work, leisure.

## *ИСТИЛОЊОТИ ПЕДАГОГИКА*

## *ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ЭНЦИКЛОПЕДИЯ*

***Сафар СУЛАЙМОНЇ***

## ДОНИШНОМАИ ПЕДАГОГИКАИ НАВИН

**Муќаддима**

Камбуди луѓатњо ва фарњангњои тахассусї дар њавзаи педагогика, аз як тараф ва ниёзи рўзафзуни устодон, муњаќќиќон, донишљўён ва мутахассисони таълиму тарбият ба манбае, ки битавонад охирин ёфтањои илмї дар соњаи педагогикаро дар он биёбанд, аз тарафи дигар, аз љумла омилњое буданд, ки нигорандаро бар он дошт, ки дар тањияи китоби њозир бикўшад. Ин камбуд ва ниёз, бахусус дар даврањои такмилии ин ришта бештар намоён аст. Китобе, ки соли 1988 аз љониби як гурўњ олимони соњаи педагогика зери унвони **«Луѓати тафсирии истилоњоти педагогика»** ба табъ расида буд, имрўз љавобгўйи ниёзњои афзояндаи илми педагогика наметавонад бошад.

Дар ин маљмўа саъй бар ин будааст, ки вожањо ва истилоњоти махсуси педагогика гирдоварї шавад, вале ба љињати иртиботи наздики риштаи улуми тарбиятї бо бархе аз риштањои улуми инсонї, ба мисли мудирият ва равоншиносї, кашидани як хат байни онњо мумкин нест. Ба њамин далел, баъзе аз истилоњоти муштарак низ дар ин китоб омадааст. Лекин истилоњоти тахассусии педагогика бо тавзењ ва тавсифи бештаре пешнињод гардидааст ва гоњ дар таърифи як калима ва истилоњ аз чандин сарчашма истифода шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар ин истилоњот тањо масъалањои сирфан илмию тахассусии педагогика ва улуми вобаста мавриди истифода ќарор гирифтааст. Нигоранда барои муодилёбї ва тавзењи вожањо ва истилоњот аз гурўњи умдаи манбаъњои зерин истифода кардааст:

- фарњангњо ва вожаномањои тахассусї дар риштаи улуми тарбиятї ва заминањои вобаста, китобњои дарсии риштаи улуми тарбиятї дар гироишњои мухталиф ва сатњи гуногуни омўзишу парвариш, ки ба табъ расидаанд. Дар интихоби китобњо талош шудааст, бештар аз китобњо ва маќолоти касоне бошад, ки дар њавзаи улуми тарбиятї маъруф ва осори таълифоти онњо дар донишгоњњои мухталиф тадрис мешаванд. Ќисматњо ва нашриянњои илмии улуми тарбиятї ва илмњои вобаста ба он низ мавриди истифода ќарор гирифтааст.

Дар ин китоб назариянњои тарбиятии донишмандон ва мутахассисони умури таълиму тарбият *(дар гузашта ва њозира),* ки назариянњои онњо боиси тањаввул дар кори таълиму тарбияти љањонї шудааст, њамчун Афлотун, Арасту, Форобї, Ибни Сино, Руссо, Љон Локк, Дюркњейм ва дигарон таќрибан ба таври комил омадааст.

Аз он љо ки њар мафњуме метавонад маънонњои бисёре дошта бошад, дар ин љо бештар ба зикри баъзе аз калимањо дар риштањои љомеъашиносї, компютер, иќтисод ва ѓайра низ омадааст.

Умед аст ин донишнома битавонад ниёзњои донишљўён ва мутахассисони риштаи таълиму тарбият ва соњањои вобаста ба онро бароварда созад ва битавонад мутолиаи матнњои заруриро барои донишљўёни ин ришта таъмин намояд ва њамчунин, онњоро аз охирин таърифи мафњумњо ошно созад, ба маќсаде, ки онњо битавонанд бештар ба истилоњоти навини илмї даст биёбанд.

# А

**Абзор (васила)**

Њар васила, ќитъае аз як дастгоњ ё равишшинохтї, ки барои њадафи хос мавриди истифода ќарор гирад.

**Абзор, васила**

1 – василае, ки барои анҷоми амали хос тарҳрезӣ шудааст.

2 – ҳар озмуни равоншинохтӣ. Ин истилоҳ корбурди васеъ дорад: аз сахтафзори озмоишгоҳӣ гирифта, то васоили арзёбии печида, монанди озмунҳои ҳуш ва пурсишномаҳои шахсиятӣ.

3 – ҳар василаи хоси андозагирии як тағйирёбанда ё арзёбии як амал.

**Абзори андозагирӣ**

Абзорҳои андозагирӣ васоиле мебошанд, ки барои ҷамъоварии иттилоот дар мавриди мавзӯи мавриди таҳқиқ аз онҳо истифода мекунем. Абзорҳои андозагирӣ дар улуми рафторӣ иборатанд аз: *1 тестҳо. 2 - ҷамъоварии иттилоот аз тариқи китобхона ва дигар манбаъҳо. 3 - мушоҳида. 4 - пурсишнома. 5- мусоҳиба. 6 – миқёсҳои дараҷабандӣ.*

**Абраҳам Мазлоу**

Абраҳам Мазлоу (1908 - 1970) устоди равоншиносии Донишгоҳи Ню-йорк ва Донишгоҳи Барондиси ИМА буд. Ӯ аз бунёдгузорони умдаи равоншиносии инсонгаро қаламдод мешавад. Мазлоу ва Карл Роҷерс аз чеҳраҳои барҷастаи тасбити равоншиносии инсонгаро ба унвони нерӯи савум мебошанд. Ду нерӯи аслии дигар иборатанд аз равонковӣ ва рафторгароӣ.

Яке аз иддаоҳои аслии Мозлоу ин буд, ки дар ниҳоди инсонҳо тамоюли зотӣ вуҷуд дорад, ки аз истеъдодҳо ва тавоноиҳои билқувваи бештарин истифодаро бикунанд. Ӯ ин тамоюлро *«худшукуфоӣ»* меномад.

Фарониёзҳо *(meta needs)* ашхоси худшукуфо ва таҷрибаҳои мутаъолӣ **(Peak experiences)** аз мафҳумҳои эҷодкардаи вай аст.

**Абунасри Форобӣ**

Форобӣ мулаққаб ба унвони «*Муаллими Сонӣ*», нахустин файласуфи бузурги исломӣ аст, ки бо истеъдоду ҳуш ва саршори хеш бар мероси фалсафаи назарӣ ва амалии Юнон иҳота ёфта, худ низ соҳиби андешаҳои олии илмӣ гардид. Аз вижагиҳои андешаи ӯ кӯшиши амиқ дар наздик сохтани мабонии фалсафа ба дин ё ҳукумат ба шариъат аст. Вай на монанди як шахси батарафи фалсафа барои дифоъ аз шариъат пардохт ва на монанди бархе дигар фалсафаро бениёз аз дин донист, балки миёни он ду тазоде наёфт ва ба назари вай ҳақиқати дин низ ҳукумат аст ва паёмбарони бузурги илоҳӣ дар ҳақиқат, файласуф ва ҳаким буданд.

Форобӣ дар мавриди қувваҳои инсонӣ ба пайравӣ аз фалсафаи Арасту боварӣ дошт, ки қувваҳо ва нерӯҳои асосии инсон иборатанд аз:

1 – қувваи ғариза, ки муштарак байни набототу ҳайвон ва инсон аст; 2 – қувваи ҳоса; 3 – қувваи мутахайила; 4 – қувваи нузуъӣ, ки ин се муштарак байни инсону ҳайвон аст; 5 - қувваи нотиқа ва таъаққул, ки танҳо ба инсон таъаллуқ дорад.

Ҳадаф аз таълиму тарбият аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ эътидол дар қувваҳои шаҳвония, ғазабия ва муносибати онҳо нисбат ба ақл аст, бинобар ин, сохтани шахсияти мӯътадиле, ки қувваи оқила ва нотиқаи он бар қувваҳои дигар ҳокимият дошта бошад.

Форобӣ намуна ва тарҳи мустақиле дар усули омӯзишу парвариш ироъа накардааст, аммо аз маҷмӯаи баҳсҳои вай метавон чанд асли муҳими тарбиятиро истихроҷ кард: *1 иҷтимоӣ будани омӯзишу парвариш. 2 риояи тафовутҳои фардӣ. 3- омода кардани афрод барои ҳирфаҳо (касбҳо). 4 – таъсири муҳити ҷуғрофӣ ва сифати манзил ва биноҳо.*

Таълиму тарбият аз дидгоҳи Форобӣ иборат аст аз: *«ҳидояти фард ба василаи файласуф ва ҳаким барои узвият дар Мадинаи фозила ба манзури дастёбӣ ба саодат ва камоли аввал дар айни дунё ва камоли ниҳоӣ дар охират».*

**Агнозия, адами идрок**

Дорои тавоноии дарки маънї ё ташхиси аҳамияти навъи гуногуни таҳрикро агнозия гўянд. Истилоҳи агнозия маъмулан маҳдуд ба шиносоии рамзҳо дар заминаи ѓайризабонї аст, чун агнозияи шунавої ва биної.

**Адаптор, татбиќдиҳанда**

Дар мавриди компютерҳои шахсї, бахусус **IBM** ва созгор бо он, маъмулан, як бурди мадори чопї аст, ки ќобилияти истифода аз як восита љониберо барои компютер фароҳам месозад, ки истилоҳоти мадор ё лозим барои онро аз ќабл надорад. Адапторҳо бештар љиҳати иртиќоъ ва як сахтафзори љадид мавриди истифода ќарор мегиранд.

**Адасї**

Адасї муташаккил аз моддае шаффоф *(маъмулан шиша)* аст, ки бар рўи дурбиниҳои филмбардорї ё аккосї баста мешавад, то тасвири мављуд барои филмбардорї ё аккосиро ба таври возеҳу равшан нишон диҳад ва бар рўйи навори ҳассос инъикос созад.

**Айният**

Парҳез аз ќазовати зеҳнї, арзишї ва инҳирофёфта бар асоси тамоилоти шахсї, дидори воќеъият он тавр, ки ҳаст ва на бар пояи хурофоту пешфарзҳо. Арзёбии воќеъияти дур аз ҳолати отифї.

**Айниятбахшї**

Ба як механизми дифоъие гуфта мешавад, ки дар он шахс аз шинохти сифот ва амалиёти худ нотавон аст, аммо ҳамон сифоту амалро агар дар дигаре вуљуд дошта бошад, ташхис медиҳад. Дарвоќеъ, навъи фарофиканї аст, ки дар он шахс эҳсоси худро ба касе фарофиканї мекунад, ки худ чунин эҳсосе дорад.

**Айниятгарої, айнигарої**

1 – ҳар назарияи умумии фалсафї, ки ба љаҳони хориљ таъкид дорад, бидуни вобастагї ба вуљуде, ки дар он дарк ё маълум мешавад.

2 – назарияи ахлоќї, ки аҳкоми ахлоќиро бо аҳкоми марбут ба марҳалаҳои иљтимої ё табиъї яксон фарз мекунад. Ба ин мафҳум, ки воќеъиятҳои ахлоќии хос дар ҳар љомеъа бидуни робита бо ин ки мавриди эътиќод буда ва муроъот шаванд ё нашаванд, вуљуд дорад.

3 – эътиќод ба ин ки шинохти илмї бояд дар марзи шоҳидҳо ва ашё ва ҳар он чї айният дорад, мутаваќќиф шавад, наметавонад ва набояд ба арзёбии интиќодї ва ба натиљагирии љондор, идеологї ва ҳизбї вобаста гардад. Мактаби айнї *(объективї)* тарафдори навъе бетарафї дар илм аст, ки гўё болотар аз табаќоту манфиатҳои табаќотї ќарор дорад. Ин мактаб, ҳамчунин тарҳи масоили иљтимої ва натиљагириҳоеро, ки аз љаҳонбинї ношї мешавад, ѓайриилмї ва ѓайримантиќї меангорад ва онро зеҳнї мехонад.

**Академияи илмҳои педагогии Тољикистон**

Муассисаи илмии олие, ки олимони фанҳои педагогикаро муттаҳид менамояд. АИП дар назди Вазорати маориф воќеъ буда, узви вобаста ва пайвастаро дорад.

**Аксуламалсозї, аксуламали мутазод**

Иборат аз сифате аст, ки фард ба воситаи он рафторе бар хилофи эҳсоси воќеъии хеш ошкор месозад. Дар ин шароит шахс ҳељ гуна найранге ба кор намебарад, балки ин фаъолият сирфан нохудогоҳ сурат мегирад. Ба баёни дигар, аксуламалсозї љараёни љойгузин кардани вокуниши мутазод ба љойи вокунише аст, ки изтиробовар аст.

Аксуламали мутазод як навъ амали дифоъии ѓайриаќлонї аст, ки дар муќобили изтиробу нороҳатї аз фард сар мезанад. Ин навъ аксуламал нерўи зиёде масраф мекунад ва фардро ба тазоҳуру фиреб вомедорад.

Бинобар ин, метавон гуфт: аъмоли муҳаббатомез мумкин аст аз ду манбаи мутазод сарчашма мегирад. Гоҳе тамоюлоти башардўстї сабаби ибрози лутфу меҳрубонї мегардад ва замоне хусумату душманї боиси бурузи лутфу муҳаббат мешавад.

**Аќибафтодагї**

Истилоҳи суннатї аст ва ба мавридҳое, ки пешрафтҳои таҳсилии кўдак поёни давраи миёнаи гурўҳи суннатии вай мебошад. Ҳамчунин, ин истилоҳ ба мизони пешрафт дар як мавзўи хос, монанди аќибафтодагї дар таҳсил ишора дорад.

**Аќибмондагии зењнии амиќ**

Афроди ин гурўњ камтар аз як дарсади аќибмондањои зењниро ташкил медињанд, мањдуде аз онњо тавоноии мурољибат аз худро ёд мегиранд. Гурўње каме аз онњо низ билохира, суханронї ва рафтори иљтимоии содаро меомўзанд.

**Аќибмондагии зењнии миёна**

Афроди ин гурўњ дувоздањ фоизи аќибмондањои зењниро ташкил медињанд. Аксари онњо ќодир ба сўњбат ё њадди аќал барќарории робита њастанд. Аксари онњо метавонанд муроќибат аз худро њарчанд бо сарпарастии нисбї ёд бигиранд. Дар калонсолї ќодир ба корњои маъмулии сода њастанд ва мавќеъиятњои худро метавонанд ташхис дињанд.

**Аќибмондагии зењнии тарбиятпазир**

Ин гурўњи љузъи кўдакони аќибмонда дармонпазир њастанд, зариби *(коэффициент)* њушии онњо 26 то 50 буда ва ба љињати њушбањраии кам аз анљоми бисёре аз корњо нотавон мебошанд, бинобар ин, њадаф аз омўзиши ин гурўњ ин аст, ки мувозиби худ бошанд ва ниёзњои аввалияи худ, монанди шустани даст, ѓизо хўрдан, тозагии худ ва либос пўшидан ва ѓайраро бартараф намоянд. Маъмулан, барои ин гурўњ омўзиши инфиродї бењтарин навъи омўзиш мебошад. Сатњи њуши ин табаќа аз як кўдаки њафтсола болотар нест.

**Аќибмондагии зењнии хафиф (сабук)**

Мубталоён ба аќибмондагии хафиф *(сабук)* аз панљ чањор ќисми аќибмондањои зењниро ташкил медињанд. Зоњири онњо маъмулан, ѓайриоддї нест ва нуќсњои њиссию њаракатї агар вуљуд дошта бошад, сабук аст. Аксари ин афрод мањоратњои каломї ва рафтори иљтимоии нисбатан табиї касб карда ва аќибмондагии онњо маъмулан, то вуруд ба мактаб мушаххас намегардад, дар калонсолї аксари онњо метавонанд ба таври мустаќил дар муњити оддиву муќаррарї зиндагї кунанд, њарчанд тањти стресси ѓайриоддї мумкин аст, ки ба ёрии дигарон эњтиёљ пайдо кунанд.

**Аќибмондагии зењнии шадид**

Мубталоён ба аќибмондагии шадид њудуди 7 фоизи аќибмондањои зењниро ташкил медињанд. Дар солњои пеш аз мактаб рушди онњо кундии ќобили таваљљўњ дорад. Масалан, метавон бисёре аз онњоро тањти сарпарастии наздик барои муроќибат аз хеш таълим дод ва тавоноии барќарории равобити содаро ба онњо омўхт. Ин афрод дар калонсолї метавонанд ба корњои сода пардохта ва фаъолиятњои иљтимоии мањдуде дошта бошанд.

**Аќибмондагии зењнї**

Аќибмондагии зењнї ба амалкарди њушии умумї, ки ба таври ќобили мулоњиза пойинтар аз њадди табиї аст ва сабаби халалёбии њамзамон дар рафтор пайваст шуда ё бо он њамроњ мегардад, номида мешавад.

Аќибмондагони зењнї афроде њастанд, ки ба сабаби камбуди рушди зењнї дар шароити оддї ќодир ба истифода дилхоњ аз барномањои маъмулии омўзишу парвариш, созгории иљтимої ва татбиќ бо муњит намебошанд. Ин афрод ба далели аќибмондагии њушї аз идрок мабонї ва мафњумњо ва аз ќудрати истидлол ва ќазовати сањењ ва аз тавоноии диќќат ва ёдгирї ба дараљањои мухталиф мањруманд. Аз љумла хусусиёти муштараки гурўњњои аќибмондаи зењнї норасої ва нољинљорї дар рушди забонї аст. Бисёре аз онњо дорои халалёбии њиссї ва њаракатї ва ањёнан ноќисаи узвї мебошанд. Бархе аз онњо мубтало ба ихтилоли љисмї ва равонию рафтории созишнаёфта мебошанд, баъзе дигар кундзењну деромўзанд.

Баъзе аз омилњои муассир дар аќибмондагии зењнї пеш аз таваллуд иборатанд аз: ихтилоли генетикї, омили њамхунї, сифилиси ирсї, алкоголизм, сурхча ва беморињои уфунї, масмумиятњо, сўйитаѓзия ва ихтилоли ѓадуди дохилї.

Баъзе аз омилњои муассир дар аќибмондагии зењнї ба њангоми таваллуд иборатанд аз: тўлонї шудани мўњлати зоиш, зарбањо ва латмањои ворида бар маѓзи кўдак ба њангоми зода шудан. Баъзе аз омилњои муассир дар аќибмондагии зењнии баъд аз таваллуд иборатанд аз: мененгит, масмумиятњо, зарбањои ворида ба маѓзи кўдак, ихтилоли ѓадуди дохилии кўдак, камбуди ѓизо ва сўйитаѓзия, хастагињои љисмию равонї.

Дар ИМА ин истилоњ барои вазъияти кўдак бо бањраи њушии дараљаи њафтод ё камтар ва нуќс дар рафтори созишї ба кор меравад. Ин вазъият дорои табаќањои гуногун, аз љумла хафиф (сабук), нимашадид, шадиду амиќ аст.

**Аќибмондагии номутамоиз**

Њолате, ки дар он мизони аќибмондаии зењнии фард бо њељ як аз озмунњои стандарти амалї ќобили санљиш нест.

**Аќибмондагии сабук**

Дар табаќабандии аќибмондањои зењнї бар асоси бањраи њуш дар миќёси стандарт бар асоси тести Векслер зариби *(коэффициент)* њуши онњо 55 то 69 ва бар асоси тести Бина 52 то 68 мебошад.

**Аќибмондаи зењнии ниёзманди сарпарастї**

Афроде, ки ба унвони аќибмондаи зењнии ниёзманди сарпарастї табаќабандї мешаванд, аз назари њушї ба мушкилї беш аз як кўдаки сесола рушд мекунанд *(њушбањраии онњо камтар аз зариби (коэффициент) 25 аст).* Дар бештари мавридњо аз вазъияти љисмонии кўдак метавон ба аќибмондагии зењнии ў пай бурд. Мутаассифона, камбудињои њушї бо нуќсњои љисмонї бастагї дорад. Ба хотири равшан шудани мањдудиятњое, ки њушбањраии камтар аз дараљаи 25 ба вуљуд меоварад, рафторњои як кўдаки дусоларо дар назар бигирад. Сипас, тасаввур кунед, ки ин рафтор, рафтори як фарди калонсол бошад ва дар ин њолат дархоњед ёфт, ки кўдаки аќибмондаи зењнии ниёзманди сарпарастї нињоятан мумкин аст чанд калимаро адо кунад ва чанд калимаи дигарро бифањмад, вале тавоноии барќарории иртиботї фаротар аз иртиботи муќаддимотиро надорад.

**Аќибмондаи зењнии омўзишпазир**

Кўдаконе, ки ба зариби *(коэффициент)* њушбањраиашон байни 3 то 5 аст. Чунин кўдакон ба кўмаки ташвиќ ва истифода аз равишњои сањењу муносиби омўзишї метавонанд то синфњои болої дар мактаби тањсилоти умумї дарс бихонанд. Бисёре аз фориѓултањсилони синфњои аќибмонадагони омўзишнопазир метавонанд то њадде ба зиндагии хуб бирасанд, ки битавонанд дастмузди кофї барои издивољ ва идора кардани як хонавода дошта бошанд. Вале бо ин вуљуд, аз назари ёдгирии бисёре аз системањои омўзишї даъво мекунанд, ки чунин кўдаконе дар нишон додани вокуниш ба барномањои дарсии маъмулї нотавонанд. Дар натиља, дар бисёре аз мактабњо кўдакон бо њушбањраии камтар аз зариби *(коэффициент)* 75-ро ба синфњои махсус мефиристанд. Аз назари зоњирї ин кўдакон маъмулан, табиї ба назар мерасанд. Дар заминаи иртиботи каломї мумкин аст, ки хазинаи луѓоти хубе дошта бошанд ва дар синни пойинтар мумкин аст, ки рушди иљтимоии онњо дар сатњи миёна бошад, вале ваќте аз онњо хоста мешавад, ки бо масоили интизоъї сару кор дошта бошанд, аќибмондагии онњо мушаххас мешавад. Сатњи синни аќлии ў бо мушкилї аз њадди шогирди ибтидоии миёна болотар меравад ва наметавонад ба сатњи тафаккури амалиёти интизоъї даст ёбад. Тафаккури ў дар марњалаи пешамалиётї ва ё амалиёти айнї *(объективї)* хоњад буд. Фарзиёти ёдгирии њидоятшуда ва тарзњои омўзишии барномавї, бахусус барои омўзиши онњо муносиб аст.

**Аќида, маљмўъ**

Гурӯњи аќидањои дорои бори њаяљонї, ки ба таври нисбї бо комили вопас зада шудаанд. Таъорузњои равонии бунёдї, ки маъмулан, аз марњалањои рушди љинсии кўдак моя гирифтаанд, мумкин исми комплексро ба вуљуд оваранд.

**Аќидаи афлотунї**

Аќидаи мабно ба дугонагии љисму рўњ. Ба аќидаи Афлотун дар ин дугонагї рўњ бартар ва љисм камтар буд.

**Аќидаи Эдип**

Тибќи назарияи равонковии Фрейд ишќи писар ба модар ва душманї нисбат ба падарро гўянд.

**Аќл, нерўи аќлонї**

1 – љанбаи шинохти зењнї, ки фарояндњои истидлол, истинод, доварї ва тасаввур карданро дарбар дорад.

2 – ин истилоњ дар асл ба тафаккури мантиќии инсон гуфта мешавад ва алњол исми ом барои њама фарояндњои шинохтї аст.

3 – дар назарияи Янг *(равоншиносии тањлилї)* ин истилоњ ба *«тафаккури њидоятшуда»* муносиб шудааст.

4 – аќл аз назари луѓавї иборат аст аз тавоноии идрок ё дарки равобиту ихтилоф байни чизњо. Нерўи ќувваи тафаккур, зењн ва ќуввањои зењнии табиї низ бо аќл таъбир мешавад ва ба таври куллї **intellect** ба ќуввае аз зењн гуфта мешавад, ки кори он дарки матолиби умумї ва фањму дарк ва сохтани мафњумњои куллї аст. Бархе аз донишмандон ду истилоњ **intellect** ва **reason-**ро мутародифи њам донистаанд. Аз аќл таќсимоти зиёде бо унвон ва истилоње хоси њар як ба амал омадааст, аз љумла аќли билфеъл, аќли мустафод, аќли билќувва, аќли куллї, аќли моликї, аќли назарї.

**1 – аќлї, 2- андешаманд, равшанфикр**

1 – марбут ба аќл ё њуш.

2 – шахсе, ки худро ваќфи андеша ва матолиби зењнї кардааст.

3 – марбут ба касе бо алоќаи сахт ба ёдгирї, тафаккур ва эљодкорї.

**Аќл, хирад, далел**

1 – ба маљмўъи фаъолиятњо ё аъмол гуфта мешавад, ки шахсро ба тафаккури мантиќї тавоно месозанд.

2 – аќли мантиќї ва дуруст.

3 – тављењ, ки барои исботи дурустї *(ё узрхоњї)* барои рафтори шахсї ва маъмулан, бар њасби ангезањои фардї гуфта мешавад.

4 – иллати айнии як рўйдод.

**Аќлгарої, мактаби асолати аќл**

1 – аќидае, ки бар мабнои он маърифат ба таври куллї аз тариќи истидлоли ноб ва бидуни кўмак аз эњсосот ба даст меояд.

2 – дар маърифатшиносї аќидаи ќоил ба ин ки маърифат тanњо аз роњи истидлол ба даст меояд ва муродифи **rationalism** .

3 – дар метафизика аќидаи ќоил ба ин ки воќеъияти аслї табиати андеша ё афкор аст, мутародифи **idealism.**

4 – ба таври умумї истилоње барои њар назарияе, ки мунњасиран рўи коркарди аќл тамаркуз мекунад.

**Алгоритм**

1 – дар мафњуми умумї њар дастурамале, ки имконпазирии онњо љињати анљоми кори хосе вуљуд дошта бошад. Дар робита бо компютер алгоритм маъмулан, ба шакли як идда дастурамалњои забони компютерї мешавад, ки рўи навъе аз додањо амалиёт анљом медињанд.

2 – равиши марњала ба марњала барои њалли як масъала.

3 – дастурамалњо ё силсилаи дастуроте њастанд, ки маъмулан, ба шакли шаљараномањои хонаводагї тартиб дода мешаванд.

**Александр Гинзберг**

Александр Гинзберг аз љумлаи шахсоне аст, ки дар заминаи мушовираи шуѓлї ва интихоби шуѓл дорои назариёти пардозишї аст. Аќидаи ў ва њамкоронаш барои он аст, ки интихоби шуѓл низ ба мисли рушди амал мебошад ва бо омилњо, монанди арзишњои фардї, воќеъиёти муњитї, омилњои отифї, фурсатњои тарбиятї бастагии комил дорад. Ба ибораи дигар, ба назари Гинзберг интихоби шуѓл амале аст, ки дар давраи муайяне анљом мепазирад ва дар ин давра фард байни интизороту имконот ва хусусиятњои фардї созиш ва тавофуќе ба вуљуд меоварад ва ин давра ќобили баргашт нест. Ба аќидаи Гинзберг сайри такомули интихоби шуѓл се марњала дорад, ки иборат аст: 1- марњалаи рўъёї **(fantasy period)** ки ќабл аз синни 11-солагї аст. 2 – марњалаи озмоишї **(tentative period**) байни синни 11 то то 18 солагї 3- марњалаи воќеъбинї **(realistic period)** байни синни 18 то 24 –солагї.

Гинзберг ва њамкоронаш, ки риёзати шуѓлиро аз дидгоњњои гуногун мавриди баррасї ќарор додаанд, ба ду навъ ризояти шуѓлї ишора мекунанд: 1 – ризояти дарунї, ки аз ду манбаъ њосил мегардад. Аввал эњсоси лаззатї, ки инсон сарфан аз машѓул шудан ба кору фаъолияташ пайдо мекунад. Дуввум, лаззате, ки бар асари пешрафт ва ё анљоми бархе масъулиятњои иљтимої ва ба зуњур расонидани тавоноињо ва раѓбатњои фардї ба инсон даст медињад. 2 - ризояти берунї, ки бо шароити шуѓл ва муњити кор иртибот дорад.

**Алифбои овоии байналмилалї**

Алифбои овоии *(фонетикї)* таќрибан аз 95 фонема иборат аст. Ин алифбо барои бознамоии тамоми калимањои забонњои дунё аз ѓановатмандї ва тавоноии кофї бархурдор аст.

**Алоќаи ботинї**

Шавќу раѓбат ба чизе фаќат ба хотири худи он чиз. Масалан, шавќу њаваси ёдгирии мусиќї фаќат ба хотири лаззат бурдан аз он.

**Аломатомўзї**

*1 истилоњи Толман (Tolman E.C.) барои навъи ёдгирї, ки дар дараљаи аввал бо касби шинохти робитањо байни аломатњо, ишораи онњо ва паёмади рафтории марбут ба онњо сару кор дорад.*

*2 дар назарияи дуомилии Моврар (Mowrer O.H.) навъи ёдгирї, ки дар он муњаррикњо ба сурати аломати тарс, умед, рањої ё яъс дармеоянд ва сабабаш ин аст, ки дар муљовирати муњаррикњои ѓайришартї ќарор доштаанд.*

**Амал анљом додан**

- њар навъ фаъолияти њадафдори башарї ё њар гуна фаъолияти инсонї, ки далели вуљуди њадафї бошад.
- иттињоди амалу андеша, ки ба василаи он афрод метавонанд воќеъияти перомуни дунёи худро таѓйир дињанд.

**Амали куллї**

Ин ёфта, ки халал дар ёдгирї ва њофиза ба миќдори бофти аз байн рафтаи ќишри маѓзи сар вобаста аст.

**Амалиёт**

1 – анљоми як амал. Амал мумкин аст таљрибавї, мантиќї ё риёзї, шинохтї ё равонї бошад.

2 – амали шинохтї, њамон гуна, ки як тарњвораи њиссиву њаракатї дар рафтори ошкор зоњир мешавад, амалиёт дар рафтори нињон ё тафаккур зоњир мегардад. Амалиётро метавон амали дарунї шудан донист.

**Амалиёти айнї *(объективї)***

Он марњала аз тањаввули зењнї, ки дар он кўдакон метавонанд танњо бо он рўйдодњое, ки мустаќиман таљриба мекунанд, ба таври мантиќї бархўрд намоянд. Ба аќидаи Жан Пиёжа синни 7 то 11 солагї фикри худмадоронаи кўдак љойи худро ба

тафаккури амалї медињад, ки бо вуљуди васеъе аз иттилоъот аз вуљуди кўдак сару кор дорад. Дар ин марњала кўдак ба тадриљ аз фарояндњои тафаккури мантиќї дар асоси хусусиятњои муштараки онњо табаќабандї, танзиму дараљабандї намояд. Истидлоли ќиёсї, ки дар он натиљагирии мантиќї аз маљмўъи ду хусусият ба даст меояд, дар ин марњала рўй медињад. Дар марњалаи амалиёти айнї *(объективї)* тафаккури кўдакони орї аз маљоз ва комилан айнї *(объективї)* аст. Масалан, метавонанд бифањманд, ки 8+11=19, аммо формулањои оморї, мисли муъодилоти љабрї *(алгебравї)* аз њадди дарки онњо хориљ аст.

**Амалиёти сурї**

Он марњала аз рушди зењнї, ки дар он кўдакон метавонанд илова бар ин рўйдоди айнї *(объективї)* мустаќиман бо рўйдодњои фарз низ сару кор дошта бошанд. Ба аќидаи Пиёжа мушаххасаи тафаккури кўдак дар марњалаи амалиёти сурї ин аст, ки дигар ба рўёдодњо ва ашёи физикї вобастагї надорад.

**Амалкард**

- ба анљоми амале, ки ќобили мушоњида ва андозагирї бошад, гуфта мешавад. Дар њаќиќат, амалкард натиљаи амал аст.
- калимае аст, ки мафњуми фаъолият барои анљоми кор ва натиљаи он фаъолиятро якљо дарбар дорад.
- табдили ёдгирї ба рафтори ошкор.
- натиљаи ёдгирї аст, на худи ёдгирї, ба рафторњои билфеъл ва ќобили мушоњида ва андозагирї *«амалкард»* гуфта мешавад.

**Амалкарди бозде**

Амалкарди мутаносиб бо њадафњои омўзишї, ки мањсули як система ќодир ба арза кардани он дар марњалаи нињої аст.

**Амалкарди моњирона**

Амалкарди шахси моњир, ки аз љињати њамворї, худкорї, талоши зењнии андак, мутафовит дар баробари тахриб дар шароити стрессовар ва дидгоњи шахсї њангоми амал кардан ба он аз амалкарди шахси мубтадо фарќ дорад.

**Амалкарди паймонї**

Дар солњои охир равиши амалкарди паймонї - шевагї, ки тарзи таљрибагї аст, ба системаи таълиму тарбияти ИМА рољ ёфтааст. Ширкати мустаќил бо мактабњое ќарордод мебандад, ки онњо дорои теъдоди ќобили таваљљўњи донишомўзи камтавон дар мањоратњое, чун хондан, риёзї ва ѓайра мебошанд. Вазифаи ин ширкат аз он иборат аст, ки дар мўњлати муайян донишомўзонро ба сатњи мушаххасе ба пешрафту комёбї бирасонад. Агар донишомўз ба сатњи мавриди назар нарасад, ширкат дар иљрои ќарордод шикаст мехўрад ва маблаѓе дарёфт нахоњад кард. Вале агар донишомўзон болотар аз сатњи мавриди назар ќарор бигиранд, ба ширкати љоиза медињанд. Тарзи амали бештари ин ширкатњо ба ин сурат аст, ки матолиби омўхтаниро ба чандин марњала таќсим мекунанд *(њамон тавре ки кор дар хатти тавлиди мањсулоти саноатї танзим мешавад)* ва сипас ба донишомўз ба ивази њар љавоби сањењу дуруст подош медињанд, яъне онњоро бо аз љињати моддиву маънавї њавасманд месозанд. Дар баъзе аз мавридњо агар омўзгорон муваффаќиятњои ќобили таваљљўње дар тарѓиби донишомўзон дар ёдгирї дошта бошанд, мукофоту љоиза мегиранд.

**Амалкарди система**

Кифояти таррољии танзимёфта ва равише, ки тавассути он тарњњо тафсир ва такмил мешаванд.

**Амалкарди фарогир *(ёдгиранда)***

Боздењи фарогире бо таваљљўњ ба меъёрњое, ки барои фарогир ё гурўњи фарогирон мавриди назар мушаххасшуда аст. Ёдгиранда то чї андоза метавонад њадафњои таъиншударо ба дурустї анљом дињад.

**Амалшиносї**

Ин истилоҳ барои илмҳои рафторӣ бидуни дар назар гирифтани худи огоҳӣ ба мафҳумҳои метафизикии зеҳнӣ ба кор бурда мешавад.

**Амният**

**1 – амният, эҳсоси эминӣ. 2 – итминон, оромиши ботинӣ**

- ҳолате, ки дар он эҳтиёҷот ва хостаҳои шахс анҷом меёбанд.
- раҳоӣ аз тарсу изтироб, бахусус аз назари таъмини ниёзҳои феълӣ ва гузашта.

2 – эҳсоси арзиши шахсӣ, итминони хотир, эътимод ба нафс ва пазириш аз тарафи гурӯҳ.

**Амнияти отифӣ**

Ҳолатеро гӯянд, ки дар он, шахс эҳсоси боварӣ мекунад, аз ин ки ниёзҳои отифии вай, бахусус эҳтиёҷ ба дӯст дошта шудан, бароварда мешаванд.

**Амри ахлоқӣ**

Нерӯи қоидашудаи сифат ва сахти усули ахлоқӣ, ки дар зиндагии равонӣ ва рафтори шахс амалӣ мешавад.

**Амудӣ**

Маъмулан, дар иртибот бо амалҳое, ки огоҳона мавқеъ мегиранд, ба кор меравад.

**Анбора**

Дар улуми композиторӣ (таркибӣ) бахше аз пардозандаи марказӣ аст, ки амалиёти мантиқӣ ё ҳисобиро анҷом медиҳад.

**Ангеза**

*1 ҳолате дар даруни фард, ки ба ӯ энержӣ медиҳад ва ӯро ба сӯи як ҳадафи хос раҳбарӣ мекунад.*

*2 далелтарошӣ, далел ё баҳонае, ки як фард барои тавҷеҳи рафтораш зикр мекунад.*

*3 бино ба таърифи айнӣ (объективӣ) ҳолати фарзӣ дар мавҷуди зинда аст, ки барои табйини интихобҳо ва рафтори маътуф ба он ҳадаф ба кор меравад ва ангезаҳо бино ба таърифи зеҳнӣ ба сурати орзу ё майл таҷриба мешаванд.*

**Ангезаи пешрафт**

*1 ба таври куллӣ ангезаи фард барои дастёбӣ ба мавқеъиятро гӯянд.*

*2 ангезае аст дарунӣ дар фард барои ба муваффақият ба поён расонидани як вазифа, расидан ба ҳадаф ё дастёбӣ ба дараҷаи муайяне аз шоистагӣ дар як кор.*

**Ангезаи физиологӣ**

Истилоҳи умумӣ барои ҳар ангезае дар асоси ниёзҳои ҷисмӣ ё насҷӣ, мисли ғизо, ҳаво, иҷтиноб аз муҳаррики дарднок ва ғайра.

**Ангезиш**

- ҳолате аст ки тамоюл ба анҷоми амале хосро дар шахс ба вуҷуд меоварад.
- омили равонӣ, дарунӣ, органикӣ, ки инсон ё ҳайвонро барои анҷоми амале, ки ҳадафдор аст, бармеангезад.
- назорати дохилии рафтор, ки ба василаи шароити физиологӣ, шавқу завқ, бозхурдҳо ва орзуҳо таҷаллӣ мекунад.

**Ангезиши берунӣ**

Шомили тамоми омилҳои муҳитие мебошад, ки рафтори мушаххас ё посухи муайяне аз сӯи ёдгирандаро тақвият медиҳад. Ба ибороти дигар, ангезиши берунӣ, ангезише аст, ки аз омили хориҷ аз худи шахс сарчашма мегирад. Рафторе, ки бо подош ва бо танбеҳи нерӯҳои берунӣ барангехта мешавад ва маъмулан, дар он ризоият ё ғайри ризоияти дарунӣ дар дараҷаи дуввуми аҳамият аст.

**Ангезиши дарунӣ**

Иқдоми огоҳонаи фард дар эҷоди таъсир дар муҳит ба хотири дастёбӣ ба ҳадафҳои мушаххасе, ки фард онро қобили дастёбӣ ва арзишманд медонад. Ангезаҳои дарунӣ ишора ба омилҳои мӯҳтавоӣ дошта ва зотан дар худи вазифа ва ё

дар вуљуди шогирд нуњуфтаанд. Аз он љо, ки ангезањои ковишгарї ва кунљковї дар инсон зотї њастанд, метавон гуфт, ки ин ангезањои дарунї зербинои *(базис)* бисёре аз назарияњои љадиди омўзишї њастанд, ки ба амри фаъолият ва иктишофи шогирд таваљљўњ доранд. Маъмулан, ангезаи дарунї бо ду табаќаи олитари ниёзњо дар табаќабандии Мозлу *(яъне ниёз ба касби эњтиром ва ниёзи марбут ба худшукуфої)* дар иртибот аст.

**Ангезиши нохудогоњ**

Ангезиш, ки шахсро ба анљом додани амалњое вомедорад, ки худ аз далели воќеъии он огоњ нест.

**Ангезиши ташвиќї**

Дар ибтидо (1943) Њолл эњсос мекард, ки **k** бе ёдгирї бар ёдгирї таъсир мегузорад. Аммо баъдњо (1952) натиља гирифт, ки он танњо бар амалкард муассир аст. Барои Спенс (Spence K.W.) ангезиши ташвиќї бисёр муњим буд. Бино бар аќидаи ў ин механизм аз тариќи механизми **$S_G$ – $r_G$** амал мекунад ва нерўдињанда ба рафтори ёдгиранда аст.

**Ангехтагї, барангехтагї**

Ба унвони як истилоњи куллї, ба андозаи фаъолият ё омодагї барои фаъолият бар асоси сатњи тањрикпазирии њиссї, сатњњои таршењоти ѓадуди берунрез гуфта мешавад.

**АПИД (Барномаи нававарињои омўзиш барои тавсиъа дар Осиё ва Уќёнусия)**

АПИД яке аз бахшњои вобаста ба ЮНЕСКО аст. Дар њафдањумин иљлоси Конфронси умумии ЮНЕСКО бо иљрои барномаи нававарињои омўзишї (АПИД) дар чањорчўби дафтари минтаќавии ЮНЕСКО дар Осиё ва Уќёнусия муваффаќ шуд. Њадафњои АПИД иборатанд аз:

*1. Афзоиши табдили таљрибањои омўзишї ва њамкории тафоњуми байналмилалї.*

*2. Ташвиќу тарѓиби кишварњои узв ба ширкат додани њарчї бештари мардум дар эљоди таѓйирот.*

*3. Тамаркуз бахшидан ба талошњо дар заминаи нававарї.*

**АПИЛ (Барномаи омўзишу парвариш барои њама дар минтаќаи Осиё ва Уќёнусия)**

Дар панљумин Конфронси вазирони маъорифи мамолики Осиё ва Уќёнусия, ки дар соли 1985 дар Таиланд ташкил гардид, аз Юнеско таќозо намуданд, ки барномаи АПИД-ро тасвиб кунад. Ин дархост дар њамон сол мавриди тасвиби маљлиси Конфронси умумии ЮНЕСКО ќарор гирифт. Мутахассисони кишварњои узви минтаќа дар моњи майи 1986 гирди њам омаданд ва барномаи омўзишу парвариш дар минтаќаи Осиё ва Уќёнусияро амалан оѓоз карданд.

**Ангора (тасвир), тарњи сохтёфта**

*1 – таркиби муназзам аз чизњо дар як тарњи мушаххас.*

*2 – баъзе аз муаллифон онро бо тарњвора (schema) ба таври дахлдор ба кор мебаранд, бархе дигар онро барои навъњои айнитари сохторњои шинохтї, ки њушёрона сохта мешаванд, мавриди истифода ќарор медињанд.*

**Созмони падару модарон ва омўзгорон (анљумани авлиё ва мураббиён)**
Созмоне аст, ки аз њисоби муаллимону волидайни донишомўзони мактаб ё дигар муассисаи таълимї таъсис меёбанд ва њадафи он њамкории омўзгорон ва падару модарон дар раванди таълиму тарбия мебошад.

**Андеша, тафаккур (юнонї)**

*1 – дар фалсафа як рўйдоди равонї, ки ба василаи аќл мањз дарк мешавад.*

*2 – дар равоншиносї коркарди куллии аќл: шинохт.*

**Андешањои фитрї, аќоиди фитрї**

- андешањое, ки аз таљриба ба даст намеоянд, балки чунин тасаввур мешавад, ки ба унвони бахше аз зењн ба мо ирс мерасанд.
- як дидгоњи фалсафии ќадимї, ки собиќаи он ба ањди равоќиён мерасад ва бар ин фарз такя дорад, ки бархе аз аќоид фитрї аст ва муќаддам бар тамоми мављудоти

инсонӣ вуљуд дорад. Эњтимолан Декарт сарсахттарин мудофеъи ин назария буда ва гуфтааст, ки маълумоти замон, сабабу натиља (иллият), камол ва њатто усули њандасии уќлидусӣ њам фитрӣ њастанд.

**Андозагирӣ**

Андозагирӣ дар омўзишу парвариш иборат аст аз ба даст овардани андозањо ва иттилооти марбут ба як рафтор ё вижагии хос ба сурати камият. Дар воќеъ, андозагирӣ нишон медињад, ки чӣ миќдор аз як сифат дар як чиз ё шахси мавриди назар вуљуд дорад.

Интисоби раќамњо ба ашё ва рўйдодњо тибќи усулу ќоидаи муайян, ба тавре ки ба василаи он дар мавриди онњо битавон изњори назарњои даќиќи камӣ ба амал овард.

Андозагирӣ монанди арзишёбӣ фароянди низомдор аст, ки бо истифода аз ќоидањое, ки дурустии онњоро метавон мавриди озмоиш ќарор дод, ба миќдори гуногуне аз як сифат, ки дар як фард бо шайъ вуљуд дорад, адади ихтисос дода мешавад.

Андозагирӣ, яъне истифода аз усул ва ќонунњои омориву риёзӣ ва ба маќсади ба камият даровардани хусусиятњо ва вижагињои инсон, њайвон ё ашё барои ба даст овардани иттилоъот. Дар андозагирӣ аз миќёсњое истифода мекунанд, ки иборатанд аз: *1 – миќёси исмӣ. 2- миќёси дараљавӣ. Миќёси фосилавӣ. 4- миќёси нисбатӣ.*

**Андозагирӣ кардан**

- ба назму тартиб даровардан дар асоси меъёри муайян.
- баробар бо таќвим кардан дар асоси милоке, ки маъмулан, пешакӣ таъйин шудааст.
- бањое, ки навомўз ба даст овардааст.

**Андозаи фосилаи табаќот**

Дар илми омор андозаи фосилаи табаќот **(i)** аз тариќи пайдо кардани доманаи таѓйир *(болотарин бањо ба тарњи пойинтарин бањо)* ва таќсими он бар теъдоди табаќот њисоб карда мешавад.

**Андозањои гироиш ба марказ, шохисњои гироиши марказӣ**

Миќдори марказӣ дар як тавзеъ, ки дигар миќдорњо дар перомуни он бахш мешаванд. Агар муаллим бихоњад бо истинод ба як нумраи воњид вазъи тамаркузи нумрањои як синфро мушаххас кунад, аз андозањои гироиши марказӣ истифода мекунад. Се мизони гироиши марказӣ иборатанд аз: *миёнгин, миёна, намо.*

**Анљумани мактаб, толори маљлиси мактаб**

Толор ва binoи васеъи муасиссањои таълимӣ, ки мавриди истифодаи умумӣ ќарор мегирад.

**Арасту**

Арасту ё худ Аристолис *(Аристотель) 384-322 п.а.м)* падари илми љадид њисобида мешавад. Арасту дар масъалањои мухталифе, њамчун фалсафа, зебошиносӣ, метафизика, биология, мантиќ, физика, равоншиносӣ ва ѓайра кор кардааст. Аз тањќиќи хоси ў дар мавриди њофиза ва ёдгирӣ, кашфи се ќонуни маънoӣ, яъне ќонуни муљовират, ќонуни мушобењат ва ќонуни тазод аст. Арасту бар хилофи Афлотун, ки бар воќеъияти куллиёт таъкид мекард, беш аз њар чиз мутаваљљењи умури љузъӣ буд ва ба илми зистшиносӣ шавќу раѓбати хос дошт, Арасту аќида дошт, ки тамоми љавњарњо, ба истиснои Худо аз мода ва сурат сохта шудааст. Сурат иборат аз буданӣ ва мода иборат аз шуданӣ аст. Арасту дар мубоњиси худ аз чањор гуна иллат ном мебарад: *1.Иллати моддӣ 2.Иллати фоилӣ 3.Иллати суварӣ 4.Иллати ѓоявӣ.* Ин аќидаи Арасту дар мавриди анвоъи иллатро метавон бо мисоле равшан сохт. Њунармандеро тасаввур кунем, ки мехоњад муљассамае бисозад. Мўњтавои муљассама иллати моддӣ, њунарманд иллати фоилӣ, шакли муљассама иллати суварӣ ва њадафи њунарманд мазњари иллати ѓоявӣ аст ва ба аќидаи Арасту муњимтарин иллатњо иллати ѓоявӣ аст.

Ормони тарбиятии арастуӣ бар мабнои назари равшане дар бораи башар ќарор дорад. Арасту бар ин аќида аст, ки муњимтарин сифати ихтисосии башар истеъдоди аќлонӣ

аст. Аз ин рӯ, мӯътаќид ба парвариши аќлӣ аст ва мегӯяд њаёти отифӣ танњо муќаддимае бар рушди аќлонии мост. Ба башар се нафс ато шудааст: *нафси наботӣ, нафси њайвонӣ ва нафси нотиќа;* нафси нотиќа, ки муњимтарини онњост дорои ду ќисмат аст: яке амалӣ ва дигаре назарӣ. Арасту ваќтњои фароѓатро муњимтарин рукни тарбият медонад ва мегӯяд фард танњо дар ваќти фароѓат метавонад тафаккур ва таъмил кунад ва аз ќавои олитари худ огоњ шавад. Арасту корро дар дараљаи дуввум медонад. Ба назари ӯ давлат баровардандаи ниёзњои иљтимоии мост, бинобар ин, давлат бояд мутасаддии тарбият бошад ва аз тамоми фаъолиятњои авомона дар ин самти муњимро пешгирӣ кунад. Ба назари Арасту бењтарин њукумат, њукумати табаќаи миёна аст. Бењтарин равиши ахлоќи зиндагӣ, зистан бар асоси ќонуни тиллоӣ, яъне *«миёнаравӣ»* аст. Масалан, љуръат, ки њунар аст, миёнаи ду каронаи нодир: тарсуӣ ва густохӣ аст. Бар асоси ин назари Арасту дар тарбият се аслро бояд дар назар гирфт: нахуст, *«табиъат»,* ки асоси феъл ва ин фаъолоти њаётии мост ва сабаби вижагињои отифие мешавад, дуввум, одат, ки ба маънои дастёбӣ бар аъмоли ѓайриаќлонӣ аст. Ба назари Арасту муњимтарин бахши тарбият асли саввуми он, яъне парвариши аќл аст. Ӯ аз он љо, ки нахустин бор ба тадвину танзими китоби **«Мантиќ»** даст задааст, ӯро **Муаллими Аввал** ва Абунасри Форобиро **Муаллими Сонӣ** меноманд.

Арасту ба таъсири талќин ва такрор ањамият медињад ва кори муњими таълиму тарбиятро эљоди одат, ки ба назари ӯ *«табиати сонавия»* аст, медонад. Албатта, нисбати афкори тарбиявии Арасту хурдагирӣ ва танќид баён карда шудааст. Нахуст, ин ки Арасту дар таъйини њадафњои тарбияту таърифи он аз њадди љомеъа ва ормонњои он по фаротар намегузорад ва аз ин назар, бардошти ӯ аз таълиму тарбият ба бардошти баъзе аз љомеъашиносони ифротии муосир шабоњат дорад. Дуввум, ин ки таълиму тарбиятро имтиёзе вижаи гурӯњњои иљтимоии хос медонад ва ќишрњои васеъи љомеъаро аз таълиму тарбияти нисбатан комил ва ё њатто њаргуна таълиму тарбият мањрум месозад, саввум, ин ки тарбиятро ба тарбияти аќлӣ мањдуд медонад.

**Арза, намоиш, ироъа**

1 – дуввумин марњала аз даврањои панљгонаи Њерберт дар раванди тадрис, ки дар он тадриси дарс тоза оѓоз мешавад.

2 - муќаддимоте, ки барои фањмондани чизе ба як шахс пешакӣ арза мешаванд.

3 – маводе, ки ба унвони муњаррик дар як озмоиш ба кор меравад.

4 – арзаи матолиб ба касе дигар барои фањми ёдгирӣ.

**Арзёбии замон, замонсанљӣ**

- замонсанљӣ ё омӯзиши замон фанни андозагирии кор ба хотири забти замонњо ва нархњои муассир барои унсурњои як шуѓли муайян аст, ки дар шароити мушаххас анљом мешавад ва барои тањлили додањо ба хотири тањсили замони лозим љињати анљом додани шуѓл дар як сатњи муайян ба кор меравад. Тањњизоти асосии замонсанљӣ иборатанд аз як хронометр, як тахтаи баррасӣ, мадор, формањои замонсанљӣ, ки шахси баррасикунанда бояд бо худ дошта бошад.

- фанне, ки дар он сабти замонњо ва зариби *(коэффициенти)* амалкард дар мавриди унсурњои мушаххаси кор дар шароити мушаххас анљом мешавад ва ин додањо ба хотири дастёфт ба замони мавриди ниёз барои анљоми кор дар сатњи амалкарди муайян тањлил мешавад.

**Арзёбии зуди ниёзњои дењотӣ**

Яке аз фанњо ва равишњое аст, ки барои афроди ѓайримањаллӣ имкони дастёбии зуд ба масоили тавсиъаи дењотӣ ва њаќиќатњои мањрумиятњои рустоиро фароњам месозад. Фунуни ин равиш таъодул байни хароҷоти љамъоварии иттилоъотро бо камият, диќќат, рабт доштан, ба мавќеъ будан ва корбурди воќеъӣ доштани ин маълумот мешиносанд.

**Арзёбӣ**

*1 – доварї ва арзёбии рафтор.*

*2 – амали таркиб ва тафсири иттилоъот дар бораи як донишомўз.*

Ба маќсади пай бурдан ба мизони муваффаќияти ёдгиранда *(ёдгирандагон)* дар расидан ба њадафњои омўзишии мавриди назар бояд тавоноии њар фарди ёдгиранда дар љараёни омўзиш ва њамчунин дар поёни омўзиши мавриди андозагирї ќарор гирифта ва сатњи муваффаќияти вай дар расидан ба њадафњои таъйиншуда мушаххас гардад. Муаллим бо истифода аз равишњои мухталиф љамъоварии иттилоъот ва амалкарди њар як аз ёдгирандагони синфи худро арзёбї мекунад. Дар арзёбии амалкард њар афрод мавриди таваљљўњ аст. Аз ёфтањои арзишёбї ба мушкилї аз амал **(evaluation)** метавон дар арзёбї фард-фард ёдгирандагон истифода кард, вале ёфтањои њосили арзёбї ба манзури ќазоват дар мавриди фард - фард ёдгирандагон љамъоварї мешавад. Арзишёбї бар хилофи арзёбї дар бештари мавридњо як фаъолияти берунї аст, ки набояд бо амали арзёбии омўзгор аз ёдгиранда иштибоњ дода шавад ва ё љойгузини он гардад.

**Арзёбї кардани арзёбї**

Анљоми арзёбї дар мавриди як тарњи арзёбї.

**Арзиш**

- ба хусусияти дар њар чиз гуфта мешавад, ки он хусусият барои гурўњ ё фард лозим ё дилхоњ бошад. Бинобар ин, мафњуми арзиш метавонад љанбаи равонї ва ё эътиќодї дошта бошад.
- мўњтарам доштани чизе бар асоси арзёбии шахс аз он.
- арзишњо идеяњо *(ѓояњо)*, мафњумњо ва эњсосоти иброзшудае тавсиф мешавад, ки мо ба мадади онњо метавонем рафторњо ва ваќеъањоро дараљабандї кунем. Калокњун *(Kluckhohn)* ва њамкоронаш (1977) арзишро як мафњуми ошкор медонад, ки фарќкунандаи фард ё вижагињои гурўњ ё чизњои матлубе аст, ки бар интихоб аз байни равишњо, василањо ва натиљањои мумкини як амал асар мегузорад.

**Арзишёбии амалкард**

- иборат аст аз арзишёбї аз кори коркунон дар мавриди натиљаи кор ва фаъолияти анљомшуда тавассути онњо, ки ба василаи маќомоти болотар сурат мегирад.
- иборат аст аз санљишу арзишёбии кору фаъолияти анљомшуда ва натиљаи њосил аз он бо меъёр ё муќоисае, ки битавон сифат ва самараи мавриди назарро бо диќќат ба тариќе дур аз давравњои шахсї арзёбї намуд.

**Арзишёбии барномаи дарсї**

Арзишёбии барномаи дарсї бар асоси маљмўъае аз зерњадафњо формулабандї шуда, дар даруни њадафњои куллї аст, ки дар барнома ба кор меравад. Бинобар ин, як иќдоми аввалия фењраст кардани ин зерњадафњост. Ќадами дуввуми арзишёбии барнома, таъйиини он чизе аст, ки Стейк *(Stake)* онро пешояндњо *(antecedents)* ва Стофелбим *(Stufflebeat)* ва њамкоронаш дарундоди заминаї *(context input)* номидаанд. Арзишёбон дар ин марњала ба иттилоъоте, ба монанди хусусиятњои донишомўз, муаллим, созмони мактаб, арзишњою ниёзњои иљтимої ва тавзењ дар ин замина, ки чї гуна барнома ба кулли барномаи дарсї иртибот пайдо мекунад, ниёз доранд. Саввумин масъулият дар арзишёбии барномаи дарсї таъйини стандартњое аст, ки ба он васила аз ин назарњо, ки чї чизе матлуб ё мавриди ќабул аст ва дар мавќеъияти муайяне чї интизороте мебошад, ки мавриди доварї ќарор гирад. Ќадами чањоруми љамъоварии ёфтањое дар заминаи бозденњњои барнома аст. Ќадами панљуми анљоми як тањлили фаннии барнома аз тариќи посухгўї ба саволњо аз ин ќабил аст:

*1- оё мазмуну мўњтаво ба њадафњои айнї (объективї) иртибот дорад? 2 – оё мазмуну мўњтаво эътибор ва равоёе дорад? 3- оё мазмуну мўњтаво муносиби донишомўзон аст? 4 - оё барнома як созмондињии мантиќиро дорост? 5 – оё вазифаи ёдгирї воњиди як силсиламаротиби сохторї мебошад? 6 – оё барнома идрок ва тафаккури интиќодиро густариш медињад? 7- оё як рўйкарди чандњиссї мавриди*

*истифода қарор гирифтааст? 8- оё барнома арзиши интиқолӣ дорад? 9- чӣ гуна давраи таҳсилӣ ба давраи пештара иртибот пайдо мекунад?*

Қадами охир дар арзишёбии барномаи дарсӣ доварињои арзишёбон ва тарҳрезони барномаи дарсӣ дар асоси ҳама ёфтаҳо ҷамъоварӣ шудааст. Арзишёбон зимни мулоҳизаи нуктаҳои заъфу сусти барнома, ки ба кӯмаки таҳлили фаннӣ ошкор шудааст, тасмим мегиранд, ки оё барномаро идома бидиҳанд ё тағйир диҳанд ва ё онро боз доранд.

**Арзишёбии берундод ё боздиҳӣ**

- санҷиши сифат ва самараи маҳсули *(амалкарди)* ниҳоии барнома ва ҳамчунин мавриди назар қарор додани ҳар гуна маҳсули фаръии барнома.
- арзишёбии боздиҳӣ ва тафсиру қазоват дар бораи дастовардҳо ва ё маҳсули ҳар навъ барнома мебошад.

**Арзишёбии дастёфта, арзишёбии тавлидӣ**

Ҳадаф аз арзишёбии дастёфта иборат аст аз андозагирӣ, тасвиру қазоват дар мавриди расидан ба як барнома аст. Ин навъ арзишёбӣ дар охирин марҳала аз анҷоми як фаъолият ва барнома ё ба иборате дар поёни фаъолият ва барномаи манзури баррасӣ ва натиҷагирии ниҳоӣ аз он сурат мегирад.

**Арзишёбии додаӣ**

Арзишёбии додавӣ барои кӯмак ба тавсифи барномаҳо бо таваҷҷӯҳ ба тағйироти мавриди ниёз ба кор меравад. Ин амал бо истифода аз равишҳои муносиб ва баррасиҳои таҷрибавӣ амалӣ мегардад. Ин навъ арзишёбӣ мизони шикастҳо ё комёбиҳоро бо таваҷҷӯҳ ба тағйирот дарбар мегирад.

**Арзишёбии заминаӣ**

Арзишёбии заминавӣ барои одамони солхӯрда ва маъюб дар бархе аз ҳадафҳо дар омӯзиш, дар барномаҳо ва дар намунагириҳо ба кор меравад ва масирҳои рушду пешрафтро намоён месозад, дар воқеъ, арзишёбии заминавӣ санҷиш ва арзиёбии мутағйирҳои муҳитии як барнома аст.

**Арзишёбии марҳалавӣ**

- иборат аст аз гирдоварии иттилоъот ва шоҳидҳо ба мақсади ислоҳ ва беҳбуди як барнома дар ҳангоме ки ин барнома ҳанӯз дар ҳоли шаклгирӣ ва марҳалавӣ аст. Арзишёбии марҳалавии як барнома *(барномаи дарсӣ)*, ба таври умумӣ шомили се марҳала аст: 1- арзишёбии намунаи барнома *(prototype evaluation)*. 2 – арзишёбии аввалияи барнома *(preliminary tryout)*. 3 – иҷрои озмоишии барнома *(field trial).* Бо корбурди ин навъ арзишёбии нуктаҳои заъфу сусти ҳар қисмат аз барномаи дарсӣ, ки ба ислоҳ ниёзманд аст, мушаххас шуда ва дар ҷараёни омӯзиши марҳалаи баъдӣ метавон аз натиҷаҳои ҳосил ба тарзи созандае истифода кард ва барномаро матлубтар намуд. Ин таъриф бештар дар мавриди арзишёбии марҳалаи барномаи дарсӣ мувофиқ меояд.
- арзишёбии марҳалавӣ ҷузъи лозими амали барномарезӣ аст, ки худи барнома ва омӯзишро мавриди арзишёбӣ қарор медиҳад. Ҳадафи он мушорикат дар ислоҳ ва беҳбуди тарҳҳои омӯзишӣ ва парваришӣ аст.
- арзишёбии марҳалавӣ замоне ба иҷро дармеояд, ки фаъолияти омӯзишӣ ҳанӯз давом дорад ва ёдгирии донишомӯзон дар ҳоли шаклгирӣ аст. Ҳадафи аслии ин арзишёбӣ ёрӣ ба беҳбуди фаъолияти ёдгирӣ ва бартарафсозии ноқисиҳои омӯзишӣ аст.

**Арзишёбии милокӣ, арзишёбии мутлақ**

Он даста аз озмунҳое ҳастанд, ки бар асоси мелоки мутлақ таҳия мешаванд ва мабнои арзишёбии мелокиро ташкил медиҳанд. Дар истифода аз милоки мутлақ пешрафти ёдгиранда бо таваҷҷӯҳ ба он чӣ ки омӯзиш дода шудааст, арзишёбӣ мешавад. Ба ибораи дигар, агар амалкарди фард дар як озмунро дар муқоиса бо навъи мелок ё ҳадаф аз пеш таъйиншуда тафсир кунем, аз арзишёбии мелокӣ истифода кардаем. Барои мисол, мегӯем, ки *«Аҳмад ҳаштод фоизи саволҳои дарси риёзиро дуруст ҷавоб додааст».*

**Арзишёбии мушорикатї**

Маќсади арзишёбии муштаракатї ин аст, ки мардуме, ки зиндагияшон мавриди баррасї ќарор мегирад, ба ивази он ки сирфан мавзўъи баррасї боќї бимонанд, ба таври фаъол дар фаъолияти баррасї ширкат кунанд. Дар тарзи мушорикатї барои дастёбї ба як мафњўми хос дар маърифат, ки мавриди назар ќарор мегирад, аз равишњои *«илмї»* ё *«айни»*-и роиљ истифода намешавад ва арзишёбї низ дар ин тарз ба тариќи хоси худ ба анљом мерасад. Барои як арзёб, ки аз рўњи мушорикат ба арзёбї мепардозад, њаќиќат ба воќеъиёт ва падидањои айнї *(объективї)* мањдуд намешавад, балки чигунагии дарки мардум аз воќеъиёту падидањое, ки бо онњо сару кор доштаро низ дарбар мегирад. Аз ин рў, ин як иртиботи диалектикї миёни айният (объективї) ва зењният (субъективї) аст. Арзёб бояд мардумеро, ки мавриди арзёбї њастанд, ба унвони арзёбон дар кори арзёбї дахолат дињад. Ин мардум бояд њам ба унвони афроди мавриди тањќиќ ва њам ба унвони тањќиќкунанда манзур шаванд.

**Арзишёбии намунавии барнома**

Арзёбии намунавиро метавон дар оѓоз ва дар мавриди ќисматњои хоси мавриди тадвини як барнома ба кор бурд. Ба муљарради ин ки баъзе аз ќисматњои барнома тадвин шуд, муносиб аст, ки ба омўзишии таљрибавии онњо пардохт, то корoии онњо дар амалї гардидани њадафњо таъйин шавад. Аз ин навъ арзёбї тањти унвони арзёбии намунавї барнома ёд мешавад.

Анљоми арзёбии намунаи барнома, ба таври куллї бо арзёбии як љузъ ё арзёбии маќулавии хос аз барнома сару кор дорад. Барои мисол, барои озмоиши ин ки оё ба кор бурдани микроскоп барои донишомўзони як гурўњи хос душвор аст, метавон ба иљрои як тањќиќи арзёбии намуна пардохт. Теъдоди синфњои мавриди ниёз барои арзёбии намуна 1 то 2 синф аст.

**Арзишёбии поёнии барномарезии дарсї**

Арзишёбии поёнї *(маљмўъї)* дар поёнии як давра *(сессия)* ё як соли тањсилї барои арзёбии таъсири як барномаи дарсї ба амал меояд. Иттилоъот ва шоњиди њосил аз арзишёбии поёнї барои чанд манзур ба кор меравад. Мумкин аст барои тасмимгирї дар мавриди ин ки барномаи дарсї идома ёбад ё муќоисаи барномаи дарсї бо якдигар истифода шавад ё ба хотири додани гувоњномаи фориѓултањсилї ба кор ояд. Арзишёбии маљмўъї њангоме ба амал меояд, ки барномаи дарсї тадрис шудааст ва натиљањои њосил аз ин навъ арзишёбї дар таѓйир ва ислоњи барномаи дарсї ва барои ёдгирї муассир аст.

**Арзишёбии поёнї**

- дар поёни њар давраи омўзишї лозим аст, ки арзишёбии љомеъ аз мизони омўхтањои шогирдон ба амал ояд. Ин навъ арзишёбиро арзишёбии поёнї ё тарокумї гўянд, ки мумкин аст дар поёнии як сессия ё як соли тањсилї анљом пазирад. Њадафи арзишёбии тарокумї таъйини миќдори ёдгирии донишомўзону донишљўён дар тўли як давраи омўзишї ба хотири бањо додан ва судури гувоњнома ё ќазоват дар бораи асарбахшии кори омўзгор дар барномаи дарсї ё муќоисаи барномањои мухталиф бо якдигар аст.

**Арзишёбии рафторї *(њинљорї)***

Он даста аз озмунњое, ки бар маънои милоки нисбї дуруст мешаванд ва зербинои *(базис)* арзишёбии њинљориро месозанд. Бо истифода аз озмунњои њинљорї метавон таъйин кард, ки пешрафти як донишомўз нисбат ба донишомўзони дигар чї вазъе дорад. Аммо наметавон мушаххас кард, ки пешрафти донишомўз нисбат ба њадафњои омўзишї ё матолиби омўзиш додашуда чї гуна аст. Масалан, дар озмуне, ки дар асоси милоки нисбї дуруст шуда метавон гуфт, ки *«Парвиз бењтар аз 70 фоизи донишомўзони синф бањо гирифтааст»,* аммо наметавон гуфт, ки чанд фоиз аз њадафњои омўзиширо ба хубї омўхтааст. Арзишёбии њинљорї дар озмунњои мизоншуда ба хубї инъикос меёбад. Дар ин озмунњо пешрафти донишомўзон дар

асоси рутбаи фоизӣ ё навъе њинљори синнӣ ё синфӣ ва нисбат ба гурўњи њинљор таъйин мешавад. Дар арзишёбии њинљорӣ њадафи умда ва асосӣ ин аст: таъйин кунем, ки як донишомўз дар муќоиса бо донишомўзони дигар чӣ вазъе дорад.

**Арзишёбии ташхисӣ**

Амале аст, ки барои ќазоват дар бораи мизони омодагии шогирдон барои шурўъи марњалаи љадиди омўзишӣ ва тасмимгирӣ дар ин мавриди ба кор меравад. Аз ин арзишёбии ташхисӣ ду њадаф мавриди назар аст: *1) ќарор додани шогирдон дар мавќеъияти муносиб, ки битавонад ёдгирии матолиби тозаи дарсиро оғоз кунанд. 2) кашфи сабабу иллатњои мушкилоти ёдгирии онњо дар роњи расидан ба њадафњои омўзишӣ.*

**Арзишёбии технологияи барномаи дарсӣ**

Иборат аст аз гирдоварии иттилоъот ва шоњид ба хотири ислоњ ва бењбуди як барномаи дарсӣ дар њангоме ки он барнома њанўз дар њоли шаклгирӣ аст. Ин навъ арзишёбиро метавон дар оғоз ва дар мавриди ќисматњои хоси як барномаи дарсӣ дар њоли тадвин ќабл аз тавзеъи умумии барнома дар саросари низоми омўзишӣ ба кор бурд. Ба корбурди ин навъ арзишёбӣ нуктањои заъфу сусти њар ќисмат аз барномарезии дарсӣ, ки ба ислоњ ниёзманд аст, мушаххас шуда ва дар љараёни тањќиќ ва омўзиши марњалаи баъдӣ метавон аз натиљањои њосил ба тарзи созандае истифода кард ва барномаро матлубтар намуд.

**Арзишёбии фароянд**

- иборат аз баррасии љузъњои як барнома аст.
- санљиши роњбурдњои марбут ба тарзи амал ва муќоисаи коромадии тарзњои гуногуни тадрис, тарвиљ, барангехтану созмондињӣ.
- њар гоњ арзишёбӣ њангоми анљоми кор ё ба иборате дар љараёни иљрои як фаъолият ё барнома ба хотири касби иттилоъ аз фароянди фаъолият ё барнома сурат мегирад, арзишёбӣ аз навъи љараёне мебошад.

**Арзишёбӣ**

**«Фарњанги равоншиноси»**-и Артур Ребр (1985) арзишњоеро дар маънии омиёнатар *«таъйини арзиш ва ё ањамияти як чиз»* медонад ва ба сурати хосатар арзишёбиро таъйини мизони муваффаќияти як барнома, як дарс, як силсила озмоиш дар расидан ба њадафњои аввалияи онњо медонад. Фарњанги Вебстер арзишёбиро ќазоват ё таъйини арзиш ё сифат кардан, таъриф мекунад. Дар **«Фарњанги Муъин»** арзёбӣ *«амали ёфтани арзиш ва бањои њар чиз, санљишу баррасии њудуди њар чиз ва баровварда кардани арзиши он»* таъриф шудааст. Аввалин таърифи расмӣ аз арзишёбӣ ба номи Ролф Тойлер сабт шудааст. Вай арзишёбиро василае љињати таъйини мизони муваффаќияти барнома дар расидан ба њадафњои омўзишӣ медонад. Громбах **(Cronbach)** арзишёбиро *«љамъ овардан ва истифода аз иттилоъот барои тасмимигирӣ дар мавриди як барномаи омўзишӣ»* медонад. Попњом арзишёбиро фаъолияте медонад, ки дар он ба сурати расмӣ метавон дар мавриди падидаи мавриди баррасии иттилоъот љамъоварӣ кард ва аз ин иттилоъот барои расидан ба ќазоват дар мавриди арзиши он падида истифода кард. Стофил **(Stufflebeam D.)** дар соли 1981 милодӣ таърифи наве аз арзишёбӣ ироъа кард ва бар мабнои њамин таъриф намунаи арзишёбии **«Сipp»** -ро матрањ сохт. Ба назари вай арзишёбӣ иборат аз *«мафњуми таъин кардан, ба даст овардан ва фароњам сохтани иттилоъоти тавсифӣ ва ќазоватӣ дар мавриди арзишу матлубияти њадафњо, тарњ, иљро ва натиљањо ва ба хотири њидояти тасмимгирӣ ва дарки бештар аз падидањои мавриди баррасӣ»*.

Ричард Волф (*Wolf R.M.)* дар китоби **«Арзишёбии омўзишӣ»** таърифи *Бибай* (Beeby) аз арзишёбиро матрањ кард ва вижагињои ин таърифро ба таври муфассал тавзењ додааст. Бисёре арзишёбиро *«љамъоварӣ ва тафсири низомдори шоњидӣ медонад, ки ба ќазовати арзишӣ табдил мегардад»* таъриф мекунад.

Доктор Марвин Алкин *(Marvin Alkin)* арзишёбиро чунин тавсиф мекунад: *«фарогарди ташхиси њайтањои тасмимгирии мавриди назар, интихоби навъи иттилоъоти мутаносиб ва гирдоварї ва талхису тањлили иттилоъот ба хотири тањияи гузориши муносиб барои тасмимгирї дар бораи интихоби гузинањои мавриди тасмимгирї».*

Дар зер чанд таърифи дигар аз арзишёбї оварда мешавад:

Озмоиши таљрибињо ба таври айнї *(объективї)*, муназзаму бодиќќат ба хотири њифзи амалкард дар як сатњи муайян ё бењбуд бахшидан ба он.

- таъйини ањамият ва арзиши чизе бар асоси меъёрњои муайян.
- амале аст, ки омўзгор ва донишомўзон барои андозагирии мизони муваффаќияти худ дар корњо ва фаъолиятњои омўзишї анљом медињанд.
- иборат аз љамъоварии иттилоъот ва истифода аз онњо барои тасмимгирї аст. Ин тасмимгирї мумкин аст дар бораи барномаи тарбиятї ба таври куллї ё истилоњи бењбуди дарсї, шинохтани ниёзњои ёдгирандагон ба хотири барномарезии омўзишї барои онњо, ташхиси шоистагии ёдгирандагон ба хотири гузиниш, гурўњбандї ё огоњ сохтани онњо бо мизони пешрафтњо ё камбудњои худашон ё дар бораи ойинномањо ва муќаррароти мактаб, мизони коромадии низоми мактаб ва талоши омўзгорон ва ѓайра анљом мегирад.
- арзишёбї амале аст, ки дар он сатњњои тасмими мавриди назар таъйин мешавад, иттилоъоти муносиб баргузида, љамъоварї ва таљзияю тањлил гардидаро пешнињод намоянд, то гузориш тањия шавад, ки бар асоси он тасмимгирон битавонанд тасмимоти муносибро бигиранд.
- арзёбї амали муназзам аст, ки тавассути он дар бораи арзиш, матлубият, муассир будан ё кифояти чизе тибќи милокњо ва маќсадњои муайяне ќазоват ва доварї мешавад. Ин доварї дар асоси муќоисаи даќиќи додањои айнї *(объективї)* бо стандартњои интихобї аст.
- арзишёбї назорати сифатии фароиндњо ва натиљањои як барномаи омўзишї аст.

**Арзишёбї бо усули равшангарї**

Парлетт ва Њамилтон *(Parlette M. And Hamilton D.)* рањёфтеро пешнињод кардаанд, ки онро арзишёбї бо усули равшангарї меноманд. Ин рањёфт ба арзишёбї, бештар як рўњбурди куллї аст то як равишшиносї. Баъзе аз љанбањои равишњои таљрибї дар ин рањёфт мавриди истифода ќарор мегиранд, аз љумла равишњои намунагирї, истифода аз намунагирии тасодуфї, пурсишнома, њатто озмунњои ќаламњои коѓазї. Бо вуљуди ин, тамоюли умумии ин рањёфт бештар дар љињати тавсиф ва тафсир аст, то андозагирї ва пешбинї.

Ин навъ арзишёбї дар се марњала анљом мепазирад: а) мушоњидаи шароит ва муњити омўзишї, б) интихоби мавзўъњои мавриди баррасї аз тариќи мулоњиза ва баррасии пешрафти барномањо, в) тањлилу тавзеъ.

**Арзиши афзуда**

- ба тафовут миёни даромади фурўъии мањсулот ва харољоти марбут ба хариди маводи аввалия ба кор рафта, дар он мањсулот гуфта мешавад.
- манзур аз арзиши афзуда ё тавлиди нињої иборат аз маљмўъаи арзишњои эљодшуда ба василаи тамоми омилњои дорои як миллияти муайян тайии як давраи њисобдории иќтисодї ё арзишњои тавзеъшуда байни онњо ба сурати дастмуздњо, бањраи суд *(фоида),* иљорабањо ё бањраи моликона ва молиёти ѓайримустаќим мебошад.
- арзишњо, идрокњо дар бораи интихоби равишњо, василањо, ашё ё шароите, ки нисбатан поёдор ва барои фард ё гурўње мўњтарам њастанд, мебошанд.
- дар илми риёзї миќдор ё ќудрате, ки бо раќам нишон дода мешавад.

**Арнолд Гассел**

Арнолд Гассел (1881-1961) равоншиноси амрикої, ки солиёни зиёд раиси Клиникаи рушди кўдаки Донишгоњи Йели Амрико будааст. Вай љузъи гурўњи

донишмандоне аст, ки мўътаќид ба рушди дохилї мебошанд. Ин равоншиносон эътиќод доранд, ки рушди дохилї иборат аст аз таѓйироти сохтї, ки тобеъи хусусиятњои *каромузумњои сулулї* борвар шудааст.

Гассел низ монанди Стенли Њолл пояи кори худро дар рушд, антигенї ва физиологї ќарор додаст. Њамчунин Гассел боварї дорад, ки рушди инсон тобеъи тањаввули шаклї аст. Ў бар ин бовар буд, ки њамон тавре ки дастгоњи бадании мо аз як навъи тањаввули шаклї тобеъият мекунад, шояд битавон гуфт, ки тањаввули равонї низ аз як силсила усул тобеъият мекунад, ки дар њукми пайдо шудани шакли рафтор аст. Ў дар ин замина ба чанд асл ишора мекунад ва баъзе аз ин усулњо иборатанд:

***Асли љињати рушд****:* дар ин асл дастгоњи асабию њаракатии мо тањаввуле аз марказ ба перомун дорад ва ё дорои тањаввуле дар љињат аз сар ба по аст.

***Асли таркиби мароњили мухталиф:*** Гассел нишон медињад, ки масалан, дар роњ рафтан, ки ба аќидаи ў 23 марњала барои баланд шудан ва сари по истодани кўдак вуљуд дорад, ин 23 марњала, ки њама зарурї ва лозимаи рушд њастанд, бояд бо њам таркиб шаванд ва дар якдигар бипайванданд, то бархостану истодан сурат гирад.

***Асли тасаллути яктарафа дар аъмол****:* дар љараёни тањаввул инсон њамеша майл дорад, ки ба сурати яктарафа рушд кунад, яъне тарљењ медињад, ки бо по, даст, чашми рост ё чап кор кунад. Албатта, ибтидо ин амалњои дутарафї њастанд, вале ба тадриљ онњо ба як тараф майл пайдо мекунанд.

***Асли рушди марњалавї:*** дастгоњи њаракатию равонии мо роњи пайваста ва собитеро тай мекунад. Ба иборате ин тањаввул ба сурати хатте нест ва навсозињое дорад ва як навъ бозгаштњое дар он сурат мегирад ва ин бозгаштњо ба манзалаи аќибгардї ба њамон марњала ё марњалањои пештара нестанд.

**Асарбахшї**

Иборат аст аз мизони амалї гардидани њадафњо ва анљоми муваффаќиятомези иљрои вазифа. Ба таъбири дигар, таъсирбахшї иборат аст аз амалкард ва корои дилхоњ дар ташхиси манбаъњо.

**Асари ёдгириафзої**

Бењбуди амалкард дар як мањорат ба дунболи як давраи истироњат баъд аз ќатъи машќу тамрин

**Асари Зойгарник**

Вазифаи ноќис ё нокомил дар муќоиса бо вазифањои комил барои муддати тўлонитаре дар њофиза мемонанд. Ин асл, ки бори аввал дар соли 1927 мелодї тавассути Блумо Зойгарник пешнињод шуд, иборат аст: шахс вазифаи нотамоми худро бењтар ба хотир месупорад, то вазифаи такмилшудаашро. Он чї дар асли мавриди назари Зойгарник буда такмили вазифа бо эњсоси ризояти дарунии шахс будааст, на фаќат тамом кардани кори ба зимма дошта.

**Асари интизори озмоишгар**

Дигаргунии натиљањои як озмоиш тањти таъсири интизороте, ки озмоишгар *(дониста ё нодониста)* дар озмуданињо ба вуљуд меоварад, масалан, аз тариќи абзори ризоият, ваќте амале ба шакли муайян анљом меёбад ва пайдо кардани зоњири норозият ваќте кор ба гунае дигар сурат мегирад.

**Асари нокомї**

Нерўи афзудани посухњо ба дунболи набудани таќвият. Барои мисол, маълум шудааст, ки мушњо пас аз як давраи таќвият нашудан, тезтар медаванд, то пас аз таќвият шудан.

**Асари озмун**

Таъсири анљоми озмун бар аќидањо ва нигариши касоне, ки онро анљом медињанд.

**Асари таќвияти сањмї**

Ин воќеъият, ки посухе, ки танњо баъзе ваќтњо таќвият мешуда аз посухе, ки њамеша таќвият дарёфт мекардааст, дертар хомўш мешавад.

**Асари тамрин (машќ)**

Ин истилоњ ба омиле, ки лозим аст дар кори таљрибавї ба хотири таъсири таљриба, ки рабте ба мавќеъият тањти тањќиќ надорад, бодиќќат назорат шавад, гуфта мешавад. Масалан, истифодаи дубора аз як озмуни њуш дар як фард мумкин аст, ки тамрини (машќи) озмуни нахуст бо эътибор бошад.

**Асари њалої**

- тамоюл ба сўгирии дараљабандии як фард ё як гурўњ ба воситаи бархе хусусиятњои номарбут, ба ин тартиб, ки тахминњои арзёб ба таври доим болотару пойинтар меравад. Бинобар ин, гуфта мешавад, ки бархе муаллимон бар асари мутеъ будани шогирдон дучори сўгирї мешаванд ва барои мисол, ин мутеъ буданро ба њисоби *«њуши»* онњо мегузоранд ва шогирдони халалрасонро пойинтар аз њадди воќеъї ба њисоб меоваранд.
- таъсире, ки шахсият ё яке аз хислатњои шахс дар дигарон мегузорад ва чунон аз ў мутаассир мешаванд, ки ё ўро бисёр бузург медоранд ва ё зиёд њаќир мепиндоранд.
- таъсири њалої натиљаи таваљљўњ ба хусусияте аз як фард, ки рўи тасмимгирї таъсир мегузорад.
- асари њалої гароиши як мушоњидагар аст ба ин ки бар асоси сифат ё вижагињои барљаста, аммо номарбуте, ки фарди дигар нишон медињад, ўро бо сўгирии манфї ё мусбат дараљабандї кунад.

**Асари њифзи фосила**

Бењбуд дар ёдгирї, ки дар натиљаи афзоиши фосила байни такрори матолибе, ки бояд омўхта шавад, падид меояд.

**Асл бастан ё тармим**

Майл ба комил кардани таљриба, нокомї ва бештар маънодор кардани онњо.

**Асл, мабдаъ, асос**

- ба робитаи муќаррар миёни падидањо ё омилњо гуфта мешавад, масалан, робита байни равиши тадриси муайян ва пешрафти тањсилии донишомўзон.
- он чї бар он дигар чизњо бунёд меёбанд, мисли усули ахлоќї.
- равиши куллан маќбул, махсусан як равиши амалї.

**Асли воќеъият**

Асли воќеъият бештар бо воќеъияти корњо сару кор дорад. Асли воќеъият баён мекунад, ки ќонеъсозии ниёзњо ва рафтор дар љараёни таљрибаи шахсї мутамоил ба њамсоз сохтани худ бо воќеъият аст, ба ќисме, ки ќонеъсозии ниёзњои организм таъмин мегардад. Ман *(ego)* тобеъи асли воќеъият аст.

**Асли ибтолпазирї (асли ѓалатангорї)**

Аќидаи Поппер (*Popper K.)* дар асоси он аст, ки агар ќарор аст назарияе илмї бошад, бояд пешбинињоеро анљом дињад, ки агар дуруст набошад, назарияро инкор намоянд.

**Асли камтарини талош**

Ин аќида, ки як супориш њамвора ба тариќе, ки камтарин кўшиш ё корро биталабад, анљом мешавад.

**Асли ќутбият**

Ин мушоњида, ки маводи омўхташуда дар љињате, ки дар асл ёд гирифта шудаанд, бењтар ба ёд меоянд ё ба амал дармеоянд.

**Асли мутаъориф, амри бадењї**

Дар маънои умумӣ худ ба худ равшан ва пазируфтан бидуни ниёз ба исботро мерасонад, ки сароѓози истидлол ќарор мегирад, яъне як асли мутаъориф асли куллӣ аст ва гузорае аст, ки ба мањзи фањми истилоњот ва вожгуни он худ ба худ мушаххас ва ќобили ќабул хоњад буд. Гоњ ин истилоњ дар илми риёзӣ маънояш каму беш таѓйир меёбад ва аз он усули ќарордодӣ ва ѓайриќобили исбот мешавад, ки чун ќиёсњои баъдиро њосил мекунанд, асоси як истидлол ќарор мегиранд.

**Асли муљовират**

1 – дар назарияи ёдгирӣ ин маъно, ки посухи ба вуќӯъ пайваста дар њузури як муњаррик ба содагӣ аз тариќи муљовирати замонӣ - фазоии байни он ду омӯхта хоњад шуд.

2 – бори аввал Арасту изњор намуд, ки муљовират *(њамсоягӣ, пањлӯи њам ќарор доштан)* байни ду рӯйдод шарти лозим ва кофӣ барои барќарории робитаи пӯёии байни онњо аст. Ин асл дар тайи солњо бо танќиду хурдагирињое рӯ ба рӯ будааст.

**Асли Премак**

Девид Премак, равоншинос ва пажӯњишгари амрикоӣ дар натиљаи озмоишњои худ бо љонварон дарёфт, ки њар посух ё рафторе, ки дорои басомад ё фаровонии болоӣ бошад, метавонад ба унвони омили таќвиятӣ барои рафторе ба кор равад, ки дорои эњтимоли вуќӯъ ё фаровонии камтаре аст. Барои мисол, агар ба кӯдак гуфта шавад, мавќее метавонӣ телевизионро равшан кунӣ, ки машќњоятро навишта бошӣ. Дар ин љо тамошои телевизион барои кӯдак дорои фаровонии болост, ки метавонад ба унвони омили таќвиятӣ барои навиштани машќ, ки дорои басомади камтаре аст, ба кор равад. Ин аслро ќонуни *«Модари бузург»* низ номидаанд, ки љавоби вуќӯи посухи дигарро дар ихтиёри худ мегирад.

**Асли созмон**

Асли пешнињодшуда тавассути равоншиносони Гештолт, мабно бар ин ки унсурњо аљзои як *«Гештолт»* ањамияти баробар дар таъйини он чи дарк мешавад, надорад, балки куллан мунсаљим ва созмонёфта аст, ки ањамияти асосӣ дорад. Ба аќидаи Коњлер ин созмондињии иттилоъоти муњаррик чунин фарз мешавад, ки ба таври нохудогоњ сурат мегирад.

**Асли таъаллуќ**

Назари куллӣ мабно бар ин ки љузъњои мухталифи Гештолт робитаи наздике бо њам доранд ва бо вобастгаии мутаќобили *«кулл»* идрок шударо ба вуљуд меоваранд.

**Асли эљоз**

Ваќте ки пажӯњишгарон њаќќи интихоб аз байни ду назария, ки аз лињози коромадӣ яксон њастандро доранд, ночоранд, ки содатарини онњоро баргузинанд.

**Аснод**

*1 – амали нисбат додани як вижагӣ ба худ ё дигарон.*

*2 – амале, ки афрод ба кор мебаранд, то рӯйдодњо (рафторњо)-ро ба шароити зербиноии (базисии) онњо пайванд дињанд.*

**Асноди иллатӣ**

Ба аќидаи Њейдер *(F.Heider)* ин назария, ки идроки шахс дар мавриди рафтори дигарон ба таври умда тањти таъсири иллатњое аст, ки ба аќидаи ӯ рафтори онњоро ба вуљуд меоварад. Ба иборати даќиќтар, аснод ё бар асоси иллали шахсӣ дарунӣ сурат мегирад ё бар пояи амали хориљии муњит ё таркиби он ду, яъне арзёбии мо аз рафтори дигарон бар асоси ангезањое аст, ки дарк мекунем. Кори Њейдер асоси мафњуми умумитарро ба вуљуд меоварад, ки ба бо унвони *«назарияи аснод»* маъруф аст.

**Асои лазерӣ**

Асои махсуси нобиноён аст, ки бо фиристодани мављњои савтї њангоми вуљуди монеъа дар пеши фарди нобино мешавад, фарди нобино аз вуљуди монеъ дар пеши худ огоњ шавад.

**Асолати амал, амалгарої, мактаби асолати амал (прогматизм)**

Иборат аз як гироиш, як равишу фалсафае аст, ки натиљањои амалиро меъёри таъйини арзиш ва њаќиќати онњо медонад. Чарлз Пирс *(Charles Peirse)* файласуфи амрикої поягузори фалсафаи прогматизм аст.

Фалсафаи омўзишу парвариши прогматизмиро метавон дар чунин асли зер хулоса кард:

*1 – мабдаъ ва мењвари омўзишу парвариш кўдак аст.*

*2 – прогматизмњо ба фард ва демократия эътиќод доранд ва мўътаќиданд, ки фард метавонад пешрафт кунад ва истеъдоди расидан ба камолро дорад ва ин кор дар як фазо ё муњити иљтимої амал\ мегардад.*

*3 – пайравони фалсафаи прогматизм ба равиш беш аз њадаф ањамият медињанд.*

*4 – прогматизм амалро бар тафаккури интизоъї муќаддам мегирад. Прогматист аќида дорад, ки донишомўз бояд доимо дар вазъи фаъол ќарор гирад ва набояд аз ў интизор дошт, ки аќидањо ва натиљањои андешаи мардумро бипазирад.*

*5 – ёдгирї аз тариќи зиндагї асоси прогматизм аст.*

*6 – прогматизм таќсими барномаи дарсиро ба улуму маводи мухталиф мавриди интиќод ќарор медињад, зеро миёни онњо фарќи зиёде намебинад ва њама онњоро фарзияњое аз фаъолияти инсон ба хотири њалли мушкилоти муњите, ки таќсимпазир намебошад, медонад.*

*7 – фалсафаи амалгарої ба асли такомул дар барномаи дарсї мўътаќид аст ва ин асл иборат аз зиндагии донишомўз ва таљрибаи ў ба таври куллї ва махсусан фаъолияти кунунии вай аст.*

*8 – прогматизм мактабро љомеъаи хурд аз љамъияти бузург медонад.*

*9 – равиши пружа (лоиња) аз муњимтарин равишњои тадрис аст. Дар ин равиш кўдакро бо мушкилоту масоили амалї дар зиндагї муволљењ мекунанд, то шахсан дар бораи он бияндешад ва барои њалли онњо бикўшад.*

**Асолати исм**

Асолати исм як њавзаи фалсафї аст, ки маънињои куллиро ба лафз ва исм боз мегардонад. Ин мазњаб дорои ду сурат ќадим ва љадид аст. Асолати исм ба сурати ќадими он мазњаби Руслан, Вилям Окоми, Гоббс ва Киндяк аст, ки мункири вуљуди куллиёт буданд ва онњоро ба исм ё сурат *(зоњир)* ё ишора бартар мешуморад. Инњо мегуфтанд, ки агар лафзи куллиро, ки бар онњо далолат мекунад, људо кунем, дар зењн чизи дигаре барои лафз боќї намемонад ва агар чизе боќї бимонад, дигар куллї нест. Бинобар ин, андешидани њамон сухан гуфтан аст ва андешидани њамон исм аст ва истидлол ќоим бар интиќол аз кулл ба кулли дигар нест, балки ќоим бар корбурди исмњо дар љойи худи онњост. Хулоса, матлаб ин ки куллиёт на аз аќл мутањаккиќ аст ва на дар хориљ аз аќл. Асолати исм ба маънои љадид иборат аст аз ќавл ба ин ки мафњумњои куллї љуз абзори кори муфид, ки нисбат ба ниёзњои инсон мутафовит аст, чизи дигаре нест ва илм фаќат забоне аст, ки хуб вазъ шудааст. Бањси улум марбут ба зоти ашё нест, балки марбут ба исми онњост.

**Афзиши нумўи нисбати кор ба мањсул**

Яке аз равишњои барномарезии нерўи инсонї аст ва ё таваљљўњ ба мушоњидањо ва ќиёси раванди гузашта вазъияти ояндаро пешбинї менамояд. Дар ин љо манзур аз нерўи кор, нерўи инсонї аст, ки дар як шуѓли мушаххас ба кор машѓуланд ва ѓараз аз тавлид, тавлиди саноатї ва ё даромади миллї аст. Дар воќеъ, мизони корбурдии тахассусиро дар муќобили ниёз ба сармоя, яъне барои тавлиди як мањсули хос андоза мегиранд. Ба таври мисол, дар Њолланд пешбинии таќозои оянда барои

муҳандисон ба василаи қиёси регрессион хати теъдоди муҳандисон бар рӯи даромади миллӣ анҷом гирифтааст. Дар Шветсия низ бо истифода аз равиши шабеҳ, равиши мазкур бо идомаи раванди гузашта *(раванди хаттӣ)* ва санҷиш нисбати *«маҳсул ба муҳандисон»* нерӯи мутахассиси мавриди ниёз пешбинӣ шудааст. Албатта, мушкилии ин равиш ин аст, ки сирфан дар кишварҳое, ки низоми оморӣи (статистики) коромадӣ доранд, қобили озмоиш аст.

**Афкори умум**

Афкори умум иборат аз тарзи вокуниши ҷамъӣ аст, ки ҷузъи бузурге аз ҷомеъа дар баробари рӯйдодҳои иҷтимоӣ, ки аксар муҳим ҷилвагар мешаванд, нишон медиҳад.

Мавзӯъи афкори умумро бештар умури марбут бо сиёсати иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Падидоии афкори умумӣ сабаби вуҷуди ҳадди ақали иттилоъ, фарҳанги муштарак ва тамосҳои инсонӣ аст. Нерӯи афкори умумӣ аз ин ҷо маншаъ мегирад, ки намунаҳои рафтории хосе тавассути ин афкор таҳмил мешаванд ва ба сурати ҳинҷорҳои рафторӣ дармеоянд. Аз ин ҷост, ки бисёре дар садади таъсиргузорӣ бар афкори умумӣ бармеоянд. Аз бозаргонон гирифта (аз *тариқи таблиғоти тиҷоратӣ)* то аҳзоби сиёсӣ ва давлат *(бо таблиғоти сиёсӣ).*

**Афлотун**

Афлотун (427-347 қабл аз мелод) бунёдгузори аслӣ ва падари фалсафаи Ғарб буд ва яке аз бузургтарин файласуфони Юнони бостон аст. Афлотун дар бистсолагӣ бо Суқрот ошно шуд ва то замони марги ӯ шогирдаш буд *(ба муддати ҳашт сол).* Таъсири ин давра дар вай чунон буд, ки он чӣ дар зиндагонии ҳаштодсолаи худ андешид ва навишт ва равиши Суқрот ва ба шакли гуфтугӯи суқротӣ буд. Усули илмии фалсафаи афлотуниро, ки дар асоси назарияи тарбиятии ӯст, илова бар асли вуҷуди Худованд, асли иртиботи нафс бо мусул (рӯҳ бо ҷон) ва асли бақои нафс баъд аз марг метавон ба ин шарҳ хулоса кард:

*1 – таъмини саъодати инсон мусталзами ҳифзи ҷомеъа ва таъмини адолат дар он аст.*

*2 – миёни сохтори ҷомеъа ва вуҷуди нафсонии фард ҳамоҳангӣ барқарор аст барои мисол ҳамон гуна, ки ҷомеъа ба се табақа (пешоварон, сипоҳиён, зимомдорон) тақсим мешавад, нерӯи нафсонии фард низ шомили се қувва: шаҳвия, ғазабия ва оқила аст.*

*3 – муҳимтарин кори ҷомеъа шинохтани мустаъидтарин афрод ва тарбияти онҳо барои зимомдорӣ аст.*

*4 – таълиму тарбият бояд ба василаи давлат (ҷомеъа) анҷом гирад.*

Афлотун нақши бозиро на танҳо дар рушду парвариши кӯдакон ва низ таҳаввули маниши онҳо ба хубӣ мешиносад, балки онро ҳамчунин заминае медонад барои шинохтани тавоноиҳои онон. Ӯ нахустин файласуфе аст, ки ба рози таъсири шеъру мусиқӣ ва ба таври куллӣ ҳунарҳои зебо дар парвариши маниши одамӣ пай бурдааст.

Омӯзишу парвариши афлотунӣ ранги табақотӣ ба худ мегирад, на ин маъно, ки ӯ тарбиятро дар ваҳлаи аввал махсуси афроде медонад, ки дорои истеъдоди ба истилоҳ *«тиллоӣ»* аст. Тарбият ба назари Афлотун *«кашфи истеъдодҳои табиъӣ ва ба истилоҳ шукуфо сохтани онҳост»*. Ба назари ӯ таълиму ёдгирӣ навъе розомӯзӣ **(initiation)** ва бинобар ин, вижаи хос аст ва робита байни устоду шогирд дар ҳақиқат робитаи пиру мурид ва ҳатто ошиқу маъшуқ аст.

Мушкилиҳое, ки ба дидгоҳи афлотунӣ нисбат ба таълиму тарбият ворид аст, нахуст ин ки вай саъй ва кӯшиш накардааст, ки таърифи ҷомеъ аз ин падидаро ба даст диҳад. Сониян, таҳти таъсири авзоъ ва аҳволи фарҳанги замони худ ба навъе ба тарбияти табақотӣ қоил аст, ба ин маъно, ки ҳадафи аслии тарбиятро танҳо вуруд

дар фаъолиятњои сиёсии љомеъа ва муассир будан дар он медонад ва тарбиятро махсуси табаќаи мумтози љомеъа мешуморад.

**Афлотунї**

Марбут ба назариёти фалсафии Афлотун ин истилоњ ба сурати сифат маъмулан, њамроњ бо истилоњоти дигаре ба кор меравад, монанди ишќи афлотунї **(platonic love),** озмуни афлотунї **(platonic ideac).**

**Афсурдагии пинњон**

Ба афсурдагие ишора дорад, ки ба хотири омилњо ва мушкилоти дигар пўшида ва пинњон аст. Зоњири шахс чунон менамояд, ки норoњату афсурда нест, чунин афсурдагї бо шикояти љисмї њамроњ мебошад.

**Афсурдагї**

Њолати отифие аст, ки бо эњсоси ноумедї, бекифоятї, гунoњ, тарс ва беарзишї њамроњ аст. Хусусиятњои аслии њолати афсурдагї коњиши амиќи майл ба фаъолиятњои лаззатбахшии рўзмарра, мисли муъоширaт, истироњат, варзиш, ѓизо ва робитаи љинсї аст. Дар шакли хафагї ва афсурдагї мумкин аст фаќат аз аломатњои асосї вуљуд дошта бошад. Эњсоси дармондагї, майл ба худмаломатгарї, изтироб ва нотавонии фикрї аз аломатњои афсурдагї њастанд.

## НАВИДҲОИ ИЛМИЮ ФАРҲАНГӢ

## НАУЧНЫЕ И КУЛЬТУРНЫЕ ИЗЫСКАНИЯ

### Нишастҳои илмӣ

### ГУЗОРИШ

*аз натиҷаи конфронси байналмилалии* ***«Китоб ва нақши он дар густариши равобити фарҳанги кишварҳои ҷаҳон»****, Душанбе, 25.05. 12 (Толори Вазорати фарҳанг)*

Конфронси мазкур дар доираи ***Намоишгоҳи дуюми байналмилалии китоби Душанбе*** рӯзи 25.05.12 дар толори Вазорати фарҳанг бо иштироки донишмандон, муҳаққиқон ва китобдорону масъулини китобу китобхонаҳо ва ноширони маҳаллию хориҷӣ баргузор гардид. Ҳадаф аз баргузории конфронс баррасии мавқеъ ва ҷойгоҳи китоб дар густариши равобити фарҳангии кишварҳои ҷаҳон буд.

Конфронсро муовини раиси Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ Шарифҷон Комилзода ифтитоҳ намуда, мавқеъ ва ҷойгоҳи ин чораҷӯиро дар рушд ва пешрафти масъалаи китоб ва ташвиқу тарғиби он баррасӣ намуда ишора кард, ки солҳои охир дар ин масъала таваҷҷӯҳи бештар мушоҳида мегардад ва бо дастгирию ҳидояти пайгиронаи Президенти кишвар масъалаи китобу китодорӣ ва тарғибу дастрасии китоб барои мардум беҳтар гардидааст. Таъсиси Китобхонаи миллӣ худ ифшогари ин гуфтаҳост. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, солҳои охир равобити китобу китобдорӣ дар кишвар густариш пайдо кардааст, ки дар ин ҷаласа масъалаи мазкур мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Дар суханронии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафар Сулаймонӣ ишора гардид, ки бо таваҷҷӯҳ ба ин ки қадамҳои устувор дар мутолиаи китоб роҳандозӣ гардидааст, аммо осебҳо ва мушкилоти бештари ин амр мулоҳиза мегардад. Ишора гардид, ки яке аз вижагиҳои мутолиоти имрӯз мунтазам дигаргуншавӣ ва тағйири бошиддат мебошад. Бо таваҷӯҳ ба чунин идея илми **мутолиотшиносиро** наметавон аз он истисно донист, ки дар кишвари мо хеле ақибмонда ба назар мерасад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин яке аз масъалаҳое, ки мушкилоту зарарҳои пажӯҳишҳои мутолиотшиносиро дар сатҳи илмӣ матраҳ менамояд, **осебшиносии мутолиоти китоб** мебошад. Осебшиносии **мутолиоти китоб** ба баррасии офот ва осебҳое мепардозад, ки унсурҳои шаклдиҳанда ва созандаи илми мутолиотшиносиро таҳти таъсири худ қарор медиҳад ва бунёду воқеияти илмиро барғалат баррасӣ менамояд.

Афзуда гардид, ки осебњо кадомњоянд? Муњаќќиќ њар яке аз онњоро баррасї намуда, посухњои илмї дод.

Дар гузориши доктори илмњои филология, профессор Мирзо Муллоањмад масъалаи «Наќши китоб дар равобити фарњангии Тољикистон ва Ирон» матрањ гардид. Афзуда гардид, ки ин масъала решањои тўлонї дар тарихи равобити ин ду кишвар дорад. Омўхтан ва баррасии таљрибаи Ирон дар иртибот бо китобу китобхонањо хеле муњим мебошад. Бо таваљљўњ ба ин густариши равобити китобу китобдории ин ду кишвар муњим арзёбї шуд.

Муовини раси Китобхонаи миллї Шариф Комилзода дар мавзўи «Наќш ва маќоми Китобхонаи миллии Тољикистон» суханронї намуда, дастовардњо ва фаровардањо ва чашмандозњои ин китобхонаи тозатаъсисро баррасї намуда, ишора кард, ки таъсиси Китобхонаи миллї худ як падидаи тоза ва муассир дар фарњанги тозаистиќлоли кишвар мебошад. Умедворї кард, ки ин китобхона дар густариши равобити фарњангии кишварњои љањон љойгоњ ва манзалати худро пайдо хоњад кард. Низомњои навини хадамоти китобдорї ва иттилоърасонї имкон медињад, ки маводи иттилоотї ва мутолиотї барои боло бурдани сатњи фарњангию илмии мардум кўмак хоњад кард. Афзуда гардид, ки тарбияти кадрњои варзидаи китобдорї яке аз дигар масъалањои мубрами рўз мебошад, ки мо бояд ба он бештар таваљљўњ намоем.

Дар гузориши номзади илмњои педагогї, дотсент Сафар Шосаидов дар мавзўи «Фарњанги мутолиаи китоб ва арзишњои маънавии он» ќайд гардид, ки воќеан китоб фарњанг меоварад ва истифода аз нерўњи маънавии китоб дар боло бурдани сатњи маънавии љомеа муњим мебошад. Дар ин иртибот муассисањои фарњангии кишвар корњои зиёдро ба анљом мерасонанд. Афзун гардид, ки фарњанги мутолиаи китоб дар байни наврасон ва нављавонон бояд бењтару бештар роњандозї гардад ва бо ин иќдом тавонем мавќеъ ва љойгоњи китобу китобхониро густариш дињем. Муњаќќиќ чанде аз мушкилоти онро ба мисли китоб нахондан, таваљљўњ ба китобхої ва майл ба он надоштани як зумра ќишри љомеаро баррасї намуда, роњњои наљоти онро баршуморид.

Мењмони конфронс аз Ирон, љаноби оѓои Сайид Абутуроби Сиёњпўш дар мавзўи «Байтулњикма» ва наќши он дар равобити фарњангии Шарќу Ѓарб» ишора намуда, афзуд, ки Байтулњикмањо дар густариши равобити фарњангии кишварњо наќши созанда ва барозанда доштанд. Ин китобхонањо дар таълифу тањияи китобу коѓаз наќши муњим доштанл. Ишора гардид, ки дар ин иртибот мавќеъ ва љойгоњи фарњанги исломї муњим будааст ва мањз фарњанги исломї ба густариши китобу китобдорї наќши созанда гузоштааст.

Суханрони дигар, номзади илмњои педагогї, Љамолиддини Саидзода дар мавзўи «Мутолиоти китоб дар суннатњои фаранги мардум» ишора бар он дошт, ки воќеан китобу китобдорї ва мутолиаи китоб дар фарњанги мардуми мо љойгоњи вижаеро доро мебошад ва китобдўстиву, китобшиносї дар илмњои гуногуни сарзамини мо решадор будааст. Шоиру нависандагон дар васфи китобу китобхонї рисола ва китобу маќолоти зиёдро бар љой гузоштаанд, ки имрўз роњнамоест барои густариши китобхонї.

Номзади илмњои педагогї, Сайфиддин Камолзода дар мавзўи «Мавќеъ ва љойгоњи китоб дар пешрафти тањсилии мактаббачагон» суханронї намуда, ишора намуд, ки љойгоњи китобу китобхона ва мутолиаи китоб барои мактаббачагон муњимтарин рукни фаъолиятњи китобдории мо бояд бошад. Мутаассифона, имрўз китобу китобхонањо аз назари ихтисосию фаннї мушкилињо доранд. Пеш аз њама мутахассисони варзидаи ин соњаро надорем, ки битавонанд аз назари касбї хадамоти китобдорию иттилоърасониро роњандозї намоянд Тањќиќи љомеашиносии китоб яке аз дигар масъалањои доѓи рўз дар арсаи фанни китобдорї мебошанд.

Дар охири конфронс бањсу баррасии мавзўъ сурат гирифт ва бо саволу љавоби муфиду созанда љамъбандї ва натиљагирї гардид.

**Х Х Х**

Мизи гирд **«Рањёфти ибтикоротї (инноватсионї) дар тањќиќи проблемањои педагогикаи муосир»** бо иштироки донишмандон, устодон ва муњаќќиќон. 28 май, соати 10. 00. *Макон: толори Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ*

Бо ташаббуси Академияи тањсилоти Тољикистон ва Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ мизи гирд баргузор гардид.

**Мизи гирд ба масъалањои зерин бахшида шуд:**

**1. Ибтидои ибтикороти педагогї**

*Заминањои ташаккул, пайдоиш ва рушди ибтикороти педагогї дар соњаи маориф. Њадаф ва вазифањои ибтикороти педагогї; мафњумњо ва масоили назарии ибтикороти педагогї; навъи ибтикороти педагогї; механизми амалисозии ибтикороти педагогї.*

**2. Ибтикороти раванди тањсилот**

*Ањамият ва сохтори равандњои ибтикоротї; ибтикороти фаъолиятњои тањсилї; лоињасозї ва амалисозии навгонињои педагогї; омилњое, ки љараёни навгониро боз медорад.*

**3. Навсозї ва озмоиш дар тањсилот**

*Баррасии илмии ибтикорот дар навгонињои соњаи маориф. Лоињасозии навини соњаи маориф. Ибтикороти педагогї дар доираи мактабњои илмї.*

**4. Фаъолиятњои ибтикоротї дар мактаб**

*Навгонињо дар сатњи идеяњои таълим (дидактика). Навгонињо дар раванди таълим. Навгонињо дар курсњои таълимї. Навгонињо дар мактаби суннатї. Навгонињо дар макотиби ибтикоротї. Навгонињо дар фаъолиятњои муаллимон.*

Дар гузоришњо ишора гардид, ки воќеияти педагогикаи ибтикоротї - ин раванди рушди низоми омўзишї тавассути сохтан, пањн ва азхуднамоии <u>*навгонињо*</u> мебошад. Бо ишораи муњаќќиќон педагогикаи ибтикоротї илми тоза мебошад ва дар мо танњо солњои 80 шурўъ ба чунин иќдом карданд ва љунбиши муаллимони навгиро шурўъ гардид. Аммо, ба назари академик Ф. Шарифзода чунин ибтикорот њанўз солњои 50-и ќарни гузашта шурўъ гашта буд.

Педагогикаи ибтикоротї равандњои рушди амал ва коркарди тањсилот аз њисоби ворид намудани <u>*компоненти*</u> наву тоза, ки ќаблан мушоњида намешуд ва ворид намудани њамон компонентњои љадид барои љойгузини онњо омили асосї мегардад.

Дар гузоришњо доир ба масъалаи *методологияи педагогикаи ибтикоротї*, њадафи методологї, равияњои педагогикаи ибтикоротї, коркарди модел ва ё улгўи фаъолиятњои ибтикоротї; мафњуми аслии педагогикаи ибтикоротї, вижагињои даврї доштани равандњои ибтикоротї ва даврањои аслии он, равандњои ибтикоротї: компонентњо мавриди баррасї ќарор гирифтанд.

Ишора гардид, ки навгонињо - дигаргунињои њадафманде, ки ба муњит унсурњои наву тоза ва ќавиро ворид менамояд ва аз ин низом дар натиља аз як вазъ ба дигар интиќол меёбад. Навгонињо ба унвони раванди амалисозии навгонињо шинохта шудааст. Педагогикаи ибтикорої - навъи таљрибаи пешќадам, ки ба навгонињо мутаассир мебошад. Афзуда гардид, ки *дар маљмўъ: муњимтарин осебњои педагогикаи ибтикоротї дар чист?*

Дар заминаи муассисоти пажўњишї ва њамкорињои илмї чї гуна осебњо мављуданд? Бањрагирї ва бакоргирии фаровардањои илмї чї гуна осебњо дорад? Осебњои њимоят аз пажўњишњои педагогикаи ибтикоротї дар кишвар чї гуна аст? Имконниятњо ва муњити пажўњишї дар кишвар чї гуна осебњо дорад? Дар маљмўъ, муњимтарни осебњои китобњо ва манобеи омўзишии фанњои педагогикаи ибтикоротї дар чист?

Дар љараёни сўњбатњои академикон Шарифзода Ф., Лутфуллоев М. ва профессорон Неъматов С., Зубайдов У., Мањидова Б., Сулаймонї С. ишора гардид, ки

масъалаҳои таҳқиқоти ибтикоротӣ қабл аз ҳама бояд дар доираи роҳҳои инкишофи тафаккури мустақилона: халлоқ, амалӣ ва эҷодӣ сурат гирад. Бавижа, барои синфҳои ибтидоӣ, ки зеҳни биноӣ ва романтикии омӯзиш нисбат ба тафаккури мантиқӣ қавитар аст, таҳқиқ гардад. Дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ нақши бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули тафаккури мантиқӣ таҳқиқ гардад. Дар заминаи он дарсҳои ғайримуқаррарӣ, ки дар онҳо кӯдакон хеле фаъоланд, метод ва ё тарзҳои таълим мавриди истифода қарор гиранд, ки ин асрор низ пажӯҳиши вижаеро ниёз дорад. Таълими ҳамгиро рӯйдоди навини педагогикаи миллӣ, ки дар заминаи он қонуни мавҷвор болоравандаи мазмуни таълим нигошта шудааст ва ин масъала то ба охир дар рукнҳои гуногуни таълим пажӯҳиши комил нашудааст. Агар дар заминаи таълим мотиватсияи омӯзиш мавқеи устувор пайдо намоянд, самараи омӯзишро меафзояд ва салоҳияти амалии кӯдаконро таъмин менамояд ва маҳз ин салоҳият сифати таълим маҳсуб мешавад. Яъне кӯдакон донишро мавриди истифода қарор медиҳанд ва ин муносибати созандагароӣ дар таълим аст. Ин асрори педагогӣ низ муҳаққиқони худро интизор аст. Масъалаи хеле муҳим дар педагогикаи ибтикорот ҳамкории талаба ва муаллим аст, ки дар созандагароӣ нигаронида шудааст. Дар навбати худ заминаи гуманизм ва демократия аст дар раванди таълим, ки ҳанӯз таҳқиқи муфассал нагардидааст ва ин масъала бо таҳаммулпазирӣ дар тарбия, ҳамгиро аст, ки таҳқиқи худро мунтазир аст. Талаби замон таълми кредитиро ба миён мегузорад, ки дар заминаи мустақилияти комили толибилмон, мативатсия ва ҳавасмандии фарҳанги илмӣ ва маънавиёт бояд сурат гирад. Таълими маҷозӣ муносибати тозаест дар илми муосири дунё, ки дар таълими кредитӣ робитаи ногусастани дорад ва ин равобит таҳқиқи махсус мехоҳад, ки дар натиҷа шояд ибтикороти тозаи педагогӣ рӯи кор ояд. Бо масоили мутазаккира, ки ҳамагонӣ ҳастанд, муносибати ибтикоротиро дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва маводи дидактикиро тақозо мекунад. Дар ин замина, фарзияе ба миён меояд, ки маҳз китобҳои дар асоси инноватсионӣ ба вуҷуд омада ва таълифшуда метавонад шахсиятҳои босалоҳият ва рақобатпазир, ки дар муҳити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва сиёсӣ ба воя расонад. Мураккаботи таҳкиқи ин масъала низ муҳаққиқони варзидаро интизор аст.

Ин нуктаҳо мавриди баррасӣ, таваҷҷӯҳ ва баҳрабардорӣ қарор гирифтанд, ки дар баҳси он донишмандон Лутфуллоев М., Шарифзода Ф., Зубайдов У., Қодиров Қ. Б., Маҷидова Б., Сулаймонӣ С., Неъматов С., Исрофилниё Ш., Давлатшоев И., оғои Муҳаммад Мардоншоҳӣ, хонум Фотима Қосимзода ва чанде аз дигарон андешаҳои муфиди хешро баён намуданд. Дар кори мизи гирд донишмандон ва муҳаққиқон аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи С. Улуғзода, Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисоси муаллимон ширкати фаъол намуданд.

Дар ҷараёни баргузории мизи гирд, ҳамчунин масъалаҳои зерин таъкид шуд:

1. қабл аз қабули консепсия ва технология воридкунӣ (инноватсия) баргузории кадом чорабиниҳо ҳатмист?
2. мушаххас кардани сатҳи воридкунии педагогикаи ибтикоротӣ.
3. барои татбиқи самарабахшии педагогикаи ибтикоротиӣ кадом шароитҳо фароҳам гардиданд?

Конфронси илмию амалӣ дар мавзӯи «Наврӯзпажӯҳӣ ва проблемаҳои таҳқиқи фарҳангшиносии муосир» 27 майи соли равон дар Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот баргузор гардид. Профессор С. Сулаймонӣ дар мавзӯи «Пажӯҳиши Наврӯз ва ҷанбаҳои мухталифи он дар фарҳангшиносии муосир» суханронӣ намуда, масъалаҳои илмии онро чунин матраҳ намуд:

1. Таҳқиқ дар иртибот бо фарҳанги Наврӯз дар самтҳои хонаводагӣ, маҳаллӣ, минтақаӣ, миллӣ ва байналмилалӣ сурат гирад. Дар дохили чунин сохтор раҳёфти

фарњангњои људогона (фарњанги як ќавм, як мањалл, як авлод) синну сол касбу кор ва чанде дигар вожагињо ба назар гирифта шавад.

2. Символикаи (сумбули) Наврўз такмил дода шуда, љавобгўи арзишњои байналмилалиро тавонад бозгў намояд.

3. Бояд рўи Наврўзгоњи љањонї андеша ронем.

4. Аноњито -Худои борварї ва ободониву бањору Наврўз саршор аз **обу** гиёњ аст. Агар хуб мешуд, муљассамаи Аноњиторо ба унвони сумбули **Наврўзи башар** дар љое мегузоштанд.

5. Хубу мешуд, ки як барномаи фароѓатии вижаи наврўзї барои мактаббачагон дар сатњи миллї ва байналмилалї тањия карда шавад.

## Г У З О Р И Ш И

### мизи гирд дар мавзўи «Мулло Мирзоадњам ибни Мирзо Абдулќодир Њољии Исфарагї - донишманд ва маърифатшинос»

### Исфара, 31.07.12 Толори Осорхонаи «Зумрад» ба номи Мирзо Олимов

Нишасти илмї бо ташаббуси Академияи тањсилоти Тољикистон, Бунёди ироншиносии тољик ва маќомоти иљроияи њокимияти давлатии шањри Исфара бо ширкати беш аз 100 нафар муњаќќиќону донишмандон ва масъулини маорифу фарњанги шањру ноњияи Исфара баргузор гардид.

*Дар мизи гирд масъалањои зерин мавриди баррасї ќарор гирифт:*

- зиндагї ва осори Мулло Мирзоадњам ибни Мирзоабдулќодир Њољии Исфарагї;
- маърифатшиносї аз манзари донишманди шањир Мулло Мирзоадњам ибни Мирзоабдулќодир Њољии Исфарагї;
- љойгоњ ва мавќеи китоби «Чињил њадис»-и Мулло Мирзоадњам ибни Мирзоабдулќодир Њољии Исфарагї ва арзишњои маънавии он;
- тањлил ва баррасии мўњтавои «Чињил њадис»;
- тарзу нањви хондани «Чињил њадис»;
- Имоми Аъзам дар «Чињил њадис»;
- њадисњои Паёмбар (с) дар «Чињил њадис»;
- тахриљи «Чињил њадис»;

- масъалаҳои тарбияти ахлоқӣ дар «Чиҳил ҳадис»;
  «Чиҳил ҳадис»- ба унвони китоби сабақомӯзӣ;
- ҳикоятҳои «Чиҳил ҳадис»;
- «Чиҳил ҳадис» аз манзари педагогикаи муосир ва аҳамияти фарҳангию маърифатии он.

Дар сухани ифтитоҳии муовини раиси шаҳри Исфара **Олияхон Ғаниева** ишора гардид, ки воқеан бузургдошти ҳар яке чеҳраҳои илмию фарҳангӣ бузургдошт ва эҳтироми миллат ба фарзандони онҳо мебошад ва ба вижа, муаррифӣ ва бозшинохти мероси онҳо барои имрӯзу фардо яке аз вазифаҳои муқаддас ва волои инсонӣ аст. Бидуни шак, мо авлодони ҳамон ниёконем, ки фарҳангу мероси миллии хешро азизу гиромӣ дошта, онро чун гаҳвараки чашм ҳифз менамоем. Маҳз бо ташаббуси ғамхорона ва пайгиронаи Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарҳанги ғании мо бозшинохта гардид, ки он барои худшиносии миллӣ ва тарбияти ҷавонон мавқеъ ва ҷойгоҳи вижаеро доро мебошад. Дар радифи орифон ва донишмандони ватани азизи мо ҷойгоҳи яке аз фазандони ин минтақа Мулло Мирзоадҳам ибни Мирзо Абдулқодир Ҳоҷии Исфарагӣ шинохташуда мебошад.

Дар гузориши аввал зери унвони «Зиндагӣ ва осори Мулло Мирзоадҳам ибни Мирзо Абдулқодир Ҳоҷии Исфарагӣ» директори кулли осорхонаҳои шаҳри Исфара Абдуманнон Раупов ишора дошт, ки Мулло Мирзоадҳам ибни Мирзо Абдулқодир Ҳоҷии Исфарагӣ шоир ва маърифатшиноси шинохта буда, соли 1846 дар шаҳри Бухоро дар оилаи шоири маъруфи ғазалсаро Мулло Мирқосими Аълам ба дунё омада, соли 1934 дар деҳаи Чорқишлоқи ноҳияи Исфара вафот кардааст.

Аз олими донишманд ба мо мероси пурарзише бо унвони «Нусхаи ҷадидаи мавсуф ба 40 ҳадис», ки соли 1329 ҳиҷрӣ, 1908 милодӣ дар мадрасаи Ҳоҷиёни Исфара бо эҳтимоми Мулло Мирзоадҳам бинни Мирзо Абдулқодир Ҳоҷии Исфарагӣ китобат шудааст, мерос мондааст. Инчунин, дастхатҳои ӯ оид ба сафарҳояш ҳангоми тавофи хонаи каъба ба як қатор мамлакатҳои шарқ: Ирон, Афғонистон, Ҳиндустон ёдгор мондааст. Аз донишманд ба мо дастуре оид ба пайрави Нақшбандия буданаш, дастур ба унвони Халифа Абдулқодири Афандӣ ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ӯ дар бораи ҳаҷҷи бадали шахс боқи мондааст.

Ҳоҷӣ Абдулқодир оид ба асари худ «Нусхаи ҷадидаи мавсуф ба 40 ҳадис» дар хотимаи китоб чунин маълумот медиҳад: «Тамом шуд ин китоб, «40 ҳадис» дар рӯзи якшанбе 12 шарҳи сафар дар таърихи 1303 валлоҳу аълам биссавоб». Инчунин, дар масъалаи китобат шудани асар Мулло Фахриддин бинни Мулло Шукур (яъне бародари яке аз бузургони Исфара Саъди Шукур кӯмаки худро расонидааст).

Шоир асари хешро дар пайравӣ ба 40 ҳадиси Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ эҷод намудааст. Ӯ ҳадисҳои пайғамбар Муҳаммад (с)-ро ба асос гирифта, байтҳои дилчасп эҷод намудааст.

Ҳоҷӣ Абдулқодир дар ҳаёт қаноатпешагиро, яъне, қаноат намуданро гарави асосии хушии зиндагӣ ҳисобида, оммаро ба сӯйи он даъват намудааст.

Инчунин шоир меҳмондӯстӣ ва меҳмоннавозиро яке аз хислатҳои беҳтарини инсонӣ ҳисобидааст.

Шоир Ҳоҷӣ Абдулқодир ҳангоми тавофи хонаи Каъба аз як қатор давлатҳо дидан намуда, таасуроти худро бо як зарофати баланд дар «Сафарнома»-и худ чой додаст.

Ба ишораи муҳаққиқ ашъори Ҳоҷӣ Абдулқодир хусусияти ба худ хос дошта, хонандаро бештар ба сӯйи худшиносӣ, пайравӣ намудан ба амалҳои нек, меҳмоннавозию меҳмондӯстӣ даъват менамояд.

Дар гузориши академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, устод Маҳмадулло Лутфуллоев **«Маърифатшиносӣ аз манзари донишманди шаҳир Мулло Мирзоадҳам ибни Мирзо Абдулқодир Ҳоҷии Исфарагӣ»** ишора гардид, ки инсон бояд ба гунае тарбият ёбад, то худогоҳ шавад ё намунаи ҳамон инсони комил бошад, яъне, инсоне, ки дар ҳама майдонҳои инсоният қаҳрамон аст. Он чӣ ба назар мерасад, дар афкори Мирзо Адҳам ибни Мирзо Абдулқодир Ҳоҷии Исфарагӣ омӯзиш бояд ба гунае бошад, ки қудрати

тафаккур, халоќиятро дар зењни омўзишёбанда парвариш дињад ва рисолати омўзишу парвариш аз диди вай он чизе нест, ки пайравони макотибњои педагогї чун прагматизм дунбол мекарданд. Аз дидгоњи вай рисолати омўзишу парвариш, тарбият ё таълими инсон ба гунае аст, ки ўро ба сайру сулуки худо рањнамун созад.

Бо ишораи устод Лутфуллоев М. бањси таълиму тарбият лозимаи асри љадид аст. Бидуни таълиму тарбият ва бидуни њар гуна низоми омўзишї зиндагї дар љањони имрўза ѓайриимкон ва амри мањол хоњад буд. Ба иборате дигар, рўйи асли таълиму тарбият асосан бањс вуљуд надорад. Бањси куниш ва вокунишњо дар хусуси чї ва чигунагии он мебошад: яъне, ин чї ва чигунагињост, ки мавриди таваљљўњи њама макотиб ва наќли фикрию тарбиятї аст.

Тамоми саъю талоши Мирзо Абдулќодир Њољии Исфарагї дар бањси таълиму тарбият доир бар нањви чигунагии таълиму тарбият аст, ки тамоми мубоњисоти ин пажўњиш саъй дар равшан сохтани ин муњим буд.

Мењвари дигар дар ин фасл **Мунољот** мебошад:

*Каримо, Ќодиро, Парвардгоро,*
*Ту кардї аз адам мављуд моро.*
*Бидењ сар аввалан бар саљда лоиќ*
*Шавад рафъ аз вай ин чандин алоиќ.*

Ба назари устод М.Лутфуллоев њикоятњои китоби мазкур низ хеле љолиб ва омўзанда мебошанд:

*Чу Сайид гуфташ, эй пайки дилафрўз,*
*Чаро дер омадї пешам ту имрўз.*

***Дар Њикояти дигар***

*Азизе гўшае кард ихтиёре,*
*Вале бар хотираш омад ѓуборе.*
*Чаро ман аз иморат дур рафтам,*
*Савоби сад шањид мегирифтам.*

Дар гузориши доктори илмњои педагогї, профессор Сафар Сулаймонї зери унвони «**Љойгоњ ва мавќеи китоби «Чињил Хадис»-и Мулло Мирзоадњам ибни Мирзо Абдулќодир Њољии Исфарагї ва арзишњои маънавии ои»** таъкид гардид, ки дар ин пажўњиш нахуст саъй шудааст, ки то њадди имкон бањси чигунагии таълиму тарбият аз дидгоњи Мирзо Абдулќодир Њољии Исфарагї равшан шавад. Ин гуна таълиму тарбият аз манзари фиќњи луѓат ба чї маъност? Аз манзари ислом, таълиму тарбият чигуна таъриф мешавад? Чї бардошт ё бардоштњое аз он вуљуд дорад? Саъй шудааст то фарќи илми таълиму тарбият ва фалсафаи таълиму тарбият ва њамин тавр фалсафаи таълиму тарбияти исломї ба таври васеъ дар аз афкори Мирзо Абдулќодир Њољии Исфарагї тањќиќ шавад.

Бо ишораи профессор Сафар Сулаймонї дар пажўњиши њозир муњим пардохтан ба сохторњои таълиму тарбият аст. Яъне, ба ањдофи таълиму тарбият, аз љумла ањдофи таълиму тарбияти макотибе чун макотиби идеалистї ва реалистї ва мактаби ислом ва раъйи Мирзо Абдулќодир Њољии Исфарагї даст бояд зад. Дар китоби «Чињил њадис» саъй шуда муќаддимоте ба сипоси Худованд ва Халлоќи олам ба нањви равшан матрањ шуда ва дар ин росто ба фалсафаи ***саволу љавоб*** ишора шудааст. Аз дидгоњи устод худ дунё **савлу љавоб** аст:

*Кї аз хуне бурун меоварад мушк?*
*Ки ў бўи хуше аз нофаи хушк.*

*Кї аз шўре барорад уди анбар?*
*Ки ў созад димоѓ аз вай муаттар.*
*Кї орад нокае аз санг берун?*
*Кї ў шире бурун меорад аз хун.*
*Кї аз санге барорад чашмаи об?*
*Кї аз чашма барорад дурри ноёб?*
*Кї аз дарё барорад гард њам хок?*
*Кї аз хоке барорад сурате пок?*
*Кї аз майит њай мебарорад?*
*Ки ў аз акс аз вай мебарорад.*

Аз назари Сулаймонї С. яке аз вижагињои китоби мазкур дар он аст, ки њадисњои Расули акрам (с) ба мантиќи матн оварда шудааст ва онњо аз **арабї ба тољикї тарљума шудаанд**. Ва мо кўшиш ба харљ додем, ки ин ањодисро мавриди тањлилу баррасї ќарор бидињем. Ба унвони намуна:

***Ман замоне паёмбариям тасдиќ шуда буд, ки љасади Одам (а) байни обу гил буд.***

*(Њанўз Одам миёни обу гил буд, Мућаммад дар миёни љону дил буд).*

Аз дидгоњи профессор Сулаймонї С. дар ин китоб чањор рўйкарди мућим дар њавзаи фикри исломї, яъне: 1) рўйкарди сўфиёна; 2) рўйкарди фалсафї; 3) рўйкарди иљтимої; 4) рўйкарди мубтано бар китоб ва суннат ба таври муфассал пардохта шудааст.

Мућаќќиќ дар гузориши хеш омили таълиму тарбият аз дидгоњи муаллифро равшан сохта, аз љумла, ба авомиле чун: ирода, ниёишу парастиш, муроќибаву мусоњиба, мућаббат, њисси њаќиќатљўйї, тафаккур, мућаббати авлиё ва издивољ ва ѓайра ишора шудааст. Ба таври хулоса, дар китоб масъалањои ахдоќї аз дидгоњи муаллиф ба ин усул ишора шудааст:

1) фитрат ва асли њамоњангии вижагињои он;
2) асли эътидол;
3) асли љамъият;
4) асли њидоятхоњї;
5) асли њикматљўї;
6) асли инсониятдўстї;
7) асли пайванди тарбият бо маънавият;

Дар суханронии як аз наберањои Мулло Мирзоадњам ибни Мирзо Абдулќодир Њољии Исфарагї њикоњо ва ќиссањои љолиб шуд. Лозим аст, ки онњо гирдоварї шаванд ва барои ояадагон ба ёдгор бимонанд.

Дар интињои нишасти илмї шоирон ва донишмандон ибрози назар намуданд ва аз раёсати Академии тањсилоти Тољикистон, бунёди ироншиносони тољик ва маќомоти иљроияи њокимияти давлатии шањри Исфара изњори минатдорї баён намуданд. Дар љараёни нишасти илмї китоби «**Чињил њадис** / Бо эњтимоми Мулло Мирзо Адњам ибни Мирзо Абдулќодир Њољии Исфарагї / Тањия ва тањќиќи Сафар Сулаймонї; Бунёди ироншиносии тољик. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 246 с.» аз љониби китобдорони китобхонаи марказонидашудаи шањру нохияи Исфара барои њозирон эњдо гардид.

***Дар охир чунин пешнињодњо гардид:***

1. Таъсиси **Маркази мероси хаттї ва осори бостонии Исфара**.
2. Рољандозии чопи китобњои хаттии ин минтаќа.
3. Инвентаризатсияи китобњои хаттии ин минтаќа.
4. Ворид намудани матолиби зарурї ба бонкњои иттилоотї
5. Таъсиси сайти вижа дар ин иртибот

6. Роњандозии њамкории тарафайн дар ќаламрави китобњои хаттї.
7. Мушаххас намудани мигратсияи китобњои хаттии ин минтаќа
8. Роњандозии арзишњои маърифатии ин китоб дар шањру ноњияњо..
9. Чопи сислсилаи китобњо бо номи «**Бузургони Исфара**».
10. Таъсиси лавњаи ёдгорї дар сањнаи масљиди дењаи Чањорќишлоќи ноњияи Исфара.

Дар нишасти илмї беш аз 100 нафар дошмнандону муњаќќиќон, пажўњишгарон, масъулини фарњангу маориф ва маќомоти њокимияти мањаллї, китобдорон, муаллимон ва набераву аберагони донишманд ширкат намуданд.

**ДИФОИ РИСОЛАЊО:**

1. Ходими калони илмии Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ Мунаввара Назарова дар Шўрои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тољикистон дар мавзўи «**Лотинисозии алифбо ва таъсири он ба омўзишу парвариш дар Тољикистон (1929-1941**)» дар таърихи 25 феврал рисола дифоъ намуд *(роњбари илмї профессор Сулаймонї С.)*
2. Ходими калони илмии Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ Мањкамов Дастам дар мавзўи «**Асосњои педагогии демократикунонии раванди таълиму тарбият дар мактабњои миёнаи касбї**» рўзи 28 январи соли 2012 аз рисолаи худ бо муваффаќият дифоъ намуд *(роњбари илмї профессор Сулаймонї С.).*

3. Муњаќќиќ ва унвонљўй Фарзана Содот Њусайниён аз Љумњурии исломии Ирон дар Шўрои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тољикистон зери унвони **«Баррасии назарии рањёфти компдексї ба тайёркунї ва бозомўзии муаллимон дар Ирон»** (*«Теоретическая обоснованность комплексного подхода к подготовке и переподготовке учительских кадров в Иране»),* рўзи 30.07.12 аз рисолаи худ бо муваффаќият дифоъ намуд *(роњбари илмї академик Лутфуллоев М.).*
4. Муњаќќиќ ва унвонљўй аз Љумњурии исломии Ирон Тањминаи Бозгир дар Шўрои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тољикистон зери унвони «**Баррасии назарии ибтикоротї дар рањёфти даврањои омўзишии муаллимони макотиби ибтидоии Ирон**» *(«Теоретическая обоснованность инновационной ориентации курсов повышения квалификации учителей начальных школ Ирана»* дар таърихи 29.05.12 аз рисолаи худ дифоъ кард. (роњбари илмї, профессор Каримова И.Х.)
5. Муњаќќиќ ва унвонљўй Хусайни Сайид Исо аз Љумњурии Исломии Ирон дар Шўрои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тољикистон зери унвони **«Интиќоли арзишњои педагогї дар мазмуни омўзиши умумї дар шароити љањонишавї** (дар асоси маводи Љумњурии исломии Ирон) (*«Трансформация педагогических ценностей в содержание общего образования в условиях глобализации» (на материалах Исламской Республики Ирана)* дар таърихи 7.07. 12 аз рисолаи худ дифоъ кард. *(роњбари илмї, профессор Абдусалом Миралиев)*

## НАЌД ВА БАРРАСИИ КИТОБ

## КРИТИКА И БИБЛИОГРАФИЯ

### Дар маљрои дигари фарњангшиносии навин

**Сулаймонї С. Фарњангшиносї: назария ва амалия / чопи дувум, бо илова ва таљдиди назар. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 528 с.** ***ISBN 978-99974-0-582-2***

Имрўз илми фарњангшиносї дар ќатори дигар илмњо пешрафт намуда, рўз ба рўз доманаи он густурдатар шудааст. Гарчанде кишвари мо собиќаи фарњангию фарњангшиносии ѓанї дорад, аммо то њол ба ин илм камтар таваљљўњ зоњир шуда, улуми фарњангшиносї мавриди беътиної ќарор гирифтааст, њол он ки ба забонњои гуногун дар ин ришта асарњои зиёд таълиф ва ё тарљума мешаванд. Мутаассифона, дар кишвари мо аќаллан аз кори тарљумаи чунин китобњо иќдоме њам ба амал наомадааст.

Ба ин хотир, ин халои илмиро эњсос карда, фарњангшиносиро мавриди баррасї ќарор додем. Чунин иќдом њосили талошњои њамарўзаи муаллиф ва маслињати чанд тан донишмандони риштаи фарњангшиносї дар таълифи ин китоб мебошад.

Матни њозир кўшишест ба манзури таълифи як китоби аслї дар заминаи фарњангшиносї. Китобњои зиёде дар фарњангшиносї бо забонњои гуногун бавижа русї нашр гардида, ки њар як сањме дар ошноии илми љадид ва густариши он аст. Аммо ин талошњо бо вуљуди гуногунї ва теъдоди зиёд натавонистаанд ниёзи алоќамандонро дар фарњангшиносї таъмин кунанд. Ин аст, ки иттилооти бештари илмии бонизомро дар заминаи фарњангу тафаккури миллии тољикї њоло дар даст надорем.

Дар ин мухтасар имкон нест, ки ба норасоињо ва дастовардњои њар китоби фарњангшиносї ва илмњои вобаста бипардозем, вале он чи ки таи солњои охир ба он огоњї ёфтем, борњо кўшидем, ки оё онњо дархўри донишљўёни мо њастанд ва ё метавонанд унсурњои фарњанги тољикиро инъикос кунанд ва нињоят дар њайрат мондем. Китобе, ки ба забони русї ба табъ мерасанд, бештар ба арзишњои фарњангии аврупої созгоранд ва донишљўёну устодони мо барои омўзиши тахассусии ин соња мувофиќи он китобњо таълим мегиранд.

Воќеан, донишљўёни риштањои ѓайритахассусии фарњангшиносї дар ин робита ба мушкилоти бештаре рў ба рў мебошанд. Тањлилу баррасии мо нишон дод, ки дар робита бо таълими фарњангшиносї дар донишгоњњо як низоми мушаххас ва як барномаи бунёдии таълимї вуљуд надорад. Таваљљўњи баъзе устодон дар раванди таълими фарњангшиносї ё ба фалсафаи фарњанг ё ба таърихи он ва ё аз дидгоњи илмњое, ки худи устодон мутахассис мебошанд, омўхта мешавад. Дар натиља омўзандагони ин фан донишњои мунтазам ва амиќи фарњангшиносї надоранд. Бештари онњо аз заминањои фарњанги миллї ва ё аз манбаъњои фарњангу тамаддуни башарї кам иттилоъ доранд. Манзури мо таълими фарњанг бо њамаи мўњтавиёташ набуда, балки роњкушої барои омўзиши ин фан мебошад.

Бори аввал кўшиш ба харљ дода шудааст, ки дар заминаи фарњанги миллии тољикї ва арзишњои башарии он барои касони бо фарњангшиносї иттилооти бештаре касбкунанда китоб тањия гардад. Ба ин манзур, дар замима баъзе матнњои фарњангшиносиро ба маърази хонандагони гиромї гузоштаем. Њамчунин, барои рањнамоии китобњои зарурї, ки дар ин замина интишор ёфтаанд, дар бахши китобшиносї танзим гардидааст.

Китоб таърифи мафњуми фарњангшиносї ва фарњангро бо маънои мухталифи он дар замонњои гуногун фаро мегирад. Муаллиф тамаддунњои Њинду Рум, Юнону Чин, Миср, сомї, яњуд, иронї ва тамаддуни даврони исломї, тамаддуни аврупої ва амрикоиро баррасї намуда, онро таркибе аз унсурњои њаёти моддї, созмони иљтимої, зиндагии маънавї, махсусан фикрї медонад. Дар бахши дувуми китоб ќисматњое аз осори ниёгон ва шахсиятњои мўътабар пиромуни фарњангу фарњангшиносї љой дода шудааст.

Китоб роњнамоест барои донишљўён ва шахсоне, ки касби мутолиоти фарњангро пеша мекунанд.

***Неъматулло ЊАЛИМОВ***

**Падидаи тоза дар илми љадид**

**Сулаймонӣ С. Китобхонашиносӣ: китоби дарсӣ барои донишҷӯён** ***(нашри дувум бо такмил ва иловаҳо).-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012.-147 с. . ISBN-978-99947-1-35-2***

Таърихи китобхонаҳои кишвари мо аз таърихи китобхонаи дигар кишварҳо қадимтар аст, ки имрӯз аз назари китобдорӣ авҷу камолот ёфтааст. Бо ин ҳама ба заҳмат метавон ин тифли навзодро, ки китобдории навин аст, аз ин марҳила раҳонид, зеро бисёр монеаҳои иҷтимоӣ роҳи ўро монеъ мекунад ва то ин тифл ба ҳадди рушд нарасад чигуна метавон аз ў интизори таҳқиқ ва таълифу интишорро дошт? Мушкилоти китобдорӣ, мисли ҳар мушкили дигар, ба омилҳои иҷтимоӣ вобаста аст ва мушкилоти нашр яке аз монеаҳои рушди илми китобхонашиносӣ мсбошад.

Таърихи нашри мақолоту китоби китобдорӣ ба забони тоҷикӣ кўтоҳ аст. Бояд аз мақолоте сухан гуфт, ки солҳои қабл ба таври пароканда дар маҷаллоти адабӣ, фарҳангӣ ва ё дар рўзномаю маҷаллоти оммавӣ аҳёнан мунташир мешуданд, гарчи ин мақолот оиди масоили хоси китобдорӣ набуда, лекин ба тарзе бо дунёи китоб ва китоб хондан робита дошт.

Лозим ба тазаккур аст, ки имрўз ҳам мушкилоти интишори маҷаллоти китобдорӣ мавҷуд аст. Пеш аз ҳама камии нерўи инсонӣ, хонандагони маҷалла ва мушкилоти молию фанӣ вуҷуд дорад. Агар ин омилҳо ҳаллу фасл ёбанд илми китобдорӣ низ ғанитар мегардад ва масъалаҳои илмию фаннии он ҳаллу фасл мешавад.

Омўзиши китобдорӣ низ ба душвориҳои бисёр рў ба рўст. Аммо дар миён ду мушкили асосӣ чашмгиртар аст: яке камбуди омўзишгар ва дигаре камбуди китоби тоҷикӣ дар заминаи илми китобхонашиносӣ. Солҳои охир талошҳои мутахассисони ин риштаро барои рафъи ин ду камбудӣ бояд зикр кард[1]. Бо ин ҳама то ҳангоме ки китоби тоҷикӣ ба ҳадди кофӣ барои омўзиши китобдорӣ мавҷуд набошад, ба пояи баланд баромадани ин илм дар Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Донишҷў аз ҳар нуктае, ки бихоҳад омўзиши ин илмро шурўъ кунад ба тадриҷ бо ин пурсиш рў ба рў мешавад: «Китобхонашиносӣ чист ва дар он аз чи мавзўъе сухан меравад?» Дар ин посух ду масъалаи дигар ҳам норавшан мегардад. Яке ошно набудани вай ҳини таҳсил бо сабаби мавҷуд набудани китоби дарсӣ ва дигаре мондани мафҳумҳои норавшан дар зеҳни ў.

Китоби ҳозир кўшише аст дар ин роҳ. Истифода аз як ё ду асари хориҷие, ки дар ин замина интишор ёфта, барои донишҷўи навомўз чандон судманд нест, зеро ҳар яке ногузир ба масъалаҳои илмии худ таъкид кардаанд. Китобхонашиносӣ фанни густурда ва умумибашарӣ буда, бештар масъалаҳои назарияҳои мухталифи ҷаҳониро тақозо мекунад.

Аз ин хотир мо кўшиш менамоем, то ҳамаи ин нуқсонҳоро омўхта, бартараф намуда, ин фанро аз дид ва назари тоза таълиф созем. Албатта муаллиф, ки таи солиёни дароз аз ин фан дар кишварҳои хориҷӣ дарс гуфтааст, таҷрибаашро истифода бурдааст. Хусусияти китоб низ дар он аст, ки бори аввал таҷрибаи китобхонашиносии хориҷӣ мавриди истифода қарор мегирад ва ба масъалаи мубрами ин фан аз диди умумибашарӣ баҳо дода мешавад. Масалан, нақши иҷтимоии китобхонаҳо на танҳо дар доираи як ҷомеаи башарӣ, балки дар кулли иҷтимоот мавриди баён қарор мегирад. Бори аввал хусусиётҳои раҳёфти низомёфта дар таълими китобдорӣ истифода мегардад ва шабакаи китобхонаҳои гуногун, хусусиёти шарқию исломии онҳо,

[1] Столяров Ю. Н. Маҷмўаи китобхона: Дарснома барои донишҷўёни факултаи китобдорӣ / Аз русӣ тарҷумаи Зиёрат Шораҳматов. Бо кўшиш ва вироиши Сафар Сулаймонӣ - Душанбе: Амри илм, 1996. - 328 с.; Сулаймонӣ С. Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ: Дарснома барои донишҷўёни факултаи китобдорӣ /Муҳаррир Б. Холов, М. Султонзода.- Душанбе: Амри илм, 1997. - 188 с. ва ғайра.

шеваҳои таҳқиқи китобхонашиносӣ, китобхонашиносии татбиқӣ ва ғайра мавзӯоти тозаи ин фан мебошад, ки дар дигар китобҳои дарсӣ ва ҳатто таҳқиқоти ҷудогона пайдо намешаванд.

Аз сӯи дигар, китобҳои хориҷӣ барои донишҷӯёни мо дастрас нестанд.

Дар таълифи китоб, гурӯҳи муайяне аз назари табақоти омӯзишӣ дар назар гирифта нашуда, меъёр дар ин марҳила танҳо навомӯзии хонанда буд. Кӯшиш ба кор рафт, то китоб барои онҳое, ки бо илми китобхонашиносӣ ношиносанд, судманд бошад ва аз ин рӯ ҳадафи аслӣ равшан сохтани мафҳуми илми китобхонашиносӣ мебошад.

Дар бахши аввал заминаи куллии илми китобхонашиносӣ мавриди баҳс қарор гирифта моҳияти мавзӯъ баён шудааст. Дар бахши дувум пояи чаҳоргонаи ин илм дар маърази андешаи хонандагони гиромӣ қарор дорад.

Гуфта шуд, ки китоби ҳозир кӯшише аст дар роҳи шиносонидани илми китобхонашиносӣ ба хонандаи навошнои тоҷик. То чи ҳад дар ин роҳ муваффақ гаштаем, хонандаи гиромӣ қазоват намояд. Аммо, умедвор ҳастем, ки ин китоб барои омӯзиши заминаҳои ин фанни тахассусӣ муфид мешавад.

***Қурбоналӣ БӮРИЕВ***
***Сайфиддин КАМОЛЗОДА***

## НАШРИЯЊОИ ТОЗА

**Шарифзода, Файзулло. Педагогикаи ќарни XX1 /Бо кўшиши профессор Сулаймонї С. - Ќум: интишороти Овоматн, 2012. - 412 с.** ***Ба форсї***

*Дар китоб масоили умдаи педагогикаи навин бо баррасии ановини зерин: равиши таълиму тарбияти инсонгарої, мушкилоти муосири омўзиши инсонгарої, инсонгарої љузъи асосии тафаккури навини омўзиш, њукмронї ва инсонгарої дар раванди таълиму тарбият, раванди омўзиши инсонгарої, асосњои арзишгузории равандњои омўзишї, ќоидањои асосии омўзгорї, нуктаёбї барои омўзгор, ќоидањои асосии таълиму тарбияти гумонистї, таълиму тарбияти гуманистї дар дониши иќтисобї, демократисозии тањсилот ва раванди омўзиш дар шароити кунунї, мушкилоти равоншиносї ва таълимоти демократии тарафайн дар таълиму тарбият, технологияи нав дар таълиму тарбият, бахшњои асосии тањќиќоти илмї, ибтикорот ва навофаринї дар таълим, њамгироии љараёнњои омўзишї, љамъбанди маќотеи байнириштаї, љараёнњои њамгиро дар улуми тарбиятї, системаи эътибори тањсилот дар љањон ва Тољикистон, вазъияти дурнамои илм ва фановарї дар Тољикистон, таъмини њуќуќии њамгироии илм ва омўзиш, вижагињои масъалаи њамгироии илм ва фановарї, мушкилоти тамоюли умедбахши илми педагогика дар ќарни XX1, риояти њуќуќи кўдак дар муассисањои вижаи кўдакон дар Тољикистон, шароити омўзиши вижаи кўмак ба бачањои маълул, фарњанги хонавода ва омодасозии фарзандон барои зиндагї, ахлоќ ва равоншиносии зиндагии хонаводагї, омодасозии фарзандон барои зиндагї, њамкорињои омўзишї, мушовира, мадорис, волидайн, озодї ва њамкорї ва чанде аз дигар мавриди баррасї ва бањрабардорї ќарор гирифтааст. Дидгоњњои навини муаллиф пиромуни асосњои фалсафаи таълиму тарбият, масоили ќонунгузорї дар соњаи маориф, тањаввули ањдофи омўзиш дар љањони имрўз, тањсилот дар шароити љањонишавї ва чанде аз дигаре аз онњо тањќиќ гардидааст. Китоби мазкур барои донишљўёни риштаи педагогика ва мутахассисони соња пешнињод мегардад. Китоб дар чунин мавзўъ бори аввал дар Ирон ба чоп расидааст.*

**Сулаймонї С. Фарњангшиносї: назария ва амалия / чопи дувум, бо илова ва таљдиди назар. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 528 с.** ***ISBN-978-99974-0-582-2***

*Китоб таърифи мафњуми фарњангшиносї ва фарњангро бо маънои мухталифи он дар замонњои гуногун фаро мегирад. Муаллиф тамаддунњои Њинду Рум, Юнону Чин, Миср, сомї, яњуд, иронї ва тамаддуни даврони исломї, тамаддуни аврупої ва амрикоиро баррасї намуда, онро таркибе аз унсурњои њаёти моддї, созмони иљтимої, зиндагии маънавї, махсусан фикрї медонад. Дар бахши дувуми китоб ќисматњое аз осори ниёгон ва шахсиятњои мўътабар пиромуни фарњангу фарњангшиносї љой дода шудааст.*

*Китоб роњнамоест барои донишљўён ва шахсоне, ки касби мутолиоти фарњангро пеша мекунанд.*

**Сулаймонї С., Њасаналї Мирзобегї. Ќуръон ва мањоратњои зиндагї: ирода ва сабру муваффаќият.- Тењрон: Овоматн, 2012.-136 с.** ***ISBN- 978-964-2673-92-3***

*Дар китоб масъалаи мањоратњои зиндагї, бо таваљљўњ ба ирода ва муваффаќият мавриди баррасї ќарор гирифтааст. Масоили масъулияти олимон ва донишмандон, анвоъ ва аќсоми сабру тањаммул, таќво ва иззати нафс, сифатњо ва*

*нишонаҳои солим ва парҳезгорон, сабру тоъат, маҳоратҳои тарки гуноҳ, сабру ҷамил, такри одатҳои баднафсӣ ва дигар масъалаҳои ахлоқӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Китоб барои онҳое, ки мехоҳанд аз маърифати исломӣ баҳраманд гарданд, армӯғонест хонданӣ.*

**Сулайм онӣ С. Китобхонашиносӣ: китоби дарсӣ барои донишҷӯён *(нашри дувум бо такмил ва иловаҳо).-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012.-148 с. ISBN-978-99947-1-35-2***

*Дар таълифи китоб гурӯҳи хоси муайян аз назари табақоти омӯзишӣ дар назар гирифта нашуда, меъёр дар ин марҳила танҳо навомӯзии хонанда будаст. Кӯшиш ба кор рафта аст, то китоб барои онҳое, ки бо илми китобхонашиносӣ ношиносанд, судманд бошад ва аз ин рӯ, ҳадафи аслӣ равшан сохтани мафҳуми илми китобхонашиносӣ мебошад.*

**«Чиҳил ҳадис /Бо эҳтимоми Мулло Мирзо Адҳам ибни Мирзо Абдулқодир Ҳоҷии Исфарагӣ /Таҳия ва таҳқиқи Сафар Сулаймонӣ; Бунёди ироншиносии тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 246 с. *ISBN- 978-99947-0-708-9***

*Китоби **«Чиҳил ҳадис»** таълифи яке аз донишмандони исфарагӣ Мулло Мирзо Адҳам ибни Мирзо Абдулқодир Ҳоҷии Исфарагӣ аз ҷумлаи китобҳои асосии сабақомӯзӣ ба ҳисоб меравад. Аз сабаби он ки китоби мазкур 100 сол қабл китобат шудааст, аз ҷониби хаттот баъзе саҳву хатоҳо ба назар мерасид, ки барои ислоҳи он кӯшиш ба харҷ дода, ба ислоҳи он пардохтем, то хонандаи имрӯз битавонад бо роҳатӣ онро мавриди истифода қарор диҳад. Ин иқдом дар бобати баргардон ба хати имрӯзаи тоҷикӣ ва бо ин роҳ дастраси умум гардонидани осори таърихӣ муҳим мебошад. Ин китоб барои онҳое, ки дар қалби худ эътиқод доранду бо шаммае аз зиндагии бузургони дину мазҳаб, аз қабили Имоми Аъзам (р) ва дигарон, ки аз тариқи ҳикоятҳои ширину гуворо оварда шудаанд, ошно шудан мехоҳанд, раҳнамои хубест.*

**Мирзоҷонӣ, Садро. Шароитҳои равоншиносию педагогии иҷтимоисозии духтарони фирорӣ /Зери назари профессор Сулаймонӣ С.; Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ; Бунёди ироншиносии тоҷик.-Душанбе: Ирфон, 2012.- 145 с. *ISBN 978-9994-0-626-6***

*Фирор аз хона рафторе аст, ки дар ибтидо ба сурати як иқдоми сода анҷом мегирад ва сипас, то бекорӣ, дуздӣ, хариду фурӯши моводи мухаддир, фаҳш, қатл ва дар ниҳоят худкушӣ кашида мешавад. Ин ки фарде аз хона фирор мекунад ва таҳти таъсири омилҳое даст ба ибтикор мезанад, бахше аз ин рафтори нохушоянд аст ва бахши дигари он иборат аст аз паёмадҳои гуногуни иҷтимоӣ сабаби чунин рафторҳо мешавад.*

*Яке аз вазифаҳои муҳим дар таълиму тарбияти як насл ёрӣ додани он барои ёфтани ҳуввияти хеш аст. Мураббиён, муаллимон, мудирон ва волидайн бояд шароит ва муҳитеро фароҳам созанд, то бачаҳо дар поёни давраи навҷавонӣ битавонанд тавсифу тасвири каму беш равшане аз худ ва мавқеияти иҷтимоии хеш ва низ ояндае, ки дар пеши рӯ доранд, дошта бошанд.*

*Дар китоб омилҳои равонию педагогии иҷтимоисозии духтарони фирорӣ мавриди таҳқиқ ва пажӯҳиш қарор гирифтааст. Китоб барои муаллимон, равоншиносон ва падару модарон роҳнамои муфид мебошад.*

**Абдулраҳимӣ, Азро. Бунёди педагогии мудирияти ёдгириҳои иҷтимоӣ /зери назари профессор С. Сулаймонӣ; Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ; Бунёди ироншиносии тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 285 с. *ISBN 978-99947-0-591-7***

*Омӯзишҳои иҷтимоӣ ба он даста аз омӯзишҳо гуфта мешавад, ки тобеи иродаи як созмони омӯзишии хос набуда, ба суратҳои мухталиф, хориҷ аз ташкилоти расмии омӯзишӣ, ҷиҳати баланд намудани сатҳи зиндагии фардӣ ва иҷтимоии афрод аз равишҳои мухталифи имконпазир ба гурӯҳҳои мухталифи инсонҳо пешкаш мегардад, то афрод битавонанд дар муқобили ниёзҳои зиндагии худ дар тӯли умр маҳорати кофӣ дошта, аз маҳоратҳои лозим ҷиҳати зиндагӣ дар ҷомеа бархурдор гарданд, ба саодати нисбӣ, зиндагии ҳадафманд ва рӯ ба рушд бо ҳадафи кайфиятбахше идома диҳанд.*

*Аз ин рӯ, дар ин таҳқиқ пажӯҳишгар низ бо таваҷҷӯҳ ба рисолате, ки нисбат ба ҷомеа дорад, бар зарурати вуҷуди модели мудирияти ин омӯзишҳо ишора дорад ва ҷиҳати таҳқиқи ин ҳадаф ба анҷоми ин таҳқиқ пардохтааст.*

**Ҷадидӣ, Баҳром. Проблемаҳои педагогии ташкили фароғатии бузургсолони нобино дар Ирон (дар асоси пажӯҳишҳои сотсиологӣ /Зери назари профессор Сулаймонӣ С.; Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Бунёди ироншиносии тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 2011.- 155с. *ISBN 978-99947-0-556-6***

*Афроди нобино ва ё нимабиноe, ки дар муҳитҳои варзишии идора, донишгоҳ, муҳити парк ва ё дар бошгоҳҳои варзишӣ ба фаъолият мепардозанд ва авқоти фароғати худро бо дигарон сипарӣ мекунанд, зимни он, ки ба ҳифз ва нигаҳдории саломати ҷисмонии худ кӯмак мекунанд, ҳамбастагии иҷтимоии худро низ афзоиш медиҳанд. Манзур аз иҷтимоӣ шудан ва ҳамбастагии иҷтимоӣ барои афроди нобино, аз як тараф, ворид шудан ба иҷтимоъ ва аз сӯйи дигар, дарки мутақобили худ аз дигарон ва дигарон аз худ аст.*

*Он чӣ дар мавриди авқоти фароғат дар миёни афроди нобино ба даст меояд, нишон медиҳад, ки бояд барномарезии дақиқтар, дар мавриди чигунагии гузаронидани авқоти фароғати эшон анҷом шавад.*

**Шӯҳраи Муҳаммадиён. Ҷойгоҳи занон дар мудирияти илмии низоми омӯзиш ва парвариши Ирон /Зери назари профессор Сулаймонӣ С.; Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ; Бунёди ироншиносии тоҷик.-Душанбе: Ирфон, 2012.- 215с. *ISBN 978-99947-813-7-9***

*Ҳифзи нақшҳои мудириятӣ метавонад сабаб ба тағйири нигариши занон нисбат ба худ ва тавоноиҳояшон шавад, эҳсоси ризоятмандӣ ва худбовариро дар онон афзоиш диҳад. Табодули афкору андешаҳо дар муҳит боиси афзоиши сатҳи фарҳангии онон мешавад. Афзоиши иттилоот ва огоҳиҳо метавонад дар сохторҳои фардӣ ва иҷтимоии онон таъсир бигузорад ва ҳамчунин, дастрасии занонро ба манобеи камёби сарват, мазалати иҷтимоӣ ва қудрат фароҳам намояд. Китоби мазкур ба ҷойгоҳи занон дар мудирияти илмии низоми омӯзиш ва парвариши Ирон бахшида шудааст.*

**Паёми Академияи тањсилоти Тољикистон: мањаллаи илмї, маърифатї ва таълимию методї.-Душанбе.- 2012.-№2 (9).-167 с. ISSN 2222-9809**

Паёми Академияи тањсилоти Тољикистон: мањаллаи илмї, маърифатї ва таълимию методї ки яке аз нашриянњои мебошад, дар тўли ин муддат 8 шумораи он барои чоп омода гашт, ки дорои Шумораи байналмилалии **2222-9809** мебошад.

Дар шумораи охири он №2 (9), 2012, 23 маќолаи илмї дар иртибот бо масъалањои мубрами замон љой дода шуд, ки њар яке бо њусну ќубњи илмии худ мањалларо оро додаанд. Пеш аз њама маќолоти сирфан илмию назарї дар рубрика ва равзана зери унвони: масоили назарии педагогика, дидактика, мероси ниёкон, педагогикаи хонавода, педагогикаи равоншиносї, фарњангшиносї, аз таљриба, наврўзи навбањорон, нашриянњои тоза ва рубрикаи љашнвораи мо мавриди бањрабардорї ќарор гирифтанд. Маќолањои профессор Сулаймонї С., Тоњира Халилї, Шўњра Мањмудиён, Муслим Писараклу, Фотимаи Ќосимзода, Самсон Каримї, Давлатшоев И., Љамолиддин Саидзода хеле љолиб ва пурмўњтаво мебошанд.

## МУАЛЛИФОНИ ИН ШУМОРА

***Жан Жак РУСО*** - маорифпарвар ва педагоги маъруф
***Файзулло ШАРИФЗОДА*** - доктори илмњои педагогї, академики АТТ, профессор
***Сафар СУЛАЙМОНЇ*** - доктори илмњои педагогї, профессор
***Мањмадулло РАЉАБОВ*** - номзади илмњои педагогї, дотсент
***Ботур КАРИМОВ*** - номзади илмњои педагогї, дотсент
***Гавњар МУХТОРОВА*** - номзади илмњои педагогї, дотсент
***Неъматулло ЊАЛИМОВ*** - номзади илмњои педагогї, дотсент
***Љумъа БУЛБУЛОВ*** - номзади илмњои педагогї
***Ќурбоналї БЎРИЕВ*** - номзади илмњои таърих
***Сайфиддин КАМОЛЗОДА*** - номзади илмњои педагогї

**x x x**

***Алии МАРВЇ*** - унвонљўи ДДОТ ба номи С.Айнї
***Алишер АЛИЕВ*** - унвонљўи Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ
***Ањмад Ризо ДОДОР*** - унвонљўи Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ
***Бањроми ЉАДИДЇ*** - унвнљўи ДДОТ ба номи С.Айнї
***Бежани ЌУРБОНЇ*** - унвонљўи Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ
***Зуњра КОВА*** - унвонљўи ДДОТ ба номи С.Айнї
***Зуњра ЊАДДОД*** - унвонљўи Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ
***Зуњра ШОЊЇ*** - унвонљўи ДДОТ ба номи С.Айнї
*Маљид Мањмуди МУЗАФФАР* - унвонљўи ДДОТ ба номи С. Айнї
***Муњаммад Мењдии МАРДОНШОЊЇ*** - унвонљўи ДДОТ ба номи С. Айнї
***Насими ЛУТФЇ*** - унвонљўи Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ
***Садро МИРЗОЉОНЇ*** - унвонљўи ДДОТ ба номи С. Айнї
***Фалоњатии Бељорпас УМУЛБАНИН*** - унвонљўи Пажўњишгоњи рушди маорифи АТТ

## АВТОРЫ ЭТОГО НОМЕРА

***Жан Жак РУССО*** - просветитель и известный педагог

***Файзулло ШАРИФЗОДА*** - док. пед.наук, академик АОТ, профессор
***Сафар СУЛАЙМОНИ*** - док. пед.наук, профессор
***Махмадулло РАДЖАБОВ*** - канд.пед.наук, доцент
***Ботур КАРИМОВ*** - канд.пед.наук, доцент
***Гавхар МУХТОРОВА*** - канд.пед.наук, доцент
***Джума БУЛБУЛОВ*** - канд. пед.наук
***Курбонали БУРИЕВ*** - канд.ист.наук
***Камолзода САЙФИДДИН*** - канд.пед.наук

**x x x**

***Али МАРВИ*** - соискатель ТГПУ им.С Айни
***Алишер АЛИЕВ*** - соискатель НИИ развития образования АОТ
***Ањмад Ризо ДОДОР*** - соискатель НИИ развития образования АОТ
***Бахром ДЖАДИДИ*** - соискатель ТГПУ им.С Айни
***Бежан КУРБОНИ*** - соискатель НИИ развития образования АОТ
***Зуњра КОВА*** - соискатель ТГПУ им.С Айни
***Зухра Щахи*** - соискатель ТГПУ им.С Айни
***Зуњра ЊАДДОД*** - соискатель НИИ развития образования АОТ
***Маджид Махмуд МУЗАФФАР*** - соискатель ТГПУ им.С Айни
***Мухаммад Мехди МАРДОНШОЊИ*** - соискатель ТГПУ им.С Айни
***Насими Лутфи*** - соискатель НИИ развития образования АОТ
***Садро МИРЗОДЖОНИ*** - соискатель ТГПУ им.С Айни
***Фалоњати Бечорпас УМУЛБАНИН*** - соискатель НИИ развития образования АОТ

## Ба таваљљўњї муаллифон

Ба хотири бењбудии фаъолияти мањаллаи «Паёми Академияи тањсилоти Тољикистон» зарур медонем, ки маќолањо ба шакли зерин ба идораи мањалла пешнињод карда шаванд: њатман бо хулосаи мухтасар (резюме) ба забонњои русї ё англисї, маќола дорои сарлавња бошад, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф (ному насаб – пурра, унвони илмї, вазифа ва љои кор), шарњ – номгўи маќола ва адабиёти истифодашуда ба шакли хаттї ва электронї (дар диск ё флешка) ва як нусха маќола чопи принтерї пешнињод карда шавад.

Маводи маќола пухтаю њаматарафа санљидашуда бошад.

Маќола бояд ба шакли компютерии Times New Roman Tj - 14. тањия шуда бошад.

Андозаи коѓаз: А- 4. Њошия: аз боло ва поён – 2, 5 см. тарафи чап – 3 см. рост – 1, 5. Андозаи њуруф: 14. Фосилаи байни сатрњо: одинарный

## Роњнамо барои муаллифон

Дар мањаллаи «Паёми Академияи тањсилоти Тољикистон» хабару маќолањои олимони соњаи педагогика, методистону устодон, муаллимон, унвонљўён ва устодони мактабњои олии касбї, муассисањои таълимї ва илмии Љумњурии Тољикистон ва хориљиёне, ки дар Љумњурии Тољикистон кору фаъолият доранд, ба табъ расонида мешаванд.

Маќолањо дар давоми сол ќабул карда мешаванд. Редаксия њаќ дорад – маќоларо бо назардошти талаботи мањалла ќабул ва кутоњ кунад ва ё рад намояд. Маќолањое, ки пештар дар дигар нашриянњо ба табъ расидаанд, ќабул карда намешаванд. Дастхатњоро редаксия барои таќриз (бањо додан) мефиристад ва муаллифро дар мавриди зарурат ба мўњтавои он ошно месозад.

Ба маќолањои унвонљўён ва њимоятгарони корњои номзадї тавсияи роњбаронашон зарур аст. Аз унвонљўён барои чопи маќола маблаѓ гирифта намешавад.

Њаљми маќолаи илмї набояд аз 16 сањ.(1 п.л.) зиёд бошад.

Ба Шумо барор мехоњем, муаллифони мўњтарам.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «**Вестник педагогики**» печатаются статьи содержащие результаты исследований по педагогическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо следующие правила:

1. Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском, персидском и английском языках.
2. Статья должна быть подготовлена в системе Microsof Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Nj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее- 3 см, нижнее -2, 5 см, левое-3 см, правое -2 см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи приводятся ключевые слова (до 10 слов на тадж.рус. и анг.яз).

Ссылки на цитируемую литературу даются в скобках, например (12, с.42). Список литературы приводится общим списком после ключевых слов (под заголовком «литература» в порядке упоминания в тексте.

К статье прилагается разюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст разюме приводится в конце статьи после списка использованной литературы.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

**مورد توجه مولفین مقالات**

**در مجله علمی زیرعنوان پیام آکادمی مقالاتی به طبع می رسد که نتایج پژوهشهای انجام یافته در علوم پداگوژی وعلوم وابسته به آن می باشد.**

**برای تهیه مقالات باید نکات زیر مورد توجه قرارگیرد .**

1. **اندازه مقالات نه بیش از 10 صفحه تا 12صفحه ؛متن کامپیوتری به زبانهای فارسی ؛روسی؛انگلیسی؛ و تاجیکی می باشد .**
2. **مقالات باید با فرمت word در CDو یک نسخه چاپی آمکاده شود.**
3. **مقالات باید با font time new romance 14 درانذازه A4 فاصله بین خطوط یک سانت باشد و از بالا سه سانتی متر و پایین دو ونیم سانتی متر و سمت چپ سه و راست دو سانتی متر باشد و کل صفحات شماره گذاری شده باشد.**
4. **در بالای صفحه در مرکز کاغذ آچار نام و نام خانوادگی مولف نشان داده شود .**
5. **در آخر مقاله نام موسسه ؛ ادرس؛ نشان داه شود .**
6. **در پایان مقالات کلید واژها به زبان فارسی و انگلیسی نشان داده شود و تعدا واژه ها بیش از ده واژه نباشد.**
7. **ارجاع به مقالات استفاده شده به صورت ( 12؛ ص42) نشان داده شود.**
8. **در آخر منابع طبق جدول الفبایی فارسی آورده شود.**

9. هر مقاله باید چکیده ؛ به فارسی و روسی ، و انگلیسی داشته باشد.
10.مدیریت هیئت علمی مجله می توانند مقالات را کوتاه و یا از نظر فنی دگرگون سازند .
11.مقالاتی که با عنوان مجله و استاندارهای آن همخوانی ندارد حذف می شود .
12.مجله در اینترنت در سایت www.aot.tj قابل دسترسی می باشد.
13.مقالات را به ادرس شهر دوشنبه خیابان عینی شماره 45 ویا به ادرس ایمیل gumanizm@mail.ru و irandost@yandex.ru ارسال کنید .

**Паёми Академияи таьсилоти Тоьикистон: маьаллаи илмї, маърифатї ва таълимию методї.-Душанбе.- 2012.-№2.-167 с.**

Маьалла таьти № 0004 / мљ 20 сентябри соли 2007 дар Вазорати фарњанги Љумњурии Тоьикистон сабти ном шудааст. Оѓози нашр: октябри соли 2009.

---

Сармуњаррир ***Ирина Каримова***
Љонишини сармуњаррир ***Маьмадулло Лутфуллоев***
Котиби масъул ***Сафар Сулаймонї***

---

**Аъзои њайати таьририя:**
**Редакционная коллегия:**
*Файзулло Шарифзода, Саъдуллољон Неъматов, Сайдамир Аминов, Сайфиддин Камолзода.*

*Мушовирони илмї:*
*Научные консультанты:*
**Саидов Н.-доктори илмњои фалсафа, профессор.**
**Каримова И.Х.- академики Академия таьсилоти Тоьикистон.**
**Лутфуллоев М. –академики Академия таьсилоти Тоьикистон.**

**Шарифзода Ф.- академики Академия таҳсилоти Тоҷикистон.**
**Кодиров Қ.Б. - узви вобастаи Академия таҳсилоти Тоҷикистон.**
**Зубайдов У.-- академики Академия таҳсилоти Тоҷикистон.**
**Нӯъмонов М.- узви вобастаи Академия таҳсилоти Тоҷикистон.**
**Неъматов С. -доктори илмҳои педагогӣ, профессор.**
**Миралиев А.-доктори илмҳои педагогӣ, профессор.**
**Мазуритский А.М. (Русия)- доктори илмҳои педагогӣ, профессор.**
**Маҷидова Б.-доктори илмҳои педагогӣ, профессор.**
**Баҳмани Ҳурризод (Ирон)-номзади илмҳои педагогӣ.**
**Ҷавади Тахирӣ (Ирон)-номзади илмҳои педагогӣ.**
**Маҳаммадшарифи Шарифӣ (Афғанистон)- номзади илмҳои педагогӣ.**

***Суроға: 734024 ,ш. Душанбе ,кӯчаи Айнӣ ,45, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, тел.+992 37 2274666; +992 3722275961,***
***E-mail:gumanizm@mail.ru***
***www.aot.tj***

---

**Вестник Академии образования Таджикистана: Научно-просветительский и учебно - методический журнал.- Душанбе.- 2012.-№2.-167 с.**

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 20 сентября 2007 года за № 0004 (мч).
Начало издания: октябр 2009 года.

Главный редактор - ***Ирина Каримова***
Зам. ғлавного редактора - ***Маҳмадулло Лутфуллоев***
Ответственный секретарь - ***Сафар Сулаймони***

***Адрес: 734024 ,г.Душанбе ,ул. Айнӣ ,45, Академия образование Таджикистана, тел.+992 37 2274666; +992 3722275961,***
***E-mail:gumanizm@mail.ru***
***www.aot.tj***

*Тираж 550*

*Типография «Сифат»*
*Г.Душанбе,ул.С.Айни, 45.*